**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ВБД: 9 (575.3)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ОБИДОВ РУСТАМ ҲОШИМОВИЧ**

# БОЙГОНИИ МИНТАҚАВИИ ҲИСОР ҲАМЧУН САРЧАШМАИ МУҲИММИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ НАВТАРИНИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих
аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор Муҳидинов С.Р.**

**Душанбе - 2022**

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО .......................................................................... 3**

**МУҚАДДИМА .......................................................................................................... 4**

**БОБИ 1. БУНЁДИ ТАРТИБОТИ ШӮРАВӢ ДАР ВОДИИ ҲИСОР ВА ТАЪСИСИ БОЙГОНИҲО ДАР ҲУДУДИ ОН.............................................20**

1.1.Бунёд ва мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор........20

1.2.Таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор.....................32

1.3.Маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ.......................57

1.4.Азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар минтақаи Ҳисор...........................................................................................................67

**БОБИ 2. МАНБАЪҲОИ ПУРКУНӢ, ТАРКИБИ ХАЗИНАҲО, ТАЪМИНИ ҲИФЗ ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ФИЛИАЛИ БОЙГОНИИ МАРКАЗИИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАҲРИ ҲИСОР .....................78**

2.1.Манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор.......................................................................................78

2.2.Таъмини ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор.................................................................93

2.3.Санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси (экспертизаи) арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор.....................................................................111

2.4.Шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқоти таърихи навини Тоҷикистон .......................................................123

**ХУЛОСА ...............................................................................................................148**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ ........................................................................................158**

**ЗАМИМА...............................................................................................................167**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| **БТ** - | Бюрои ташкилӣ |
| **БМДТ -** | Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ГАФ(ХБД** - | Хазинаи бойгонии давлатӣ |
| **ИКБ** - | Идораи кулли бойгонӣ |
| **ИҶШС -** | Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсилистӣ |
| **КИМ** - | Кумитаи иҷроияи маҳаллӣ |
| **КИН** - | Кумитаи иҷроияи ноҳиявӣ |
| **КИМ -** | Кумитаи Иҷроияи Марказӣ |
| **КНҲК(б)** - | Кумитаи ноҳиявии ҳизби комунистии (болшовекӣ) |
| **КХМ** - | Комиссариати халқии молиявӣ |
| **КХКД** - | Комиссариати халқии корҳои дохилӣ |
| **ЛИКБЕЗ** - | Кумита оид ба барҳам додани бесаводӣ |
| **МТС (СМТ)-** | Стансияи мошинӣ-тракторӣ |
| **НТМС** - | Нақшаи техникӣ молиявӣ- саноатӣ |
| **НТО** (ТИТ) - | Ташхиси илмӣ - техникӣ |
| **НҲД** - | Назорати ҳизбӣ- давлатӣ |
| **РГГУ** - | Донишгоҳи давлатии гуманитарии Россия дар шаҳри Москва |
| **СИМ** - | Стансияи инкубатори мурғпарварӣ |
| **ТОЗ** - | Хоҷагиҳои коллективӣ |
| **ФБМДТ -** | Филиали Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар ш. Ҳисор |
| **ХБ** - | Хазинаи бойгонӣ |
| **ХБМ** | Хазинаи бойгонии миллӣ |
| **ХМБ** - | Хазинаи мутаҳидаи бойгонӣ |
| **ҶМШСТ** - | Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Социалистии Тоҷикистон |
| **ҶШС -** | Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон |
| **ШХХ** - | Шӯъбаи хоҷагии халқ |
| **ЭМ** - | Ноқилҳои зудэҳсоси зидди сухторӣ |
| **ЭПК** - | Комиссияи экспертию назоратӣ |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Бойгонӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи сохтори давлатӣ буда, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқро ифода менамояд. Ҳар як ҳуҷҷати дар он маҳфузбуда, паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро таҷассум мекунад.

Бо гузашти айём дастоварду комёбӣ, камбудию норасоиҳои дар ҳар давру замон ҷойдоштаи ҷомеъа ба саҳифаҳои таърих маҳз тавассути бойгониҳо ворид мегарданд. Агар даврони бостон ва асри миёнаро тавассути маводҳои таърихию бостоншиносӣ баҳо диҳанд, пас давраи навтаринро аз ҳуҷҷатҳои маҳфузмондаи бойгониҳо меомӯзанд. Имрӯз бе ягон шубҳа бояд гуфт, ки бойгонӣ ганҷинаи бебаҳои хотираи таърихии халқу миллат ба шумор меравад. Нахустин бойгониҳо дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ, дақиқан дар Хуҷанд ҳанӯз дар оғози асри XX пайдо шуда, маводҳои он, ки солҳои 1865 – 1917 – ро дар бар мегирифтанд, имрӯз асоси хазинаҳои давраи тоинқилобии Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ҳанӯз соли 1927 дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Социалистии Тоҷикистон (ҶМШС) ба сохтмони бойгонӣ шурӯъ намуданд. Пас аз таъсис гардидани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШСТ) (октябри соли 1929) кори бойгонидорӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Моҳи январи соли 1931 дар шаҳри Сталинобод Сарраёсати марказии бойгонӣ таъсис дода шуд.

Соли 1938 бойгониҳо ба Шуъбаи бойгонии Комиссариати халқии дохилии ҶШС Тоҷикистон шомил гардида, танҳо соли 1960 ба Хайати Идораи бойгонии назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дода шуданд.

Ин ниҳод дар соли 1980 ба Саридораи бойгонии назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон табдил ёфта, дар даврони истиқлол, аз соли 2006 номи Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба худ касб кардааст.

Бо вуҷуди он, ки ҳанӯз ҳам унвонҷӯёну донишмандон, мутаассифона ҳангоми таҳқиқот ба ҳуҷҷатҳои бойгониҳо кам таваҷҷуҳ доранд, вале

тадриҷан маводҳои бойгониҳо манбаъи омӯзиш ва истифодаи мутахассисони соҳаҳои мухталиф гардида истодаанд. Ин бесабаб нест. Соҳибистиқлолии Ҷумҳури Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки имрӯз натанҳо таърихи кишвар дар маҷмуъ омӯхта шавад, балки минтақаҳои мухталифи кишвар ҳамчун манбаъи таҳқиқ қарор гиранд. Дар ин қатор омузиши ганҷинаҳои бойгонии Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор сарфи назар нест. Таҳқиқот нишон дод, ки дар омӯзиши ҳуҷҷатҳо ин бойгонӣ миёни дигар филиалҳои Бойгонии марказии давлатӣ дар ҷумҳӯрӣ, дар яке аз ҷойҳои аввал меистад. Шӯъбаи Бойгонии ҶШС Тоҷикистон дар шаҳраки Ҳисор 5 апрели соли 1963 таъсис дода шудааст. Бойгонии мазкур дар асоси ҳуҷҷатҳои органҳои ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо, (новобаста аз шакли моликият ва тобеияташон), дар ҳудуди шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, ноҳияҳои Шаҳринав ва Варзоб амалкарда ё амалкунанда ташаккул ёфта, дар Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор нигоҳдорӣ карда мешаванд. Ин филиал хазинаҳои гуногунмазмун ва гуногундараҷаро дар бар гирифта, дар маҳфузгоҳҳои бойгонӣ зиёда аз 66915 (шасту шаш ҳазору нуҳсаду понздаҳ) парванда нигоҳ дошта шуда, маводҳои солҳои 1925-2014-умро дар бар мегиранд. Ҳуҷҷатҳо дар 425 хазинаи бойгонӣ (фонд) гирд оварда шудаанд. Дар асоси маводҳои хазинаҳои Филиал даҳҳо асарҳо офарида шуда, садҳо нафар шаҳрвандон барои маълумотҳои зарурӣ ба бойгонӣ муроҷиат менамоянд. Дар Филиал ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноатӣ ва сохтмонӣ, инчунин тақсимоти марзию маъмурӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд. Аз ин ҷост, ки омӯзиши таърихи ташаккул, сохтор ва мундариҷаи ҳуҷҷатҳои хазинаҳои ин Филиал ва дар заминаи ин ҳуҷҷатҳо таҳқиқи таърихи Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода аҳамияти калони илмию амалӣ доранд. Дар баробари он боз омилҳои зерин низ ба муҳиммияти мавзӯъ таъсир мерасонанд:

-дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бойгониҳо яке аз институтҳои

муҳимми таъминкунандаи ҳифзи боигарии зеҳнии миллат ҳисоб меёбанд;

- омӯзиши мавзӯъ барои таҳқиқи таърихи навтарини халқи тоҷик зарур буда, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад;

-бойгонӣ боигарии беназире мебошад, ки дар шароити кунунӣ аз онҳо, мутаасифона, мутахассисон кам бархӯрдор мебошанд;

- имрӯз таваҷҷуҳи мардум нисбати таърихи дур ва наздики кишвари хеш меафзояд. Ин омил боиси он гаштааст, ки минбаъд бойгониҳои давлатӣ бояд ба муассисаҳои дастраси умум табдил дода шаванд;

- тағйиротҳои дар даҳсолаҳои охир ба амал омада, мақоми хадамоти бойгониро дар системаи муассисаҳои бойгонӣ афзун намуда, маъмуриятҳои онҳоро нисбатан васеъ месозад. Имрӯз маҳз бойгониҳо ҳамчун манбаъи омӯзишӣ имконият фароҳам меоваранд, ки мутахассисон беш аз пеш ба ин манбаъҳо рӯ оранд ва саҳифаҳои торики таърихи кишварро рӯшан намоянд;

- бойгонӣ макони рушду инкишофи илми таърих ва пажӯҳишгоҳи илмӣ - татқиқотӣ мебошад;

- хазинаҳои Филиали Бойгонии марказии давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор қисми таркибии хазинаи миллии бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи таърих ва такомули Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дарҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Бовуҷуди он, ки мавзӯи рисолаи мазкур нахустин бор мавриди таҳқиқ қарор мегирад, дар хусуси фаъолияти бойгониҳои давлатии Тоҷикистон дар даврони Шӯравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ва Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аз ҷониби муаллифони мухталиф як силсила китобу ҷузваҳои арзишманд ба табъ расидаанд, ки паҳлуҳои гуногуни фаъолияти бойгонии мазкурро то андозае баррасӣ менамоянд. Осори чопшударо шартан ба панҷ гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст:

**Гуруҳи аввал** ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда ва меъёрӣ – ҳуқуқиро, ки фаъолияти бойгониҳоро баррасӣ менамоянд, фаро мегирад.

**Ба гурӯҳи дуюм** адабиёти назариявию амалӣ, ки ба масъалаҳои умумии таърих, назария, роҳу усулҳои ташкили фаъолияти бойгониҳо бахшида шудаанд, дохил мешаванд.

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳое ворид мегарданд, ки ба фаъолияти бойгониҳо дар Тоҷикистонӣ Шӯравӣ ва даврони соҳибистиқлолии он бахшида шудаанд.

**Гурӯҳи чорум** адабиётеро, ки роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва фаъолияти Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор маълумот медиҳанд, инчунин асарҳоеро, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои таърихии дар ин бойгонӣ маҳфузбуда таҳия ва ба чоп расидаанд, фаро мегирад.

**Гурӯҳи панҷумро** осори умумие ташкил медиҳанд, ки нисбати бойгониву бойгонишиносӣ ягон гуна ахбороти умумӣ пешниҳод намудаанд.

Пиромуни гурӯҳи аввали адабиёт бояд қайд кард, ки дар диссертатсия як қатор маводи расмӣ, аз ҷумла қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон, низомномаҳо ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.[1]

Воқеъан, ба гурӯҳи дуюм адабиёти назариявию амалие ворид гардидаанд, ки ҳанӯз аз охири солҳои 30-ум сар карда, аз ҷониби бойгоншиносони Шуравӣ К..Г. Митеев,[2] М.И.Корнева, Е.М.Тальман, Д.М. Энштейн,[3] В.В. Максаков,[4] А.В. Елпатьевский,[5] Г.М. Горфейн, Л.Е.

[1] Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон «Дар бораи ба Саруправленияи архиви назди Совети Вазирони РСС Точикистон табдил додани Управленияи архиви назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон// Маҷмӯаи ҳарорҳои Ҳукумати РСС Тоҷикистон. - Душанбе,1980. -№9. (257). - С.3-11.; Низомномаи Саруправленияи архиви назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз 21 –уми августи соли 1989, таҳти №145 бо қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон тасдиқ шудааст// Маҷмуаи қарорҳои Ҳукумати РСС Точикистон. - Душанбе,1989. -№9. (365). - С.3-11.; Низомномаи намунавӣ дар бораи бахши бойгонии Мақомоти Иҷроияи Ҳокимияти Давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,вилоятҳо,шаҳру нохияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.бойгонихои давлатии маҳаллӣ ва бойгонии байниидоравии ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ.- Душанбе: Эр – граф2011.- 40 саҳ.; Руководство по обеспечению сохранность документов .- М., 2006. -14с. Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон «Дар бораи ба Саруправленияи архиви назди Совети Вазирони РСС Точикистон табдил додани Управленияи архиви назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон// Маҷмӯаи ҳарорҳои Ҳукумати РСС Тоҷикистон. - Душанбе,1980. -№9. (257). - С.3-11Рӯйхати мақомоти давлатӣ, муссисахо,ташкилотхо ва корхонаҳо – манбаи пуркунии бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе:Эр-граф,2011.-40 саҳ.; Низомномаи намунавӣ дар бораи бахши бойгонии Мақомоти Иҷроияи Ҳокимияти Давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,вилоятҳо,шаҳру нохияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.бойгонихои давлатии маҳаллӣ ва бойгонии байниидоравии ҳуҷчатҳои ҳайати шахсӣ.- Душанбе: Эр – граф2011.- 40 саҳ.; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ аз 13 ноябри соли 1998.

[2] Митеев К.Г. Теория и практика архивного дела. –Москва,1946.;Митлеев К.Г. История и организации делопроизводства в СССР. – Москва,1959.-680 с.

[3] Корнева М.И., Тальман Е.М., Эпштейн Д.М. История архелграфии в дореволюционной России.Учеб. пособие. – Момква,1969. – 227с.

,[4] Максаков В.В. История и организация архивного дела в СССР (1917-1945гг.)- Москва: Наука,1969.-.431с.

Шепелев,[6] В.М.Жигунов,[7] В.И. Вяликов[8] тахия ва чоп шуда, дар хусуси ҳуҷҷатгузории муассисаҳои фондафзо, таркиб ва сохтори ҳуҷҷатҳо дар бойгониҳо, роҷеъ ба таърих ва ташкилдиҳии кори бойгониҳо дар ИҶШС, назария ва амалияи кори бойгониҳо, созмондиҳии ҳуҷҷатнигории бойгониҳо, усулҳои асосии созмондиҳии фаъолияти бойгониҳои давлатӣ ва ғ. маълумотҳои муфид медиҳанд. Ин асарҳо ба рисола дар таҳлил, баррасӣ ва созмондиҳии фаъолияти бойгониҳо маводҳои хеле муфид дода, асоси назариявии рисоларо ташкил додаанд. Дар ин қатор як силсила асарҳои дастаҷамъиро[9] низ шомил кардан мумкин аст, ки барои муҳимтарин масъалаҳои фароҳамоварӣ, ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи бойгониҳо, созмондиҳии дастгоҳи илмӣ-методӣ замина гузоштаанд.

Ба гурӯҳи сеюм, чи тавре, ки ёдрас шудем, асарҳое ворид мегарданд, ки роҷеъ ба фаъолияти бойгониҳо дар Тоҷикистони Шӯравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки миёни онҳо силсилаасарҳо, маводҳои услубӣ, маълумотномаҳо[10] ва дигар маводҳои чопиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз созмонёбӣ ва рушду такомули соҳа дарак медиҳанд. Ба назари мо муҳимтаринашон инҳо мебошанд: дар бюллетени иттилоотии шуъбаи бойгонӣ мақолаи нахустини В.Рудницкий -

---

[5] Елпатьевский А.В. Комплектование документальных материалов. – Москва, 1970,

[6] Горфейн Г.М.,Шепелев Л.Е.Архивоведение.-Л.:Из-во Ленинг.ун-та,1971.- С.9-10.;

[7] Жигунов В.М. Назначение экспертизы. – Москва, 1973, - 234 с.;

[8] Вяликов В.И. Архивное стороительсьво в СССР (1917-1945гг.). Учеб. пособие. –Москва,1976. - 220 с.

[9] Теория и практика архивного дела в СССР.Изд.2-е,перераб.дп.-М.:Высш.,школа,1980.-343с. Сборник материалов по истории и организации архивного дела в СССР. -М.,1940. -Вып.У.-С.72-79.;Основы правила работы государственое архива. –М., -1962.; С.158-159.;; - 66 с.; История делопроизводства в СССР// Учебние пособие. Под.ред. Я.В. Лившица и В.А. Цикулина. –М., 1974.;Основы отбора на государственное хранение научно-технической документации.Методические рекомендации.-М.,1976.-121 с.;Значение документальных материалов. –М., 1976.;Исползование документальных материалов государствений архивов и советские архиви. –М., -1975. -№3.;.;Теория и практика архивного дела в СССР.Изд.2-е,перераб.дп.-М.:Высш.,школа,1980.-343 с.Руководство по обеспечению сохранность документов .- М., 2006. -14с.

[10] Рудницкий В. Архивное строительство в Таджикистане /Информационный бюллетень №1 архивного отдела МВД Таджикской ССР, Сталинабад, 1958, с.;Документальные материалы Центрального государственного архива Таджикской ССР: Путеводитель. -Сталинабад,1961. - С.4.;

Қоида дар бораи фонди архиви Давлатии СССР.Баори истифодаи хизматӣ.-Қурғон-теппа,1967.-26 саҳ.;Каххоров А. Архивное дело в Таджикской ССР //Совесткий архивы. -1975. -№3. - С.32-35. Государственные архивы Таджикской ССР.Справочник. /Сост.: М.А.Спевак, И.А.Акрамов и др.-Душанбе,1982. -47 с.;.; Муҳиддинов С., Каримов М. Бойгоншиносӣ: Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултетҳои таърихи макотиби олӣ /Мухаррир н.и. т, дотсент Н.К.Убайдуллоев. - Душанбе,2009. -52 с.; Неъматова Ш. Асроров М. Маҳфузгарони таърих. – Душанбе: Ирфон, 2010. -272 с.; Мирсаидова Д., Ф. Одина Ф.. Махзани ҳофизаи кишвар. – Душанбе: Ирфон, 2016.80 с.; Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. 200 с.; Мардон Р.. Кохи ҳуҷҷатҳои муқаддас. Душанбе: Балоғат, 2013. 256 с. Мардон Р. Кохи ҳуҷҷатҳои муқаддас. Душанбе: Балоғат, 2013. 256 с.;Мирсаидова Д., Одина Ф. Махзани ҳофизаи кишвар. – Душанбе: Ирфон, 2016.- 80 с.;

«Сохтмони бойгонӣ дар Тоҷикистон»[11] чоп шуда буд, ки дар он муаллиф пиромуни таърихи бунёди нахустин бойгониҳо дар ҷумҳурӣ, таркибу сохтор, пешрафту камбудиҳои соҳа маълумот додааст. Минбаъд ин масъала инкишофи назариявию амалии хешро дар мақолаи илмии собиқ Сардори Сарраёсати бойгониҳои назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, А.Қаххоров - «Фаъолияти бойгонӣ дар ҶШС Тоҷикистон»[12], ки ҳанӯз соли 1975 дар маҷаллаи марказии «Советские архивы”нашр шуда буд, дарёфтааст. Маҳз дар ҳамин мақола тамоми паҳлуҳои фаъолияти бойгониҳои Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Мақолаи мазкур имконият дод, ки дар сатҳи Иттиҳоди Шуравӣ дар хусуси дастовардҳои назарраси соҳа, муваффақиятҳою навгониҳо, бахусус маъракаи муҳимми мутамарказгардонии ин муассисаҳо огаҳӣ ёбанд. Маводи дигар маълумотномаи «Бойгониҳои давлатии ҶШС Тоҷикистон»[13] мебошад, ки соли 1982 тартиб дода шуда, роҷеъ ба ҳайат ва мазмуни ҳуҷҷатҳои бойгониҳои давлатии ҷумҳурӣ ахбори кӯтоҳ медиҳад. Дар сарсухани он, ки ба қалами М.А.Спевак таалуқ дорад, дар хусуси таърих ва мавҷудияти ин бойгониҳо маълумотҳои мухтасари муфид оварда шудааст. Минбаъд дар даврони истиқлол низ дар хусуси бойгониҳо хабару мақола, китобҳо ва васоити таълимӣ ба чоп расиданд.

Китоби дастаҷамъии «Дар саргаҳи таърих»[14] ба 130-солагии зодрӯзи ходими давлатӣ ва сиёсӣ, нахустроҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Маҳсум бахшида шудааст. Муаллифони китоб Р.А.Абулҳаев, Н.Б.Ҳотамов, А.М.Ғафуров ва дигарон маводҳои зиёди бойгонии марказии Давлатӣ, хазинаи бойгонии КМ ҲК Тоҷикистон ва ғайраҳоро мавриди истифода қарор додаанд. Китоби мазкур натанҳо ба ҳаёт ва фаъолияти Н.Махсум бахшида

---

[11] Рудницкий В. Архивное строительство в Таджикистане /Информационный бюллетень №1 архивного отдела МВД Таджикской ССР, Сталинабад, 1958, с

[12] Каххоров А. Архивное дело в Таджикской ССР //Совесткий архивы. -1975. -№3. - С.32-35. Государственные архивы Таджикской ССР.Справочник. /Сост.: М.А.Спевак, И.А.Акрамов и др.-Душанбе,1982. -47 с.

[13] Государственные архивы Таджикской ССР.Справочник. /Сост.: М.А.Спевак, И.А.Акрамов и др.-Душанбе,1982. -47 с.

[14] Дар саргаҳи таърих / зери таҳрири А.Ғафуров. - Душанбе

шудааст, балки вазъи ҳамонвақтаи ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистонро низ тасвир менамоянд.

Дар соли 2009 дастури таълимии С.Муҳиддинов ва М. Каримов - «Бойгонишиносӣ»[15] чоп гардид. Дастури таълимии мазкур дар ин ришта таҷрибаи нахустин буда, дар он аз ҷумла масоили таърихи пайдоиши шабакаҳои бойгониҳои давлатӣ дар Тоҷикистон, ҳадаф ва вазифаҳои бойгониҳои давлатӣ ва ғ. мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дастури таълимии мазкур бо сабки илмӣ таълиф гардида, ба ғайр аз донишҷӯёни риштаи бойгонишиносӣ, инчунин барои унвонҷӯйҳо, омӯзгорон ва мутахассисони ин соҳа маводи муфид медиҳад.

Дар соли 2013 китоби Р.Мардон - «Кохи ҳуҷҷатҳои муқаддас»[16] ба табъ расид. Муаллиф дар асоси маводҳои Бойгони марказии давлатии ҷумҳурӣ китоби мазкурро дар жанри публитсистӣ таҳия намуда, пиромуни таърихи бойгонии марказии давлатӣ, парвандаҳою ҳуҷҷатҳои нодири он, ашхоси муътабари ин соҳа хуҷҷатҳои нодиреро бори нахуст ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

Дар ин мавзӯъ чанд китоби дигар низ ба чоп расидаанд. Аммо дар онҳо маводҳо омехта мебошанд. Дар ин китобҳо маводҳо қисман ба Бойгонии марказии давлатӣ, қисман ба Филиали Бойгонии марказии давалтӣ дар шаҳри Ҳисор (минбаъд Филиал) бахшида шудаанд.[17] Аз ин рӯ, ин китобҳоро дар қисми чорум мавриди баррасӣ қарор додем. Зимни тахқиқоти мавзӯи мазкур маълум гардид, ки хазинаҳои Филиал манбаъи муҳимми рӯйи кор омадани як силсила асарҳо гардидааст.

Аз оғози солҳои 90-ум сар карда, муаллифон Ф.Азизов ва З.Дӯстов,[18] Р.Ҷӯрабоев,[19] Н.Тешаев,[20] С.Одинаев ва С.Одинаев,[21] М.Асроров,[22] Ю.

[15]Муҳиддинов С., Каримов М. Бойгоншиносӣ: Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултетҳои таърихи макотиби олӣ /Мухаррир н.и. т, дотсент Н.К.Убайдуллоев. - Душанбе, 2009. -52 с.
[16] Мардон р.Кохи ҳуҷчатҳои муқаддас.-Душанбе: Балоғат, 2013.-256 саҳ.
[17] Неъматова Ш. Асроров М. Маҳфузгарони таърих. – Душанбе: Ирфон, 2010. -272 с.; Мирсаидова Д., Ф. Одина Ф.. Махзани ҳофизаи кишвар. – Душанбе: Ирфон, 2016.80 с.; Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. 200 с.; Мирсаидова Д., Одина Ф. Махзани ҳофизаи кишвар. – Душанбе: Ирфон, 2016.- 80 с.;
[18] Дӯстов З.. Азизов Ф. Ҳисори Шодмон.Оид ба ҷашни 60-солагии ноҳияи Ҳисор.- Ҳисор,1992.-
[19] Ҷурабоев Р.Диёри шоир. Дар бораи таърихи мухтасари ноҳияи Турсунзода.-Душанбе,1992.
[20] Одинаев С.,Алиев Қ.Сарчашмаи файзи саодат.-Бахшида ба 60-солагии Канали Калони Ҳисор.-Ҳисор,2001.-

Қодиров,[23] С.Расулӣ,[24] З.Дӯстов, Р.Ҷӯрабоев, М.Асроров ва Ф.Азиз,[25] Ш.Собирӣ,[26] Ш.Неъматова ва М.Асроров,[27] С.Одинаев ва Ф.Азизов,[28] М.Асроров,[29] Ф.Одинаев,[30] М.Мирсаидова ва М.Асроров,[31] С.Одинаев, Ҳ.Назаралӣ, Ф.Азиз ва А.Ҳамдамӣ,[32] Д. Мирсаидова, Ф. Одина[33] ва ғ. китобҳо таҳия намудаанд. Дар китобҳои мазкур муаллифон маҳз дар асоси ҳуҷҷатҳои Филиали Бойгонии марказии давалтӣ дар шаҳри Ҳисор таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Регар(ҳоло Турсунзода), сохтмони номдори Канали Калони Ҳисор, фоҷиаи заминларзаи Шарора, ҳаёту фаъолияти фарзандони шарафманду номдори водии Ҳисорро сабту тасвир намудаанд.

Солҳои 2018-2019 китобҳои Ҷ.С.Лангарӣ ва Р.Ҳ.Обидов - «Бойгонӣ-ганҷинаи таърих»[34] ва «Саҳифаҳои таърихи бойгонӣ»[35] аз чоп баромаданд. Муаллифон кӯшидаанд, ки дар китобҳои мазкур доир ба пайдоиши аввалин бойгониҳо дар Тоҷикистон, аз таъсиси нахустин Бойгонии давлатӣ дар Тоҷикистон ва роҷеъ ба Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор то қадри имкон маълумот диҳанд.

Чи тавре, ки ҳангоми таҳқиқ маълум гардид, дар ин асару мақолаҳо таърихи пайдоиш, рушди босуръат ва таркиби хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор беғаразона ва холисона таҳлил гардидаанд. Сарфи назар аз шумораи зиёди асарҳо, ки аксари онҳо дар жанри илмӣ – оммавӣ офарида шудаанд, ҷавҳари мавзӯи диссертатсияро аз лиҳози илмӣ

---

[21] Одинаев С. Зилзилаи Ҳисор.Бахшида ба 20-солагии заминларзаи ноҳияи Ҳисор.-Ҳисор,2008.
[22] Асроров М.Чузӣ.Оид ба таърихи деҳаи Чузии ноҳияи Ҳисор.-2001.
[23] Қодиров Ю. Муҳофизони Ватан ( Оид ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ноҳияи Ҳисор.-Ҳисор, 2005.
[24] Расулӣ С.Олами ҳунар.Роҷеъ ба таърихи фарҳанг дар Ҳисор.-Ҳисор,2007
[25] Дӯстов З., Ҷӯрабоев Р„Асроров М, Азиз Ф. Аз Сабо то Шаҳринав.Дар бораи таърихи ноҳияи Шаҳринав.-Душанбе,2007.
[26] Собирӣ Ш.Сарнавишт 80 сол.-Душанбе:Ирфон,2009.-432 с.
[27] Неъматова Ш.,Асроров М. маҳфузгарони таърих.-Душанбе:Ирфон,2010.-272 с.
[28] Одинаев С., Ф.Азизов Ф. Ҳисори Шодмон: аз бостон то ин замон. Оид ба таърихи Ҳисор ба ифтихори ҷашни 3000 – солагии Ҳисор.Душанбе, 2013.
[29] Асроров М.Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ.-Душанбе:Ирфон,2014-200 саҳ.
[30] Одинаев Ф.Қудуми файзбор. Бахшида ба сафарҳои расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Ҳисор.-Душанбе,2015.
[31] Мирсаидова М.,Асроров М.Ҳисор дар масири таърих..- Душанбе,2015.
[3232] Одинаев С.,Назаралӣ Ҳ.,Азиз Ф.,Ҳамдами А.Донишномаи Ҳисор.Энсиклопедияи Ҳисор.-Душанбе,2015.
[33] Мирсаидова Д.,Одина Ф.Махзани ҳофизаи кишвар.-Душанбе,2016.
[34] Лангарӣ Ҷ.С., Обидов Р. Ҳ. Бойгонӣ – ганҷинаи таърих.-Душанбе: Эр-граф,2018.- 87 с
[35]Лангарӣ Ҷ С., Обидов Р. Саҳифаҳои таърихи бойгонидорӣ (дирӯзу имрӯз). Душанбе, «Промэкспо», 2019, 176 саҳ.

баррасӣ карда наметавонанд. Диссертатсияи мазкур ба таври маҷмӯӣ (комплексӣ) таҳия гардида, масъалаҳои муҳимми бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор мегирад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ва муайянсозии роҳҳои ташаккули Филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор - ҳамчун қисми таркибии Бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Мақсади гузошташуда **вазифаҳои** зеринро пешбинӣ менамояд:

- баррасии таърихи бунёд ва мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Водии Ҳисор;

- омузиши таърихи таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор;

- муайянсозии маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

-пайгирии таърихи барқарорсозии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор;

- муайянсозии манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;

- шарҳи таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;

- баррасии масъалаҳои нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор;

- тавзеҳи мазмун ва усулҳои санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор;

- шарҳ додани хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун мнбаъи таҳқиқоти таърихи навтарини Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** ҳуҷҷатҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳамчун сарчашмаи омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсионии мазкурро раванди таҳлили таркиби ганҷинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, гурӯҳбандии онҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, таърихи пайдоиши бойгониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Ҳисор, муайянсозии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ роҷеъ ба таърихи шаҳри Ҳисор, ноҳияҳои Шаҳринав, Турсунзода, Алмосӣ ва Пахтаобод ташкил медиҳад.

**Ҳудуди замонии таҳқиқот** солҳои 30-ми асри XX- оғози асри XX1-ро фаро мегирад.

**Ҳудуди ҷуғрофии таҳқиқот** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ва қаламрави Тоҷикистони имрӯза мебошад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Ҳангоми таҳияи диссертатсия бештар асосҳои назариявӣ ва услубии таҳқиқоти донишмандони шинохтаи собиқ Иттиходи Шуравӣ ва Тоҷикистон П.В. Верховский, С.Н.Голубов, К.Г.Митлеев, М.И. Корнева, Е.М., Тальман, Д.М. Энштейн, В.В. Максаков, А.В Елпатьевский, Г.М Горфейн, Л.Е,Шепелев, В.М.Жигунов, А.Каххоров, М.А.Спевак, И.А.Акрамов, В.Рудницкий, Ш.Неъматова ва ғ. ба инобат гирифта шудааст. Яке аз шахсиятхои барҷастаи соҳа, ки ба фаъолияти ташкили бойгониҳо дар Россия аллакай аз соли 1918 машғул гардида, минбаъд нисбати роҳу усулҳои созмондиҳии бойгониҳо, кор бо маҷмӯаҳои ҳуҷҷатҳо мақолаву китобҳо таҳия намудааст, В.В. Максаков мебошад. Ӯ дар муқоиса бо дигар олимон, ки бойгониҳоро ғолибан «устохонаҳои таҳқиқоти илмӣ» меҳисобиданд, инчунин қимати амалии онҳоро дар пешрафти иқтисодиёту фарҳанги давлати Шӯравӣ арзёбӣ мекунад. Охирин рисолаи илмии ӯ - «Таърих ва созмондиҳии кори бойгониҳо

дар ИҶШС (1917-1945)[36] шоҳиди ин гуфтаҳост. Пас таъсис гардидани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон барои ба амал баровардани кори бойгонидории Тоҷикистон дар рӯзҳои аввали моҳи январи соли 1931 дар шаҳри Сталинобод Сарраёсати марказии бойгонӣ таъсис дода мешавад, ки роҳбарии он ба зиммаи С.М.Казачкин гузошта мешавад. С.М.Казачкин яке аз шахсиятҳое мебошад, ки дар таъсис ва ба роҳ мондани кори бойгонидории Тоҷикистони Шӯравӣ саҳми беандоза гузоштааст.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот.** Пойгоҳи асосии таҳқиқоти мазкурро ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ташкил медиҳанд. Онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи аввал ҳуҷҷатҳои Бойгонии марказии Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд БМДТ )[37] ва ба гурӯҳи дуюм ҳуҷҷатҳои хазинаҳои Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор (минбаъд ФБМДТ дар ш. Ҳисор) [38] ворид гардидаанд. Аксари ин ҳуҷҷатҳо бори нахуст ба доираҳои таҳқиқотҳои илмӣ ворид мегарданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал дар таърихнигории ватанӣ мавзӯи диссертация ҳамчун объекти маҷмӯии таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳуҷҷатҳои хазинаҳои БМДТ ва хазинаҳои ФБДМТ дар ш. Ҳисор ба доираҳои таҳқиқоти илмӣ ворид гардидаанд. Бахусус, ҳуҷҷатҳои нодири бойгониҳои зикршуда роҷеъ ба сохтмони Канали Калони Ҳисор, таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Регару Пахтаобод дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), зилзилаи Ҳисор маълумотҳои муфид медиҳанд.

---

[36] Максаков В.в.История и организация архивного дела в СССР (19417-1945 гг.).-М.;Наука,1969.-431 с.

[37] Бойгонии Марказии Давлатии Тоҷикистон (БМДТ) ф.10, р.1, д.417.;. , ф.10, р.2, ҳ.83, саҳ.162.3. БМДТ х. Р-11, р.1, п. 29, в.1. 4. БМДТ, ф.11, р.2, ҳ 12, с.11-17.БМДТ, ф.11, р.16, ҳ.17, саҳ 272-275. , х. Р-18, р.1, п. 5, в. х. Р- 882, р. 1, п.1, в1.БМДТ, х.Р-882., р. 1., п. 3, в.БМДтх. Р- 882, р. 1, п.40, в.35-36,38. БМДТ ф.297. р.18, ҳ.27, саҳ.198 БМДТ, ф.297. р.28, ҳ.63, саҳ.210., ф.297. ф.1 ҳ.63, саҳ.210., ф.297. ф.29, ҳ.63 саҳ.210,БМДТ, ф.297, р.18, ҳ.64, саҳ. 29-32,192., ф.297. р.27, ҳ.87, саҳ.44,47,100.БМДТ, ф.297, р.18, ҳ.110, саҳ. 46.БМДТ, ф.297, р.18, ҳ. 130, саҳ.219. ф.297, р.18, ҳ.144, саҳ. 76.БМДТ,ф.297, р.18, ҳ.329, саҳ.104, БДМТ, ф.297, р.18, д.251, саҳ 91,251. ф.297, р.18, ҳ.257, саҳ.148.,ф.297, р.18, ҳ.258, л.37.БМДТ, ф.297, р.18, ҳ.296, саҳ.44,81. ф.297. р.18, ҳ.311, саҳ.БМДТ, ф.297, р.18, ҳ.282, саҳ.9.БМДТ,ф.297, р.18, ҳ.296, саҳ.183.БМДТ,ф.297, р.18, ҳ.311, саҳ.157.БМДТ,ф.297, р.18, ҳ.329, саҳ.103.

[38] Филиали бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор (ФБМДТ), ф.1, р.1, д.342, саҳ 86., ф.1, р.1, ҳ.43, аҳ. 15., ф.1, р.1, ҳ.91, саҳ. 75., ф.11, р, 2, ҳ 12, саҳ.16., , ф.1, р, 1, ҳ. 59, саҳ.1,4, , ф.1, р.1, ҳ.69, саҳ.4, , ф.1, р.1, ҳ.91, саҳ. 75, , ф.1, р.1, ҳ.216, саҳ.196, ф.1, р.1, ҳ.285, саҳ.59., , ф.1, р.5, ҳ.87, саҳ.60, , ф.42,р.1,д.96, саҳ 142, ) ф.56, р.1, ҳ.64, саҳ.9, , ф.196, р.1, ҳ.10, саҳ.47-48,, , ф.196, р.1, ҳ.134, саҳ.18, , ф.196, р.1, ҳ.145, саҳ.74, , ф.210, р.1, ҳ.1, саҳ.1-5. , ф.210, р.1, ҳ.26, саҳ.35-40. , ф.210, р.1, ҳ.47, саҳ.10, , ф.210, р.3, ҳ.87, саҳ.1, ф.328. р.1, ҳ.1, саҳ.1, ф.328. р.1, ҳ.15, саҳ.6, , ф.129, р.1, ҳ.32, саҳ.14, , ф.269, р.1, ҳ.4 саҳ.14,67, , ф.388, р.1, ҳ.105, саҳ.1-69, , ф.247, р. 1, ҳ.4, саҳ. 1-19, , ф.247, р.1, ҳ. 21, саҳ.34, , ф.247, р.1, ҳ. 24, саҳ.5-6, , ф.247, р.1, ҳ. 30, саҳ.1, , ф.269, р.1, ҳ.4 саҳ.14, , ф.340, р.1, ҳ.4, саҳ.67, , ХБ№398 р.1 п. 1-9, , ХБ№ 349, р.1 то 4 п.606, , ХБ № 354, , ХБ № 289, р.3 п. 24, , ХБ №1 р.1 п.481 с.1-2, , ХБ № 276 р.2 п.189, , ХБ №283, , Хб№212, р.1, п.420, саҳ.8, , Хб№303, р.1, п.31, саҳ.7.

Дар диссертатсия бори аввал ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар «Рӯйхати (феҳристи) хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Ҳисор» гирд оварда шудааст, ки тибқи он имрӯз дар маҳфузгоҳҳои бойгонӣ зиёда аз 66915 (шасту шаш ҳазору нуҳсаду понздаҳ) парванда нигоҳ дошта шуда, маводҳои солҳои 1925-2014-умро дар бар мегиранд. Феҳристи мазкур барои таҳқиқотчиён ва ҳамаи онҳое, ки минбаъд аз маводҳои бойгонӣ истифода бурдан мехоҳанд, барои дарёфти саривақтии ҳуҷҷатхои зарурӣ кумак мерасонад. Мураттабсозии Феҳрист дар миёни дигар филиалҳои БМДТ таҷрибаи нахустин буда, гурӯҳбандии парвандаҳо метавонанд барои дигар бойгониҳо ба сифати дастурамал мавриди истифода қарор гирад. Бори дигар муайян ва дақиқ карда шуд, ки тарзи панҷтабақаи идоракунӣ - марказ, вилоят, туман, кент, ҷамоат аз соли 1926 сар карда, дар минтақаи Ҳисор, вилояти Душанбе, тумани Қаротоғ, Ҳисор, кентҳои Регар, Шулум, Чимқурғон, Ҳисор, Тӯда, Хонақох, ҷамоатҳои Работ, Ӯзбекон, Хоҷа Лкҷар, Бузук, Резга ва Латабулоқ Дурманбулоқ, Тоҷик Барлос ва Кӯлобӣ вуҷуд доштаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- Барои барқарор ва мустаҳакам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ ба ин самт Отряди Эъзомияи ҳарбии Ҳисор сафарбар мегардад. Аз 14 то 20 феврали соли 1921 Отряди мазкур Бойсун, Деҳнав, Юрчи, Сари-Осиё ва Сари – Ҷӯй, Регар, Қаротоғ ва Ҳисорро озод намуда, 21 феврал ба Душанбе ворид мешавад. 14 октябри соли 1925 номи вилояти Душанбе ба вилояти Ҳисор табдил меёбад. Ба тобеъияти вилоят туманҳои Душанбе, Ҳисор, Қаратоғ, Файзобод, Ёвон ва Янгибозор ворид мешаванд. Аммо 6-июни соли 1929 вилояти Ҳисор барҳам дода шуда, округи Ҳисор таъсис меёбад ва ба ҳудуди маъмуриаш ноҳияҳои Сталинобод, Қаратоғ, Лақай Тоҷик, Обигарм ва Янги Бозор дохил мегарданд. Округи Ҳисор 15 августи соли 1930 барҳам дода шуда, дар заминаи он ноҳияи Душанбе таъсис меёбад;

-Бори нахуст бойгониҳои Дюшанбе ва уезди Хуҷанд таъсис меёбанд. Соли 1938 дар Ҳисор бойгонии давлатии ноҳиявӣ таъсис ёфт. Бойгониҳои ноҳияҳои Шаҳринав ва Турсунзода, ки ҳамон вақтҳо таъсис ёфта буданд, имкониятҳои маҳдуд доштаанд. 5 апрели соли 1963 филиали Бойгонии марказӣ дар шаҳраки Ҳисор таъсис ёфта, минбаъд азнавсозии шабакаи бойгониҳо оғоз меёбад. Пас аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) дар бойгониҳо тайиротҳои куллӣ ба вуҷуд омада, Хазинаи бойгонии миллии (ХБМ) ҷумҳурӣ ташкил меёбад. Инчунин соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» қабул мегардад;

- Ҳуҷҷатҳои ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав ва ноҳияи Регари дар Филиал ҳифзшуда, шаҳодат доданд, ки аҳолии ноҳияҳои зикршуда, аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бухурги Ватанӣ (ҶБВ) (солҳои 1941-1945) дар набардҳо иштирок намуда, меҳнаткашони ақибгоҳ бошанд, шабу рӯз заҳмат кашидаанд. Масалан, аз ҳудуди ноҳияи Регар дар солҳои ҶБВ 4623 нафар ҷавонмардон сафарбар шуда, аз онҳо 2525 нафарашон ба Ватан барнагаштанду шаҳиду гумном шуданд. Солҳои ҶБВ колхозичиёни хоҷагиҳои ноҳияи Ҳисор, Шаҳринав ва Регар ба фонди мудофиа пахта, шир, тухм, пашм, пусти ҳайвоноти калон ва хурд, чорвои шохдор, ба сохтмони калоннаи танкии «Колхозчии Тоҷикистон» ва эскадриляи ҳавоии «Комсомоли Тоҷикистон» миллионҳо сум маблағ ҷамъоварӣ намуда, фиристоданд;

- Мардуми ноҳияи Ҳисор баробари дигар ноҳияҳо дар барқарорсозии баъдиҷангӣ меҳнати софдилона намуданд. Натиҷаи ин заҳматҳо буд, ки дар соли 1946 - 210 нафар, соли 1947 – 299 нафар, соли 1948 – 258 нафар кормандони хоҷагии халқи ноҳия бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании 1941 – 1945» сарфароз гардонида шуданд. Тибқи маълумотҳои бойгонӣ солҳои 50-ум муттаҳидшавии колхозҳо оғоз ёфт. Дар натиҷа даромаднокии хоҷагиҳо афзуд, музди меҳнати колхозчиён ба дараҷаи назаррас зиёд шуд ва некӯаҳволиашон хеле боло рафт;

-Ҳуҷҷатҳои дар натиҷаи фаъолияти органҳои ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо дар ҳудуди шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, ноҳияҳои Шаҳринав ва Варзоб бавуҷудомада, хазинаҳои Филиалро пурра гардонида, дар ин ҷо ба таври доимӣ нигоҳ дошта мешаванд. Пуркунии хазинаҳо тибқи «Рӯйхати мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо – манбаи пуркунии бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”ба роҳ монда шудааст:

-Дар маҳфузгоҳҳои бойгонӣ зиёда аз 66915 (шасту шаш ҳазору нуҳсаду понздаҳ) парванда нигоҳ дошта шуда, маводҳои солҳои 1925-2014-умро дар бар мегиранд, ки дар 425 хазинаи бойгонӣ (фонд) гирд оварда шуда, аз 234 фонди истифодашаванда, 176 хазинаи озод ва 5 хазинае, ки аз бойгонӣ ба бойгонии дигар гузаронида шудаанд, иборат мебошанд. Хазинаҳо аз лиҳози таркиб ҷойгир ва табақабандӣ гардидаанд;

-Таҷҳизоти муҳимтарини махзани бойгонӣ рафҳо ва ҷевонҳо ба ҳисоб рафта, ҳуҷҷатҳо дар рафҳо ба таври амудӣ ва уфуқӣ ҷойгир шудаанд. Парвандаҳои андозаашон наонқадар калон ва дорои муқоваи ғавс бо усули амудӣ ва маводҳои дорои муқоваи мулоим ва андозаи калон ба таври уфуқӣ ҷойгир карда шудаанд. Дар хамин давра бинои Филиал бо тамоми воситаҳои техникии бехатарӣ таъмин гардида, дар он ноқилҳои зудэҳсоси зидди сухторӣ, асбобхои сухторхомушкунӣ, салқинкунакҳо ва воситаҳои посбонӣ насб шуданд. Ҳамасола ба Филиал беш аз 2 ҳазор корафтодагон муроҷиат мекунанд. Дар муқоиса, агар соли 1991 ба бойгонӣ 250 дархосту ариза ворид шуда бошад, пас соли 2017 аз 1710 муроҷиатҳо ба 1320 ҷавоби қаноатбахш ва 378 ҷавоби ғайриқаноатбахш мувофиқи талаботи қонун ва низомномаи марбута гардонида шудааст;

-Санҷиши ҳуҷҷатҳои хазинаҳои дараҷаҳои якум, дуюм ва сеюм, тибқи муқаррарот гузаронида мешавад. Зарурияти гузаронидани ташхис (экспертиза) дар нобаробарии арзишнокии ҳуҷҷатҳо ҳамчун иттилооти сарчашмавӣ зоҳир мегардад. Мақсади асосии ташхис аз муайян кардани

дарачаи қимматнокии ҳуҷҷатҳо ва пурра таъмин намудани давлат, илм, ҷомеа, инчунин шаҳрвандони алоҳида бо иттилооти зарурӣ иборат мебошад;

-Шарҳи хазинаҳои Филиал дар Ҳисор мувофиқи гуруҳҳо тақсимбандӣ шудаанд. Барои шарҳи ҳуҷҷатҳои Мақомоти ҳокимияти давлатии ноҳияҳои минтақа гуруҳи якум, хазинаҳои бойгонии ҷамоатҳои деҳот гуруҳи дуюм муқарар шудааст. Филиал ғайр аз ин, ҳуҷчатҳои ташкилоту муассисаҳои ноҳияҳои Шаҳринав, Регар ва Пахтаободро роҷеъ ба стансияҳои ноҳиявии мошинӣ- тракторӣ, артелҳои хоҷагии қишлоқ, колхозҳо, совхозҳо, итиҳодияи агросаноатӣ ва ғ. аз рӯйи тартиби муқарраршуда, таҳти рақами мушаххаси «ХБ» нигаҳдорӣ мешаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад,** ки мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия минбаъд дар таҳияи таърихи навтарин халқи тоҷик, бахусус омӯзиши таърихи ноҳияҳои Ҳисор, Шахринав ва Турсунзода истифода шуда, ҳамзамон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёни шуъбаҳои бойгоншиносии Донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳои мамлакат мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт. Хулосаю пешниҳодоти довталаб, ки ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои номбурда равона шудаанд, барои беҳтар намудани фаъолияти бойгониҳо кӯмаки амалӣ хоҳанд расонд.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин инъикос ва тарзи нигоҳдошти маводҳои бойгонӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ ба доираи таҳқиқотҳои илмӣ ҳуҷҷатҳои пурарзиши бойгониро натанҳо роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии Ҳисор, инчунин роҷеъ ба ноҳияҳои

ҳамҷавори Шаҳринаву Турсунзода ва собиқ ноҳияҳои Регар, Пахтаобод ва Алмосӣ ворид намудааст. Ҳамчунин Рӯйхати хазинаҳои дар Филиал, Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Ҳисор мавҷудбударо тартиб дода, ба шакли «Роҳнамо”чоп кардааст. «Роҳнамо» ба ҳамаи ашхоси аз маводҳои бойгонии мазкур истфодабаранда ҷиҳати дарёфти саривақтии иттилооти зарурӣ кӯмак менамояд, бо сохтор ва мундариҷаи хазинаҳои дар филиали Бойгонии маркази давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, ки қисми таркибии хазинаи миллии бойгони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ошно менамояд, муроҷиати шаҳрвандон, аз ҷумла кормандони илмиро осон ва самарабахш мегардонад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои «Проблема ва Дурнамои Бойгоншиносӣ», конференсия бахшида ба 55-солагии филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ва дигар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ маърӯза шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷалассаи № 4 аз 28 октябри соли 2020), дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷалассаи № 10 аз 04 майи соли 2022), ва дар ҷаласаи васеъи Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих,бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи № 6 аз 7 июни соли 2022) муҳокима гардида, барои дифоъ пешниҳод гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар ду китоб, як роҳнамо (дар хаммуаллифӣ) ва 4 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 175 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 134 номгӯй) ва замимаҳо таркиб ёфтааст.

# БОБИ 1. БУНЁДИ ТАРТИБОТИ ШӮРАВӢ ДАР ВОДИИ ҲИСОР ВА ТАЪСИСИ БОЙГОНИҲО ДАР ҲУДУДИ ОН

## 1.1. Бунёд ва мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор

Баъд аз ғалабаи Инқилоби Бухоро (2 сентябри соли 1920) водии Ҳисор ҳанӯз дар тахти ҳокимияти қувваҳои амирӣ қарор дошт. Барои озоднамоӣ, барқарор ва мустаҳакам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ ба ин самт Отряди Эъзомияи ҳарбии Ҳисор сафарбар мегардад. 14 феврали соли 1921 соати нуҳи пагоҳӣ Отряди Эъзомияи ҳарбии Ҳисор ба Бойсун ворид гардид. Аз ҳамин сана ҳаракати он ба Бухорои Шарқӣ шуруъ шуд. Бригадаи 1-и савора тахти фармондеҳии Я.А.Мелкумов ба қувваҳои асосии амир зарба зада, бегоҳии ҳамон рӯз дараи Бандихонро, ки роҳ ба сӯйи водии Сурхондарё мекушод, озод намуданд. 15 феврал қисмҳои Артиши Сурх дар натиҷаи набардҳои сахт Деҳнавро ишғол намуданд. Ғалаба дар ин набард ҳаракати кисмҳои Артиши Сурхро осон кард. Аллакай 16 феврал аз қувваҳои амирӣ Юрчӣ, Сари-Осиё ва Сари – Ҷӯй озод карда шуданд. Минбаъд лашкари амирӣ дар минтақаи Ҳисору Қаротоғ муттаҳид гардиданд.[39]

Бо мақсади бастани роҳ ба Душанбе ба ин минтақа қувваҳои иловагӣ, дастаҳои босмачиёни Кури Шермат аз Фарғона ва дастаи дуҳазорнафараи лақайҳои Иброҳимбек даъват шуданд.[40]

19 феврали соли 1921 аскарони сурх, баъди омодагии серӯза, аз Деҳнав баромада, ба сӯи Регар ҳаракат карданд ва дар қисми аввали ҳамон рӯз ин ноҳияро низ ба даст даровfarданд. Қисмҳои амирӣ, ки дар Регар мустаққар буданд, чандон муқобилият нишон надода, 28 нафарро талаф доданд ва як қисмашон ба сӯи Ҳисор, қисми дигарашон ба кӯҳҳои Боботоғ ақибнишинӣ намуданд. 20 феврал дар наздикии Ҳисор ҷанги сесоатаи сахттарини байни аскарони сурх ва сарбозони амир ба амал омад. Ин ҷанг ҳам ба фоидаи аскарони сурх анҷом ёфт. Аскарони сурх худи ҳамон рӯз Ҳисор ва Қаротоғро

---

[39] История таджикского народа. Новейшая история (солҳои 1917-1941) / Под ред. акад. Р.М.Масова. - Душанбе, 2004. - Том.5. - С.259.

[40] История таджикского народа. Новейшая история (солҳои 1917-1941) / Под ред. акад. Р.М.Масова. - Душанбе, 2004. - Том.5. - С.259.

ба даст даровարданд. Амир Олимхон 20 феврал баробари шунидани хабари мағлубияти назди Ҳисор, бо наздикони худ ва 300 шутури пурбор ба сӯи Кӯлоб, гӯё «барои зиёрати мақбараи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ» фирор кард. Ӯ ҳангоми гурехтан аз содиқони худ Иброҳимбек ва Давлатмандбийро (онҳоро ба рутбаи девонбегӣ сарфароз намуд) вазифадор кард, ки пеши роҳи душманро гиранд. Вале гурехтани амир аскарони дар Душанбе гузоштаашро хотирпарешон намуд. Онҳо аз муқобилияти минбаъда саркашӣ намуда, ба ҳар сӯ гурехтанд. Ин имконият дод, ки 21 феврал бригадаи якуми савора бо сарварии Я.А.Мелкумов Душанберо бе муқобилият ба даст дарорад. Дар тамоми маҳалҳое, ки аз тарафи аскарони сурх забт гардиданд, аз он ҷумла дар Регар, Ҳисор, Қаратоғ ва Душанбе кумитаҳои инқилобӣ ташкил карда шуданд ва ҳокимият ба ихтиёри онҳо гузашт. Рӯзи дигар, яъне 22 феврал ба Душанбе Эъзомияи фавқулоддаи сиёсии ҶХШ Бухоро, КМ ҳизби коммунистии Бухоро бо сарварии С. Турсунхоҷаев ва штаби Отряди Эъзомияи ҳарбии Ҳисор омада расиданд. Эъзомияи сиёсӣ ба Душанбе, чун маводи ташвиқотӣ, бо худ аввалин рӯзнома ва адабиёти мансуб ба сохти навро овард. Муқобилияти аскарони амирӣ баъди аз даст рафтани Душанбе ҳам идома ёфт. Онҳо баъди шикастхӯрии назди Ҳисор, ба муқобили аскарони сурх ба муҳорибаи муттаҳидаи ҷиддӣ ҷуръат накарда, ба маҳалҳои гуногуни Бухорои Шарқӣ пароканда шуданд ва муборизаро идома доданд.[41]

Ҳокимият дар водии Ҳисор ва умуман дар Бухорои Шарқӣ аз даст ба даст мегузашт. Муҳосираи Душанбе (с.1921), ҳуҷуми Анварпошо (с.1922) пеши роҳи ҳокимияти шӯравиро гирифта натавониста бошад ҳам, барои идоракунии давлат имкон намедод.

Дар ин вазъият таъсиси ҳукумати мутамарказ аз имкон берун буд. Аскарони сурх баробари ишғоли маҳалҳои аҳолинишин ҳукумати шӯравиро таъсис медоданд, вале бо омадани босмачиҳо ҳокимият дигар мешуд. Рӯз то

[41] Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов. - Душанбе: Орбита, 2013. - С.294-295.

рӯз афзалият ба ҷониби Ҳокимияти шӯравӣ гузашт ва ниҳоят ин сохтор ғалаба кард.[42]

Соли 1923 барои наздикшавии мақомотҳои Ҳокимияти Шуравӣ бо аҳолӣ, тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии Бухорои Шарқӣ ба танзим дароварда шуд. Он ба панҷ вилоят: Душанбе, Ғарм, Кӯлоб, Қурғон-Теппа ва Сариосиё тақсим гардид. Дар охири соли 1923 комиссияи Диктаторӣ «Низомнома оид ба вилоятҳо, комияҳо (кумитаҳои инқилобӣ)» – ро тасдиқ кард. Пас аз ин сохтмони шӯравӣ аз рӯйи принсипи ягонаи ҷалби оммаи васеъи аҳолӣ дар иштироки он ба роҳ монда шуд. Ҳангоми омодагӣ ба интихобот соли 1924 миёни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд. Аз 1 то 5 сентябри соли 1924 дар шаҳри Душанбе Анҷумани якуми Шӯроҳои депутатҳои халқии Бухорои Шарқӣ баргузор гардид. Анҷуман масъалаҳои муҳимми мубориза ба муқобили босмачигарӣ, шӯравикунонии мамлакат, барқарорсозии хоҷагии халқ, рушди маорифи халкро муҳокима намуда, қарорҳои дахлдор қабул намуд.[43]

Доир ба тақсимоти маъмурии водии Ҳисор В.В. Бартолд қайд мекунад, ки тақсимоте, ки соли 1924 гузаронида шуд, нисбати водии Ҳисор нодуруст аст. Ӯ менигорад: «Ҳисорро, ки маркази кишвари паҳноваре дар асрҳои XV-X1X буд ба тумани вилояти Душанбе табдил додан яке аз камбудиҳои ин тақсимот аст».[44] Аммо он вақт на андешаи олим пазируфта мешуду на ақли солим ва на ҳақиқати таърихӣ эътиборе дошт. Дар ин ҷо ба як масъалаи махсуси тахрихии он замон низ як назари иҷтимоӣ андохтан ба андешаи мо аз аҳамият холӣ нест. Моҳи сентябри соли 1924 анҷумани якуми вакилони халқи Бухорои Шарқӣ баргузор гашт ва шӯравигардонии тамоми сохтори маъмуриро эълон дошт. Ҳангоми ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон ба ҳайати он: аз ҶХШ Бухоро вилоятҳои Ғарм, Душанбе, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа; аз ҶМШС Туркистон вилоятҳои Панҷакент ва Ӯротеппа (Истаравшан) дохил

---

[42] Мухторов А. Таърихи Ҳисор. Душанбе: Бухоро, 2015. - С. 54.
[43] История таджикского народа.Книга первая. Том 111. Переход к социализму (1917-1937гг.).-Москва,1964.-С.139.
[44]Записка академика В.В. Бартолда по вопросу об исторических взаимоотношениях туркских и иранских народностей Средней Азии, дар шабакаи www. Parukg. Info.

шуданд. Ҳамон лаҳза масоҳати ҷумҳурӣ 135,6 ҳазор км$^2$ буда, аҳолияш 739,5 ҳазор нафарро ташкил медод, ки 78,33 фоизаш аз тоҷикон иборат буд.[45]

Раиси Кумитаи Инқилобии Тоҷикистон Нусратулло Махсум дар Анҷумани якуми Шӯроҳои ҶДМШС Тоҷикистон аз 2 декабри соли 1926 аз ҷумла нуқтаҳои зеринро қайд кард: «Сохтмони сотсиалистӣ: дастгоҳи оқсақолӣ, минбошӣ ва амлокдорӣ ҳамчун боқимондаи дастгоҳи кӯҳнаи амирӣ барҳам дода шавад. Шабакаи поёнии ташкилотҳои Шуравӣ – ҷамоаҳо (шӯроҳои қишлоқ) васеъ карда шавад. Нахустин бор ба оғози таҷрибаи кори Шӯроҳо ва комиҷроияи коллективии ҳамаи масъалаҳои сохтмони Тоҷикистон ва қишлоқ, ҳисоботдиҳии ин мақомотҳо дар назди аҳолӣ ва даъвати махсуси машваратҳо барои ҷалби деҳқонон ба кори мақомоти хокимияти шӯравӣ асос гузошта шавад». [46]

Ҳукумати Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон 9 майи соли 1925 масъалаи ҳудуди маъмуриро дида баромад. Дар натиҷаи тақсимоти марказию маъмурӣ тумани Қаратоғ, ки аз кентҳои Регар, Шулум ва Ҷимкӯрғон иборат буд, аз ҳудуди маъмурии вилояти Сариосиёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бароварда ба ҳудуди маъмурии вилояти Душанбеи ҶМШС Тоҷикистон дохил намуд.[47]

Аз сабаби он, ки маркази вилояти Душанбе дар шаҳри Ҳисор қарор дошт, Шӯрои Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон бо қарори худ аз 14 октябри соли 1925 номи вилояти Душанберо ба вилояти Ҳисор табдил дод. Дар ҳамин давра дар тобеъияти вилоят туманҳои Душанбе, Ҳисор, Қаратоғ, Файзобод, Ёвон ва Янгибозор қарор доштанд.

Президиуми вилояти Ҳисор бо қарори худ аз 27 январи соли 1927 кентҳои Тӯда, Ҳисор ва Хонақоҳро аз ҳудуди тумани Душанбеи вилояти Ҳисор бароварда ба ҳудуди маъмурии тумани Қаратоғ дохил намуд. Аз ҳамин давра дар ҳудуди маъмурии тумани Қаратоғи вилояти Ҳисор кентҳои Регар, Шулум, Чимкӯрғон, Тӯда, Хонақоҳ ва Ҳисор шомил буданд.[48]

---

45 Ҳотамов Н.Таърихи халқи тоҷик Китоби дарсӣ.-Душанбе: Орбита,2013.- С.294-295.
46 У истоков истории. К 130-летию со дня рождения Нусратулло Махсум /Под общ. ред. акад.Р.М.Масова.- Душанбе, 2011. - С.67.
47 БМДТ, ф.10, р.2, ҳ.83, саҳ.162.
48 БМДТ, ф. 10, р. 2, ҳ.83, саҳ. 163-168

Дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ сохти панҷқабатаи идоракунӣ (марказ, вилоят, туман, кент ва ҷамоат) ба тарзи зерин амал мекард:

| **Ҷумҳурӣ** | **Вилоятҳо** | **Туманҳои вилояти Ҳисор** | **Кентҳои тумани Қаратоғ** | **Ҷамоатҳои тобеъ** |
|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | Ҳисор, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Панҷакент, Ӯротеппа ва ВМКБ | Душанбе, Ҳисор, Қаратоғ, Файзобод, Ёвон, Янгибозор | Регар, Шулум, Чимкӯрғон, Тӯда, Ҳисор, Хонақоҳ | Работ, Ӯзбекон, Хоҷаоқҷар Бузуқ, Резга, Лаҳатбулоқ, Дурманбулоқ, Барлос, Тоҷик, Кӯлобӣ |

Соли 1927 масъалаи ба шаҳри Душанбе кӯчонидани маркази маъмурии вилояти Ҳисор ду маротиба мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шуд. 4 июни соли 1927 Кумитаи иҷроияи марказии Шӯроҳои Тоҷикистон оиди маркази маъмурии вилояти Ҳисор қарори махсус қабул намуд. Дар асоси ин қарор маркази маъмурии вилоят аз шаҳри Ҳисор ба шаҳри Душанбе кӯчонида шуд. Дар баробари ин комиҷроияи тумани Душанбе барҳам дода шуда, вазифаи онро ба зиммаи идораҳои вилоятӣ гузошта, тариқи идоравии вилояти Ҳисор ба комиҷроияи вилоятию шаҳрӣ табдил дода шуд. Бо мақсади нигоҳ доштани идоракунии маъмурӣ дар шаҳри Ҳисор Шӯрои муттаҳидаи ҷамоатҳои Ҳисорро таъсис доданд, ки он бевосита ба комиҷроияи вилоятӣ тобеъ буд.

Кумитаи иҷроияи Шӯроҳои Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Комиссияи давлатӣ оид ба таъсиси ноҳияҳо 17 сентябри соли 1927 вилояти Ҳисорро ҳамчун воҳиди маъмурӣ барҳам дода, тумани Қаратоғро ба ноҳияи Қаратоғ табдил дод. Дар асоси ҳамин қарор сохтори идоракунии вилоятӣ ва кентҳо барҳам дода шуда, дар ҷумҳурӣ сохтори сеқабата - ҷамоат, ноҳия, марказ ҷорӣ гардид. Кентҳои мавҷудаи Регар, Шулум, Чимкӯрғон, Тӯда, Хонақоҳ ва Ҳисори ноҳияи Қаратоғ низ номи ҷамоатро гирифтанд. То ин давра ҷамоатҳои Работ, Ӯзбекон, Хоҷаоқҷар, Бузуқ, Резга, Лаҳатбулоқ, Дурманбулоқ, Барлос, Тоҷик ва Кӯлобӣ дар ҳудуди ноҳия вуҷуд доштанд, ки

дар асоси ҷамоатчигӣ бо ҳуҷҷати расмӣ фаъолият мекарданд. Аз ҳамин давра биноан ҷамоатҳо ҳамчун як рукни сохтори давлатӣ амал мекарданд[49].

Соли 1928 дар ҷумҳурӣ таъсис додани боз як воҳиди нави маъмурӣ – округ ба миён омад. Дар ҳудуди собиқ вилоят бо тобеъгардонии ноҳияҳои Душанбе, Қаратоғ, Лақай Тоҷик, Янгибозор ва Обигарм округи Ҳисор таъсис ёфт. Раванди таъсисёбии округ дар ибтидои соли 1929 сурат гирифта, дер давом накард. 15 августи соли 1930 бо қарори Кумитаи марказии Шӯроҳои Ҷумҳурӣ барҳам дода шуд.

Ҳангоми ташкил додани округи Ҳисор ба вазифаи котиби аввали кумитаи ноҳиявии ВКП(Б)-и округ Яҳё Афзалӣ фиристода мешавад.[50]

Дар назди Комиҷроияи Шӯрои депутатҳои округи Ҳисор шуъбаи маорифи халқӣ, заминсозӣ, хоҷагии об, молия, суд, прокуратура ва инспектура доир ба тандурустӣ амал мекарданд.[51]

Дар натиҷаи интихоботи шӯроҳои маҳаллии намояндагони коргарон, деҳқонон ва аскарони сурх, ки моҳи декабри соли 1927 шуда гузашт, шӯроҳои ҷамоатҳои коргарон, деҳқонон ва аскарони сурхи деҳаҳои Оқмачит, Ҳисор, Бузуқ, Тоҷикон (Қаратоғ), Ӯзбекон, Шулум, Работ, Мӯсобозорӣ, Кӯлобӣ (Қадиҷӯйбор), Барлосҳо (Чимкӯрғон), Тӯда, Неъматбача, Ноҷӣ, Регар, Арбобӣ, Шунук, Искич, Дурман, Хонақоҳ, Бедак, Наврӯзбулоқ, Даюб (Хосабача) таъсис ёфтанд.

Дар давоми соли 1928 теъдоди шӯроҳои ҷамоат ихтисор гардида, аз 22 ба 14-то расонида шуд. Дар ибтидои соли 1929 14 шӯроҳои ҷамоати ноҳияи Қаратоғ 297 деҳаҳоро дар бар мегирифтанд.

6 июни соли 1929 дар асоси қарори Президиуми Комитети Иҷроияи Шӯроҳои Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон №10/12 вилояти Ҳисор барҳам дода шуда, ба ҷояш округи Ҳисор таъсис ёфт, ки ба ҳудуди маъмуриаш 5 ноҳия - Сталинобод, Қаратоғ, Лақай Тоҷик, Обигарм ва Янги Бозор дохил шуданд. 3 ноябри соли 1929 ноҳияи Қаратоғро табдили

---

[49] ФБМДТ, ф. 1, р.1-7, саҳ. 18-46
[50] Сарварони Ҳисор дар қарни навин. Душанбе: Ирфон,2019, саҳ 29
[51] ФБМД дар ш.Ҳисор, ХБ№ 307, Р.1, П.10 саҳ.1

ном карданд ва ба он ноҳияи Шаҳринав ном ниҳоданд. Маркази маъмуриаш Чиптӯра дар Шаҳринав (яъне дар Чиптӯраи Боло) маҳсуб меёфт. Тамоми идораҳои маъмурии ноҳияи Шаҳринав дар деҳаҳои Қаратоғ, Қадиҷӯйбор ва Чиптӯраи Боло ҷой гирифта буданд. 29 августи соли 1930 дар асоси қарори Комиҷроияи марказӣ ва Шӯрои комиссарони халқи Тоҷикистон тақсимоти маъмурии округӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ барҳам дода, ноҳияҳо (районҳо) ба тобеъияти ҳукумати марказ гузаштанд.

Округи Ҳисор 15 августи соли 1930 бо қарори Комитети Иҷроияи Марказии Шӯроҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон № 147 барҳам дода шуд ва дар заминааш чанд ноҳия, аз ҷумла ноҳияи Душанбе ташкил карда шуд, ки ҳайати кории роҳбарикуандааш иборат аз раис, 1 муовин ва 1 котиби масъул буд. Ғайр аз ин дар шӯъбаи умумӣ 1 котиб, 1 коргузор, 1 мошинканавис, 1 тарҷумон, 1 мирзо, 1 ҳуқуқшинос фаъолият мекарданд.

Дар асоси пешниҳодоти комиссияи маъмурӣ оид ба таъсиси ноҳияҳо қарори пленуми сеюм, даъвати дуюми вилояти Ҳисор ва кумитаи иҷроияи он, ки аз 13 август то 27 августи соли 1927 идома ёфт, ба таъсисёбии ноҳияи (районӣ) Қаратоғ замина гузошт. 13 ноябри соли 1927 ноҳияи Қаратоғ дар ҳудуди собиқаи туман бо маркази маъмуриаш деҳаи Қадиҷӯйбор тасдиқ гардид.

Тарзи нави идоракунии маъмурӣ барои тараққиёти ҷамоати нави шуравӣ, коллективонидани хоҷагиҳои кишоварзӣ дар амалӣ сохтани барномаи панҷсолаи якуми хоҷагии халқи Тоҷикистон нақши муҳим бозид. Баҳри пешбурди кори шӯроҳо, ки дар бобати саводнокии мардум ва дигар корҳо такягоҳи асосии давлат ба ҳисоб мерафтанд, асосан кадрҳои маҳаллӣ истифода мегаштанд.

Барои ташкили фаъолияти шӯроҳо оид ба коллективонидани хоҷагиҳои кишоварзӣ давлат маблағҳои калони пулию молӣ ҷудо мекард. Соли 1930 коллективонидан ба тарзи интенсивӣ пеш мерафт. Танҳо дар ҳамин сол давлат ба хоҷагиҳои ҷамоати Қадиҷӯйбор, ки мавзеи Чузӣ тобеи он буд, 30

дона плуг, 10 барана, 10 тухмипошак, 10 култиватор, 5 нармкунак бепул ҷудо намуд, ки раиси ҷамоат Мирзошариф Мирзоев (арбоби Сангичоб) ба хоҷагиҳо расонид.

Дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки онро конфронси якуми умумитоҷикистонии шӯроҳо 24 феврали соли 1931 қабул намуд, нақши роҳбарикунандаи шӯроҳои ҷамоат боз ҳам баланд бардошта шуда, тамоми сохтори идоракунии мамлакат дар маҳаллҳо ба ихтиёри шӯрои ҷамоатҳои маҳаллӣ (ҳоло ҷамоати деҳот) супорида шуд. Акнун шӯроҳо ба тамоми моликият, аз ҷумла замину об соҳибихтиёр гардиданд. Моликияти хусусӣ нисбат бар обу замин бекор гардид. Дахолат ва иштироки собиқ кормандони даврони амирӣ, бою феодалон (заминдорон), ки онҳоро кулак мегуфтанд, дар корҳои шӯроҳо қатъиян манъ карда шуд.

Соли 1931 ноҳияи Шаҳринав 63450 нафар аҳолӣ дар деҳот, 2217 нафар дар марказ, 14 шӯрои ҷамоат ва 321 маҳалҳои аҳолинишин дошт. Дар ибтидои соли 1932 ҳудуди маъмурии ноҳияи Шаҳринав дар ҷануб бо ноҳияи Лақай –Тоҷик, дар шарқ бо ноҳияи Сталинобод, дар шимол бо қаторкӯҳҳои Ҳисор ва дар ғарб бо сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон пайваст буд. Дар ин минтақа, ки 308 деҳа дошт, 61 ҳазору 451 нафар одамон (13 ҳазору 153 хонавода) истиқомат мекарданд. Ҳамон сол ҳудуди маъмурии ноҳияи Шаҳринав 14 шӯрои ҷамоат-Арбобӣ, Бедак, Хонақоҳ (Кӯҳӣ), Ҳисор, Ноҷӣ, Қадиҷӯйбор, Қаратоғ, Чимкӯрғон, Мӯсобозорӣ, Дурман, Даюб, Регар, Работ, Неъматбачаро дар бар мегирифт. Аҳолии таҳҷоӣ тоҷикон ва ӯзбекон буданд[52].

Дар шароити душвори аграрӣ – коллективонидани хоҷагии деҳот, саноатикунонии истеҳсолот, идоракунии хоҷагии халқ аз як маркази дур имконнопазир гардид. Аз ин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурӣ 29.01.1932 бо мақсади қонеъсозии талаботи оммаи халқ, боз ҳам беҳтар гардонидани идоракунии маъмурӣ ноҳияи Шаҳринавро ба ду ноҳияи мустақил-Ҳисор ва Шаҳринав

---

[52] Неъматова Ш. Асроров М. Маҳфузгарони таърих. – Душанбе: Ирфон, 2010. С. 30

ҷудо намуд[53]. Мувофиқи тақсимоти маъмурӣ ҳудуди ноҳияи Ҳисор дар ҷануб ба ноҳияи Лақай – Тоҷик, дар шарқ ба шаҳри Сталинобод, дар шимол ба қаторкӯҳҳои Ҳисор ва дар ғарб ба ноҳияи Шаҳринав мерасид. Аҳолии ин минтақа 27 ҳазору 147 нафарро ташкил медод, ки дар 160 деҳаҳо истиқомат мекарданд. Ҳайати миллии ноҳияи Ҳисорро асосан тоҷикон – 71 фоиз, ӯзбекон баъдан 25,4% ва дигар халқҳо 3,6% ташкил медоданд. Дар ноҳияи Ҳисор як деҳаи руснишин - «Благодарное» дар ҳудуди маъмурии ҷамоати Ҳисор мавҷуд буд.

Яке аз ҷамоатҳои калонтарини ноҳия ҷамоати Ҳисор ба шумор мерафт, ки дар ҳудуди он 44 деҳа, 1664 хоҷагӣ буда, 7266 нафар аҳолӣ истиқомат мекард. Шумораи аҳолиро ба назар гирифта ҳукумати марказии ҷумҳурӣ аз ҳайати ҷамоати Ҳисор ташкил додани ҷамоати Қарамқулро ҷоиз донист. Дар соли 1932 дар ноҳияи навтаъсиси Ҳисор ҷамоати Қарамқул таъсис ёфт, ки маркази маъмуриаш дар деҳаи Белайдуз воқеъ гардида буд ва дар баробари он ҷамоати Чоряккорон бо тамоми ҳудуди маъмуриаш боз ба ноҳияи Сталинобод баргардонида шуд.

Ҳамин тариқ, ҳудуди маъмурии ноҳияи Ҳисор иборат аз 7 шӯрои ҷамоатӣ – Арбобӣ бо 21 деҳа, Бедак бо 11 деҳа, Ҳисор бо 21 деҳа, Ноҷӣ бо 14 деҳа, Хонақоҳ (Кӯҳӣ) бо 29 деҳа, Шайнак бо 15 деҳа, Қарамқул бо 19 деҳа муайян гардид. Маркази маъмурии ноҳия деҳаи Хонақоҳ дар стансияи роҳи оҳан қарор дода шуд[54].

Дар асоси қарори КИМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.1932 ва КИМ ИҶШС аз 7 марти соли 1933 номи маркази маъмурии ноҳия деҳаи Хонақоҳро ба деҳаи Ҳисор иваз карданд. Соли 1935 шӯрои ҷамоати Шайнакро бо тамоми ҳудуди маъмуриаш аз ноҳияи Ҳисор ҷудо намуданд. Соли 1936 номи шӯроҳои ҷамоат дар асоси Конститутсияи СССР ба комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони деҳот (қишлоқ) иваз гардид. Соли 1933 шӯрои деҳоти Арбобиро ба Қипчоқ, Бедакро ба Ҷиргинак ва Ноҷиро ба

[53] ФБМД, 1 р. 1 с. 5-6
[54] ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.1, р.1.

Навобод бадал намуданд. То ин вакт шумораи аҳолии шӯроҳои қишлоқӣ хело афзуда, идоракунии давлатӣ хело душвор гардид.

Соли 1938 хоҷагиҳои коркарди рафиқонаи замин (ТОЗ) дар ноҳия ба устави селхозартел гузашта, дар асоси он номи селхозартел (колхоз)-ро гирифтанд. Дар давраи гузариш ба тарзи нав дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия 52 хоҷагиҳо расман ба қайд гирифта шуда буданд, ки муҳаққиқон метавонанд аз хазинаҳои бойгонӣ оиди ин хоҷагиҳо маълумот пайдо намоянд.[55]

Соли 1944 ноҳияи Ҳисор дар асоси Указа Президиуми Шӯрои Олӣ аз 3 ноябри соли 1944 ба ду ноҳияи мустақил - Ҳисор ва Алмосӣ тақсим карда шуд. Дар асоси тақсимоти маъмурӣ шӯроҳои қишлоқи Алмосӣ, Хонақоҳи Кӯҳӣ, Қипчоқ ва Ҷиргинак ба ноҳияи Алмосӣ гузаронида шуда, шӯроҳои қишлоқҳои Хонақоҳ бо 26 деҳа, Ҳисор бо 26 деҳа, Қарамқул бо 19 деҳа, Навобод бо 21 деҳа дар ҳайати ноҳияи Ҳисор боқӣ монданд.

Дар оғози соли 1935 дар ҳудуди маъмурии ноҳияи Регар се ҷамоат - Регар (маркази маъмуриаш Регари кӯҳна), Даюб (маркази маъмуриаш деҳаи Даюб воқеъ дар наздикии Пахтаобод), Неъматбача – (маркази маъмуриаш деҳаи Неъматбача) мавҷуд буд, ки дар ҳудудашон дар ҳолати 01.01. соли 1934-ум 4494 нафар колхозчиён ва 110 хоҷагии яккадаст доштанд ва шумораи умумии аҳолиашон ба 18.235 нафар мерасид[56].

Шаҳри ҳозираи Турсунзода қаблан бо номи ноҳияи Регар вуҷуд дошт. Ноҳияи Регар 19 январи соли 1935 таъсис ёфтааст. Мувофиқи тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ то 1 январи соли 178 .масоҳаташ 1175,4 км. Мураб буд.

17 феврали соли 1935 бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ноҳиявӣ бюрои тадорукотӣ дар ҳайати Ғозиев - раиси комиссияи тадорукот, Куприянов – котиб ва ба ҳайси аъзо Медведов, Насруллоев ва чанде дигарон ташкил гардид, ки бо қарори он дар наздаш комиссияи планкашӣ низ таъсис

[55]ФБМДТ дар Ҳисор , ф.11, р, 2, ҳ 12, саҳ.16 . ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.340, р.1, ҳ.4, саҳ.67ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.269, р.1, ҳ.4 саҳ.14. ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.1, р.1, ҳ.43, саҳ. 15ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.1, р.1, ҳ.91, саҳ. 75БМДТ, ф.297, р.18, ҳ.110, саҳ. 46

[56] БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон ХБ №10 р.1

ёфт. Комиссияи тадорукотӣ штати кормандони ноҳияро ба тариқи зайл тасдиқ намуд:

Комитети иҷроияи ноҳия (Райисполком) - 12 нафар, Идораи молия – 9 нафар, Шӯъбаи тандурустӣ – 2 нафар, Шӯъбаи маориф – 92 нафар, Қисми таъминот – 12 нафар, Қароргоҳи кӯдакона – 2 нафар, Бахши чорводорӣ – 6 нафар, Беморхона – 13 нафар, Бунгоҳ – 4 нафар, Идораи рӯзнома (Редаксия) – 3 нафар, Матбаа – 5 нафар, Шӯъбаи планкашӣ – 1 нафар, Хоҷагии коммуналӣ - 3 нафар, Суд – 3 нафар, Шӯъбаи савдо – 1 нафар.[57]

Аз ҳуҷҷати расмӣ бармеояд, ки дар давраи фаъолияти комиссияи тадорукотӣ дар ҳудуди ноҳияи навтаъсиси Регар боз ду ҷамоати дигар – Работ ва Баумин таъсис дода шудаанд. Микдори умумии кормандони ноҳия иборат аз 196 нафар буд. Бюрои тадорукотӣ аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш нақшаи кишти баҳориро дар хоҷагиҳои ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия тартиб дод. Мувофиқи протоколи рақами 1 – и маҷлиси ташкилии коммунистони ноҳияи Регар аз 7 марти соли 1935, ки дар бойгонӣ маҳфуз аст, дар ин маҷлис 17 аъзо ва 18 номзадҳо ба аъзогии ВКП(б) ширкат варзида, масъалаи ташкилӣ дида баромада шудааст[58].

Соли 1935 бо мақсади беҳтар кардани хизматрасонии техникӣ, хубтар истифода бурдани заминҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат боз як қароргоҳи мошинию тракторӣ (МТС) дар ҳудуди ҷамоати Даюб таъсис дода шуд. Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон бо қарорашон аз 9 декабри соли 1935, №1271 дар ҳудуди маъмурии ноҳияи Регар боз як тағйирот даровարданд. Ноҳияи Регар ба ду ноҳияи мустақил – Регар ва Пахтаобод ҷудо карда шуд. Дар натиҷаи тақсимоти байниноҳиявӣ, ки аз рӯи хизматрасонии МТС –ҳо сурат гирифт, ба ноҳияи Регар се ҷамоат - Регар, Бауман ва Работ ва ноҳияи навтаъсиси Пахтаобод шӯрои чамоати Даюб ва Неъматбача шомил гардиданд[59].

---

[57] БМДТ ХБ№.11, р.2, саҳ 16, ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ХБ№ 196, р.1, ҳ.145, саҳ.74
[58] БМДТ ХБ№.11, р.2, саҳ 16, ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ХБ№ 196, р.1, ҳ.145, саҳ.74
[59] ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.210, р.1, ҳ.26, саҳ.35-40, ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.210, р.1, ҳ.47, саҳ.10

Баъди анҷумани 6 уми Шӯроҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 1 марти соли 1937 баргузор шуд ва Сарқонуни нави Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро қабул кард, номи ҷамоатҳо ба шӯрои деҳоти (қишлоқи) депутатҳои меҳнаткашон иваз карда шуд, ки мухтасаран шӯрои қишлоқ меномиданд. Баробари иваз кардани унвони ҷамоатҳо ба шӯрои қишлоқ шӯроҳои қишлоқи ноҳияи Регар низ ба таври зайл табдили ном карданд: Ҷамоати Работ ба шӯрои қишлоқи Девак, Ҷамоати Бауман ба шӯрои қишлоқи Киров, Ҷамоати Сталин ба шӯрои қишлоқи Сешанбе, Ҷамоати Ленин ба шӯрои қишлоқи Ҷаврат, Ҷамоати Регар ба шӯрои қишлоқи Чинор.[60] Президиуми Комитети Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июни соли 1937 ҳудуди маъмурии ноҳияи Регарро ба таври расмӣ муайян намуда, дар айни ҳол аз ҳудуди он ноҳияи Пахтаободро бо маркази маъмуриаш дар деҳаи Даюб таъсис дод. Дар худи ҳамин ҷаласа дар ҳудуди маъмурии ноҳияи Регар минбаъд амал намудани 5 шӯрои деҳоти депутатҳои меҳнаткашон (Шурои қишлоқ): Шӯрои қишлоқи Девак бо 14 деҳа, Шӯрои деҳоти Чинор бо 9 деҳа Шӯрои деҳоти Сешанбе бо 10 деҳа, Шӯрои деҳоти ба номи Киров бо 14 деҳа, Шӯрои деҳоти Ҷаврат бо 11 деҳа, эълон гардид.

Пас аз ҷудо шудани ноҳияи Пахтаобод дар ҳудуди боқимондаи ноҳияи Регар дар ҳолати соли 1938 миқдори аҳолӣ 14119 нафар, аз ҷумла дар шӯрои деҳоти (қишлоқи) Киров 3678, Девак 2789, Ҷаврат 2864, Чинор 2335, Сешанбе 2453 нафар буд. Солҳои 1937-1938 дар таърихи хоҷагидории мамлакат давраи нав ба ҳисоб меравад. Колхозҳо аз шакли «ТОЗ» ба «устави сельхозартель» гузаштанд. Дар ноҳияи Регар аввалин шуда хоҷагиҳои «Магнитагорск», «Соц.деҳқон», «Қизил Юлдуз», «МТС», «Меҳнат», «1-Май», «Москва»-и шӯрои қишлоқи Ҷаврат, колхозҳои «Маданият», «Инқилоб», «Юксалиш», ба номи Ленин, «Янги Йӯл», «Қаҳрамон», «Ленин йӯли», «Первая пятилетка» - и шӯрои қишлоқи Киров, колхозҳои «8-март», «Политотдел», «Мопр», ба номи Сталини шӯрои қишлоқи Сешанбе, шӯрои қишлоқи Чинор колхозҳои «Ҳақиқат», «Украина», «Индустрия», «Маданият», аз шӯрои қишлоқи Девак

[60] ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.210, р.1, ҳ.26, саҳ.35-40, ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ф.210, р.1, ҳ.47, саҳ.10

колхозҳои ба номи Бобокалонов, «Қизил Нур», «Коммунизм», «Коммунаи Париж» ба устави селхозартел гузаштанд[61].

Ҳамин тариқ, баъд аз ҷониби Отряди Эъзомии ҳарбии Ҳисор озод гардидани минтақа аз дастаҳои босмачиёни Амир Саид Олимхон, пурра бунёд гардидани тартиботи шӯравӣ ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Регар, Пахтаобод ва Алмосӣ ташкил шуданд. Дар филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор доир ба ноҳияҳои дар боло зикр гардида, ҳуҷҷатҳои нодире мавҷуданд, ки таҳқиқотчиён метавонанд аз онҳо бархӯрдор бошанд.

### 1.2.Таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор

Бойгониҳо маҳфуздори сарчашмаҳои нодири дорои аҳаммияти сиёсӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва хоҷагидорӣ буда, онҳо аз таърихи пайдоиш ва инкишофи давлатҳо ва мардумон иттилоъ медиҳанд. Аз ин ҷост, ки ҳифз, нигаҳдорӣ ва омӯзиши онҳо на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи ҳар як фарди ҷомеа маҳсуб меёбад.

Соҳаи бойгонидорӣ ба таври муттамарказу системанок танҳо дар нимаи аввали асри XX шакл гирифт ва минбаъд ба қолаб даромада, тараққӣ кард. Як далел мусаллам аст, ки бойгонӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ҳанӯз дар Хуҷанди бостонӣ баҳори соли 1905 арзи вуҷуд кард. Мақомоти иҷроияи Ҳукумати уезди Хуҷанд барои барпо доштани хизмати бойгонӣ 9 парели соли 1905 фармон содир кард. Маҳз аз ҳамин рӯз кори бойгонӣ дар уезди Хуҷанд шурӯъ гардид. [62]

Минбаъд вазифаи бойгониҳо натанҳо нигаҳдории маводҳои таърихӣ, инчунин бақайдгирӣ, таъмини бехатарию беосебият ва мавриди истифодаи умум қарор додани онҳо ҳисоб меёфт. Кормандони бойгонӣ масъуланд, ки

---

[61] ФБМДТ дар ш. Ҳисор, ХБ№.308
[62] Мардонов Р. Кохи ҳуҷҷатҳои муқаддас. -Душанбе,2013. –С. 22.

дақиқназарона ба ҳар як ҳуҷҷати мавҷудаю воридшаванда эътибори махсус диҳанд ва онҳоро барои истифодабарӣ пешкаш намоянд.

Аз рӯзҳои аввали Инқилоби Октябр Ҳукумати Шӯравӣ барои ба даст овардани маводҳои бойгониҳои муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятии Россияи подшоҳӣ кушиш ба харҷ дод. 1 июни соли 1918 В.И. Ленин ба декрети Шурои Комиссарони Халқи РСФСР «Оид ба азнавсозӣ ва марказонии фаъолияти бойгониҳо», ки ба оғози ташкилдиҳии Фонди ягонаи бойгониҳои давлатӣ замина мегузошт, имзо кард. Барои роҳбарии он Сарраёсати корҳои бойгонӣ дар назди Комиссариати маориф ва органҳои маҳаллии он ташкил ёфт.[63]

Минбаъд онҳоро «*Махзани ягонаи бойгониҳои давлатӣ*» номиданд. Соли аввали таъсисёбӣ корҳои бойгонӣ ва муассисаҳои тобеи он, дар маҳаллҳо чи тавре, ки зикр кардем, зери тасарруфи Комиссариати Халқии маориф қарор гирифт. Соли 1922 нуфузи бойгониҳо баланд гардида, онҳоро бевосита ба Кумитаи Умумироссиягии Иҷроияи Марказӣ (КУИМ) доданд. Ҳамон сол барои роҳбарии умумӣ ба фаъолияти бойгониҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) дар назди Президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии ИҶШС Раёсати марказии бойгонии (ЦАУ) ИҶШС таъсис дода шуд. Соли 1938 бошад, он ба тобеъияти Комиссариати корҳои дохилӣ ворид гардид. Ҳамзамон бойгониҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ низ ба ҳамин Комиссариатҳо ворид гардиданд.[64]

Ҳамин тавр, бойгониҳо ба таври расмӣ дар РСФСР бунёд ёфтанд, ки минбаъд онҳо ба таъсисёбӣ ва сохтмони бойгониҳои типи нав дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон замина гузоштанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин иқдоми таъсис додани бойгониҳо дар маҳалҳо ба амал омадааст. Аз қарори Кумитаи иҷроияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ( КИМ) аз 23 сентябри соли 1935 бар меояд, ки дар як қатор ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкили нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии ҳуҷҷатҳо ба роҳ монда нашудааст. Бо дастрасии қарори КИМ-и Шӯроҳои Иттиҳоди

---

[63] Максаков В.В. история и организация архивного дела в СССР (1917-1945гг.)- М.: Наука,1969.-С.34.

[64] Муҳиддинов С, Каримов М.Бойгоншиносӣ: Дастури таълими барои донишҷӯёни факултетҳои таърихи макотиби олӣ /Муҳаррир н.и.т,дотент Н.К.Убайдуллоев.- Душанбе,2009.-С.18.

Шӯравӣ аз 27 апрели соли 1935 «Дар бораи чорабиниҳо оиди ба низом даровардани кори бойгониҳо дар Иттиҳоди Шӯравӣ» дар як қатор шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар шаҳри Сталинобод бойгониҳои байниноҳиявӣ таъсис ёфтанд. Бойгонии байниноҳиявии шаҳри Сталинобод барои хизматрасонӣ ба ноҳияҳои Янги Бозор, Ромит, Куктош, Варзоб, Оби Гарм, Ҳисор, Шаҳринав, Регар ва Файзобод нигаронида шуда буд.

Аз ибтидои соли 1936 барои фаъолияти бойгониҳо аз буҷаи ҷумҳурӣ маблағ ҷудо гардида, сохтмони бинои махсусро барои бойгонӣ ба нақша гирифтанд.

Роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва шахсони масъули Идораи бойгонии марказӣ дар ин бобат дастуру супоришҳо гирифтанд.

Аз умдатарин масъалаҳои бойгониҳо инҳо буданд:

-баҳисобгирии теъдоди ҳуҷҷатҳои ба фондҳои бойгонӣ воридшаванда;

-бойгониҳоро бо кадрҳои лаёқатманд таъмин намудан;

-баланд бардоштани савияю донишу малака ва бозомӯзии кадрҳо;

-бо забони тоҷикӣ таҳия намудани дастуру супоришҳои корӣ;

-ба чоп омода намудани феҳрист (котолог) - и ҳуҷҷатҳои фонди бойгонӣ;

-таъсис додани бойгониҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ;

-сохтмони бинои бойгонӣ дар шаҳри Сталинобод (Душанбе) дар ибтидои соли 1939;

-маоши моҳонаи кормандони бойгониро баробари маоши ташкилотҳои илмӣ баланд бардоштан.

Шӯрои шаҳри Душанбе (Сталинобод) вазифадор карда шуд, ки дар муддати як моҳ бойгониҳои шаҳрӣ ва ноҳияҳоро таъсис диҳад ва онҳоро бо воситаҳои таъмини бехатарӣ ҷиҳозонад. Қарори мазкур барои дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Регар таъсис додани бойгониҳои ноҳиявӣ асос гузошт.

Аз ҳуҷҷатҳои фонди бойгонии кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои ноҳияи Ҳисор бармеояд, ки соли 1938 дар ноҳия бойгонии давлатии ноҳиявӣ таъсис дода шудааст.[65]

---

[65] ФБМД ҶТ дар ш.Ҳисор, ХБ№1, 45, с. 78

Ҳукумати ноҳия ҳамаи роҳбарони ташкилотҳои ноҳиявиро вазифадор мекунад, ки то 5 апрел ҳуҷҷатҳоро дар асоси дастурамал омода намуда, ба бойгонии ноҳиявӣ супоранд ва баҳри таъминоти бойгонӣ маблағҳои зарурӣ ҷудо намоянд.

Бойгониҳои ноҳияҳои Шаҳринав ва Турсунзода низ, ки дар ҳамин вақт таъсис ёфтанд, имкониятҳои маҳдуд доштанд.

Дар маркази ноҳияи Ҳисор танҳо соли 1948 дар асоси Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 май «Дар бораи ба тартиб даровардан ва таъмин намудани бехатарии ҳуҷҷатҳо дар бойгониҳои Тоҷикистон» барои бойгонӣ бинои алоҳида ба андозаи 80 метри мураббаъ ҷудо намуданд, ки 13 метр рафакҳо дошт. Бино барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо мусоидат мекард. Деворҳо аз хишти пухта ва сақфаш аз сангу семент бунёд ёфта, дару тирезаҳояш бо панҷараҳои оҳанин маҳкам карда шуда буданд. Бино ду ҳуҷра дошт, ки яке барои ҷои кори кормандон, дигаре барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо пешбинӣ шуда буд.

Дар ноҳияҳои Шаҳринав ва Регар (ҳоло Турсунзода) бойгониҳои ноҳиявӣ дар биноҳои намнок, тангу торик ҷойгир буданд. Ҳуҷҷатҳо дар чунин шароит нобуд мешуданд. Кормандони бойгониҳо аз тарафи идораҳои корҳои дохила таъин ва озод карда мешуданд. Маблағгузорӣ барои фаъолияти бойгониҳои ноҳиявӣ аз ҷониби комиҷроияҳои ноҳиявӣ сурат мегирифт. Дар ҳамон давра 90 % ҳуҷҷатҳо дар ҳолати номусоид қарор доштанд.

Дар асоси Қарори Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ аз 7 феврали соли 1956 ва Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1956 фаъолияти кори бойгониҳо ба пуррагӣ санҷида, дастурҳои методӣ ва нишондодҳо барои муайян сохтани қиматнокӣ ва номгӯи ҳуҷҷатҳо, нишондиҳии мӯҳлати нигоҳдории онҳо фиристода шуданд. Дар ин самти фаъолият кормандони Бойгонии марказӣ ба бойгониҳои ноҳиявӣ мадад расониданд. Ин буд, ки дар муддати кӯтоҳ ҳуҷҷатҳо ба фондҳо ҷудо карда, ҳамаи ҳуҷҷатҳо ба рӯйхат гирифта шуданд.

Аз ҷумла фаъолияти бойгонии Ҳисор ба як низоми муайян даромад. Акнун ҳар як ҳуҷҷати фонди бойгонӣ рақами мушаххаси худро дошт, ки барои истифода қулай ва мувофиқ буд. Солҳои панҷоҳум дар таърихи фаъолияти тамоми ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд, ки дар бораи онҳо поёнтар ҳангоми шарҳи таърихии ноҳияҳо муфассалтар хоҳем ҳарф зад. Ҳоло бошад, лозим медонем, мухтасаран маълумоте бидиҳем.

Бисёр хоҷагиҳои коллективӣ ба ҳам муттаҳид гашта, деҳшӯроҳо тағйири ном карда ва ё барҳам дода шуданд. Ноҳияи Шаҳринав ҳамчун як воҳиди маъмурӣ барҳам дода шуд. МТС – ҳо таҷдид гардиданд. Деҳшӯроҳои нав таъсис ёфта, шӯроҳои шаҳрию шаҳракҳо мақоми худро тағйир доданд. Шаҳри Регар ҳамчун шаҳри тобеи ҷумҳуриявӣ пазируфта шуд. Ҳуҷҷатҳои ин ташкилоту муассисаҳо дар ҳолати парешонӣ беназорат мехобиданд. Бойгониҳои ноҳиявӣ баҳри ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои корхонаҳои барҳамхӯрда шароит надоштанд. Аз тарафи дигар бехатарии ҳуҷҷатҳои колхозу совхозҳо ва деҳшӯроҳо таъмин карда намешуд. Бойгониҳои ноҳиявӣ барои қабули пурраи ҳуҷҷатҳо имконият надоштанд. Аз ин рӯст, ки дар ҳамин давра бисёр ҳуҷҷатҳои колхозҳои муттаҳидгардида несту нобуд шуданд [66].

Роҷеъ ба фаъолияти бойгониҳои ноҳиявӣ то соли 1956 маълумот хеле кам аст. Аз ҳуҷҷатҳои фонди Саридораи Бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Бойгонии марказӣ маҳфуз аст, аз фаъолияти бойгонии давлатии ноҳияи Ҳисор баъзе маълумотеро пайдо кардан мумкин аст. Аз рӯйи ҳуҷҷатҳои саҳеҳ дар бойгонии Ҳисор 87 фонд, зиёда аз 13817 парванда мавҷуд буданд.

Танҳо дар соли 1956 аз 20 корхонаю муассисаҳо 2228 адад парванда қабул шудааст. Мувофиқи ҳисоботи бойгонӣ 8 корхонаю муассисаҳои ноҳиявӣ ҳуҷҷатҳои махсуси ҳуҷҷатнигоҳдорӣ ташкил намудаанд. Дар давоми сол барои гирифтани маълумот 30 нафар шаҳрвандон муроҷиат кардаанд.

---

[66] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 307,Р.1,П.23 саҳ 18 (нусха)

Кормандони масъул 3 колхоз, 2 деҳшӯро ва 22 корхонаҳои дигари ноҳияро санҷидаанд.

Дар соли 1957 аз ҳисоби хоҷагиҳои муттаҳидгардида фонди бойгонии Ҳисор ба 120 теъдод, ҳуҷҷатҳои доимӣ ба 3417 адад, ҳуҷҷатҳои муваққатӣ ба 8997 адад расонида, дар давоми сол 3114 парванда ба тартиб даровaрда, аз он 342 барои супоридан ба Бойгонии марказӣ омода карда шудааст.

Дар натиҷаи муайян намудани қиматнокии ҳуҷҷатҳо 3417 адад парвандаҳоро аз фонди бойгонӣ хориҷ кардаанд. Дар солҳои минбаъда фаъолияти бойгонии Ҳисор дар зери роҳбарии Валиев дар доираи ҳамин нишондиҳандаҳо идома ёфтааст.

Фаъолияти бойгониҳои давлатии ноҳияҳои Шаҳринав ва Турсунзода дар солҳои зикргардида бо роҳбарии мудирони бойгонӣ Сешенко Г.И ва Князева В.Ф. дар асоси низомномаи бойгонӣ ба роҳ монда шудааст. Соли 1959 баҳри муайянсозии қимати таърихию фарҳангии ҳуҷҷатҳои тавлидшаванда дар бойгониҳои ноҳиявӣ комиссияи экспертию назоратӣ (ЭПК) ба кори худ оғоз намуд.

***Маълумоти зарурӣ роҷеъ ба ҳолати бойгониҳои ноҳиявӣ дар соли 1959***

| **№** | **Нишондиҳандаҳо** | **Ҳисор** | **Шаҳринав** | **Регар** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи фондҳо | 109 | 57 | 127 |
| 2 | Ҳуҷҷатҳои доимӣ | 5499 | 4100 | 6143 |
| 3 | Ҳуҷҷатҳои муваққатӣ | 1652 | - | 874 |
| 4 | Масоҳати бойгонӣ | 100м$^2$ | 46.5м$^2$ | 39м$^2$ |
| 5 | Дарозии рафакҳо | 135п/м | 46.5п/м | 95п/м |
| 6 | Аризаҳои воридшуда | 28 | - | 99 |
| 7 | Ба тартибдарорӣ | 3205 | 10380 | - |

Соли 1959 бо сабаби барҳам хӯрдани ноҳияи Шаҳринав ва ба ҳам муттаҳидсозии бойгониҳои ноҳиявӣ фонди бойгонии ноҳияи Ҳисор дучанд афзоиш ёфт. Кори бойгонии Ҳисор сол ба сол зиёдтар ва ҳолаташ ҳамаҷониба беҳтар гаштан гирифт. Роҳбарияти ноҳия ба боз ҳам хубшавии вазъи нигоҳдории ҳуҷҷатҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекарданд. Ҳолати коргузорӣ бо

ҳуҷҷатҳои бойгонии идоравӣ низ хеле беҳтар гардид. Қариб дар ҳамаи корхонаю муассисаҳо ҳуҷраҳои махсус барои бойгонӣ ҷудо намуданд. Аз болои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо назорат ҷорӣ гардид. Соли 1962 дар фонди бойгонии давлатии Ҳисор 3000 ҳуҷҷати доимӣ ва 1500 ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ нигоҳ дошта мешуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам беҳтаргардонии сохти таркибии бойгониҳои ҷумҳурӣ дар доираи бойгониҳои ноҳияҳои Ҳисор ва Регар бо қарори худ аз 5 апрели соли 1963, №145 филиали Бойгонии марказиро дар шаҳраки Ҳисор таъсис дод.[67]

Ин кор дар ибтидо мушкилӣ пеш овард. Зеро ҳуҷҷатҳои бойгонии ноҳияи Регар дар натиҷаи боронҳои шадиди соли 1963 дар зери об монда, ба нобудшавии онҳо таҳдид мекард. Кормандони филиали Бойгонии марказӣ (минбаъд танҳо бойгонӣ), ки иборат аз ду нафар буданд, солҳои 1963 – 1964 машғули ба низомдарории ҳуҷҷатҳои бойгонии Регар гардиданд.

Бо мақсади боз ҳам хубтару беҳтар нигоҳдорӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳои фондҳои бойгонӣ дар асоси Қарори Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ аз 26 сентябри соли 1963 «Дар бораи тадбирҳои боз ҳам беҳтар сохтани кори бойгонӣ дар Тоҷикистон» кумитаи иҷроияи ноҳияи Ҳисор қарори худро аз 30 декабри соли 1963 таҳти рақами 604 ба имзо расонид, ки дар он чорабиниҳои мушаххас оид ба беҳтар сохтани кори бойгониҳо пешбинӣ гаштанд.

Баҳри иҷрои талаботи ба миёнгузошта кормандони бойгонии давлатии Ҳисор бо кормандони корхонаю муассисаҳои ноҳияҳои Ҳисору Регар борҳо маҷлису машваратҳо ва семинарҳо гузаронда, тартиби корбариро дар ин самт фаҳмониданд.

Дар кори семинару машваратҳо роҳбарону шахсони масъули соҳаи ҳуҷҷатнигорӣ, мутасаддиёни бойгониҳои идоравӣ иштирок доштанд. Дар натиҷаи фаъолияти пайгиронаи роҳбарияти ноҳияҳо ҳолати кори нигоҳдорӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳо беҳтар гардид. Ин ба осоншавии кор дар филиали Бойгонии давлатӣ мусоидат намуд. Дар назди бойгонӣ гурӯҳи

---
[67] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 307,Р.1,П.33 саҳ 9 (нусхаи асл, дурахшон)

махсуси корӣ роҷеъ ба коркарди ҳуҷҷатҳо таъсис ёфт, ки роҳбариаш ба дӯши Расулов Сайфиддин афтод. Штати кории кормандони филиал низ хеле афзуд. Кормандони бойгонӣ таҳти роҳбарии Нарзиқулов Авлиёқул(узви ҳизби коммунист, миллаташ тоҷик, соли таваллудаш 1911 ) фаъолиятро намунавор ба роҳ монда, сифату самараи корро хеле беҳтар карданд. Дар ин бобат алалхусус Овчинникова Евдокия Тимофсеевна, Гостишева Татяна, Леонтева А, Воҳидов Ҳалим, Юсуфов Ҳикматулло барин бойгонишиносони таҷрибанок ва кормандони заҳматпеша саҳми калон гузоштанд.[68]

Соли 1967 дар фондҳои бойгонии Ҳисор 12600 ҳуҷҷатҳои доимӣ ва 4235 ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ нигоҳдорӣ карда мешуданд. Миқдори ҳуҷҷатҳои доимӣ дар корхонаю муассисаҳои ҳудуди хизматрасонии бойгонӣ хеле зиёд буд. Корхонаҳои нави саноатию истеҳсолӣ, сохтмонию хизматрасонӣ хеле афзуданд.

Соли 1968 бинои нави филиали Бойгонии марказӣ дар шаҳраки Ҳисор барои ғунҷоиши 240000 ҳуҷҷат ба истифода дода шуд, ки се маҳфузхона, ҳуҷраҳои кори барҳавои бо тамоми воситаҳои зарурӣ ҷиҳозонида дошт. Шумораи ҳуҷҷатҳои доимӣ торафт афзуда, шаклу усулҳои нави корӣ, намудҳои гуногуни коргузории соҳавӣ ҷорӣ гардиданд. Дар ибтидои фаъолият агар кор аз ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо ва нигоҳдории онҳо иборат бошад, баъди сохта ба истифодадиҳии бинои нави бойгонӣ корҳои илмию методӣ, навиштани маълумотномаи таърихӣ, феҳристи ҳуҷҷатҳо ва ғайраро ба нақша гирифтанд. Дар бахши ахборотӣ рӯихати мукаммали фондҳо, дастгоҳи илмию ахборотӣ, фонди илмию иттилоотӣ, каталогҳо тартиб дода шуданд.

Дар солҳои минбаъда филиали Бойгонии марказӣ дар шаҳраки Ҳисор дар байни дигар филиалҳо яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол кард. Дар ин айём дар фондҳои бойгонӣ зиёда аз 50000 ҳуҷҷатҳои солҳои 1924 – 1976 нигоҳдорӣ мешуданд.

---

[68] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 307,Р.1,П.38 саҳ 3-6 (нусхаи дастнавис)

Ба муносибати 60 солагии ҷашни Декрети Ленинӣ « Дар бораи таҷдиди сохтори Бойгонии Иттиҳоди Шӯравӣ» бисёр корҳои ахборотию иттилоотиро ба роҳ монданд. Дар ин бобат ҳиссаи кормандони бойгонӣ бо роҳбарии директори онвақтаи филиал Овчинникова Е.Т, кормандон Попивняк В.С, Саидова Н.Г, Расулов Сайфиддин назаррас буд. Охири солҳои 70 – ум ва ибтидои солҳои 80 – ум фаъолияти бойгонӣ асосан ба ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои корхонаю муассисаҳо нигаронида шуд. Бо мақсади хубтаршавии кор дар ин самт бисёр чорабиниҳо гузаронида шуданд. Пеш аз ҳама гурӯҳи корхонаҳое муайян мегардиданд, ки барои пурсозии фондҳо афзалияти бештар доштанд. Мисли кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ ва деҳшӯроҳо, ташкилотҳои ноҳиявӣ, заводу фабрикаҳо, колхозу совхозҳо, муассисаҳои молиявию тандурустӣ, маданӣ – равшаннамоӣ, маориф, ҳифзи ҳуқуқ ва ғайраҳо. Ба ғайр аз ин ташкилотҳоеро, ки ҳуҷҷатҳояшон чандон қимати илмию таърихӣ надоштанд, аниқ намудан зарур буд. Ба роҳ мондани назорату корбарӣ бо онҳо масъулияти ҷиддиро талаб мекард. Аз ин рӯ кормандони бойгонӣ самти фаъолияти корхонаҳоро пурра омӯхта, мувофиқи қиматнокиашон ҳуҷҷатҳоро ба қайд мегирифтанд.

Дар ташкилоту муассисаҳои гурӯҳи якум ташкили бойгонии идоравӣ, ҳисобу китоб, таъмини бехатарӣ, вобаста намудани мутасаддиён, гузаронидани ташхиси илмию техникӣ ва омода намудани ҳуҷҷатҳо барои нигоҳдорӣ дар бойгонии давлатӣ аз вазифаҳои асосӣ ба шумор мерафтанд. Дар ин бобат тайёр намудани дастуру супоришҳо, дар асоси он муқаррар намудани мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳо дар зиммаи хадамоти бойгонӣ буд. Аз соли 1980 дар назди филиали Бойгонии марказӣ комиссияи тафтишотӣ – экспертӣ (ЭПК) амал дорад, ки барои қабули ҳуҷҷатҳои босифат ва ба талаботи низомнома мувофиқ мусоидат мекунад. Дар ҳайати комиссия кормандони таҷрибадор ва соҳибкасб шомиланд. Роҳбарии комиссия доимо ба зиммаи директори филиал мебошад. Аз соли 1974 дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ тариқи ягонаи коргузорӣ амал мекард. Кормандони бойгонӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки талаботи ин ҳуҷҷати меъёрӣ пурра риоя гардад. Ба

ин хотир варақаҳои (бланкҳои) фирмавии корхонаҳоро ба роҳ монданд. Дар бобати таҳияи варақаҳои фирмавӣ ду ГОСТ – и давлатӣ – 6 – 38 – 72 ва 6 – 39 – 72 мавриди амал қарор дошт ва риояи талаботи онҳо аз тарафи кормандони бойгонӣ назорат бурда мешуд[69].

Дар самти коргузорӣ ва кор бо ҳуҷҷатҳои корхонаҳо кормандони бойгонӣ сохтани феҳристи ҳуҷҷатҳои коргузорӣ, тибқи он таҳия намудани ҳуҷҷатҳо, дар бойгонии идоравӣ нигоҳдориашонро назорат мебурданд ва иҷрои амалиашонро таъмин мегардонданд. Муносибати байни корхонаҳо бо бойгонӣ боз ҳам зичтар ва мустаҳкамтар мешуд. Дар нақшаи кори филиали дар Ҳисор будаи Бойгонии давлатӣ гузаронидани семинару машваратҳо, маҷлису вохӯриҳо пешбинӣ шуда, ки далолат бар гуфтаҳои болоианд. Нуфузу мартабаи бойгонӣ солҳои 80 – ум хеле боло рафт. Бо қабули Низомномаи нав « Дар бораи фондҳои Бойгонии давлатии (ГАФ) Иттиҳоди Шӯравӣ» аз моҳи апрели соли 1980 масъулиятшиносии корхонаҳо доир ба ҳифзи ҳуҷҷатҳо ва алоқаашон бо бойгонӣ боз ҳам беҳтар гардид. Ин буд, ки кор дар бобати гардиши ҳуҷҷатҳо ниҳоят хуб шуд.

Бо мақсади боло бурдани нуфуз ва мартабаи хадамоти бойгонӣ якчанд қонуну қарорҳо ва низомномаҳои иттифоқию ҷумҳуриявӣ ба имзо расиданд. Яке аз онҳо Қонун «Дар бораи муҳофизат ва мавриди истифода қарор додани ёдгориҳои таъриху маданият» (1978) буд, ки дар асоси он ҳуҷҷатҳои бойгонӣ низ ҳамчун ёдгориҳои хаттӣ пазируфта шуданд. Ин санади давлатӣ дар назди кормандони бойгонӣ боз як вазифаи масъулиятнок – мавриди истифода қарор додани ҳуҷҷатҳои фондҳои бойгониро гузошт. Дар хазинаи гаронбаҳои бойгонии Ҳисор дар ҳамин давра зиёда аз 40000 ҳуҷҷатҳои нодири корхонаю муассисаҳои ҳудуди хизматрасонии филиали Бойгонии марказӣ нигоҳдорӣ мегардиданд, ки моҳияти таърихӣ,фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тарбиявию ахлоқӣ, илмию техникиро молик буданд. Истифодаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим барои пешравии ҷамъият ва тарбияи насли наврас аҳамияти калон дошт. Бо мақсади муаррифӣ намудани ҳайати фондҳо ва мазмуни

[69] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 307,Р.1,П.10 саҳ 1

ҳуҷҷатҳои хаттӣ ба кормандони бойгонӣ лозим омад, ки маълумотномае оид ба фондҳо интишор диҳанд. Бойгонии Ҳисор аз соли 1980 сар карда иҷрои як қатор корҳои илмиро ба нақша гирифт. Ташкил намудани намоиши ҳуҷҷатҳо, ҷалб кардани диққати хонандагон ба бойгонӣ, чоп намудани мақолаҳо, гуфторҳои радио ва дигар шаклҳои ахборотию иттилоотӣ аз тадбирҳое буданд, ки фаҳмиш ва масъулияти беандозаро тақозо мекарданд. Бо мақсади иҷрои ин корҳо дар назди филиал шӯрои ташкили илмии меҳнат таъсис ёфт. Бо фармони директори бойгонӣ ба ҳайати он Попивняк Валентина Судоровна, Бондареко Олга Павловна ва Асроров Муҳибулло шомил гардиданд. Бо қабули Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳтар гардонидани вазъи хадамоти бойгонӣ» аз 26.11.1980,№361 вазифаҳои кормандон дучанд афзуд. Соли 1981 баҳри алоқаи байни корхонаҳои фондафзо ва бойгониро боз ҳам қавитар намудан гурӯҳи коркарди илмӣ – техникии ҳуҷҷатҳоро ба шӯъбаи бойгониҳои идоравӣ табдил дода, шаклҳои ҳисоботӣ ва нақшавиро дигаргун сохтанд.

Дар натиҷаи кӯшишу ғайрати пайгирона ва истифодаи оқилонаи шароиту имкониятҳо соли 1982 маълумотнома доир ба фондҳои Бойгонии давлатӣ ( Душанбе – 1982) таҳия ва чоп гардид. Ин аввалин ҳуҷҷати илмие буд, ки дар бораи миқдор, мазмун ва сифати ҳуҷҷатҳо ба аҳолӣ маълумот медод. Бо интишори ин ҳуҷҷати меъёрӣ шумораи тадқиқотчиёни таъриху фарҳанги миллӣ ва муроҷиати шаҳрвандон хеле афзуд. Аз ин боис ҳайати кормандон ба 15 нафар расонида шуд. Ҳолати нигоҳдории ҳуҷҷатҳо хеле беҳтар гардид. Акнун ҳуҷҷатҳои фондҳои бойгонӣ дар қуттиҳои махсуси ҳуҷҷатнигоҳдорӣ гузошта, барои нигоҳдории матни ҳуҷҷатҳо ҳарорати мӯътадил риоя карда мешуд. Вазъи ҳавои маҳфузхонаҳо мунтазам санҷида, баҳри беҳбудии кор дар ҳолатҳои зарурӣ тадбирҳои лозимӣ андешида мешуданд.

Дар ҳамин давра дар байни бойгониҳои ҷумҳурӣ мусобиқаи сотсиалистиро ба роҳ монда буданд, ки охири сол ҷамъбаст гашта, ғолибон муайян ва пешқадамон бо мукофотҳои молию пулӣ сарфароз ва қадрдонӣ

карда мешуданд. Бойгонии Ҳисор соли 1982 нақшаи корҳои асосиро 100, 9 фоиз, ҳосилнокии меҳнатро 100, 8 фоиз, феҳристнависиро 114 фоиз, қабули ҳуҷҷатҳоро 112 фоиз ва дигар намуди хизматросониро 100 фоиз ба иҷро расонида, нақшаи панҷсоларо бошад, аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳо 108, 5-109, 9 фоиз таъмин гардонид.

Соли 1985 ба муносибати ҷашни 40-солагии ғалаба дар Ҷанги Бузургӣ Ватании солҳои 1941- 1945 ба дӯши кормандони бойгонӣ вазифаҳои муҳим афтод. 26 феврали соли 1985 дар бинои кумитаи ҳизби коммунистии ноҳияи Ҳисор бо ташаббуси шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат вохӯрии кормандони бойгонӣ бо бештар аз 500 собиқадорони ҷангу меҳнат доир гардид, ки дар он адиби маъруфи ҷангноманавис Раҳмон Сафар иштирок ва суханронӣ намуд.

Кормандони бойгонии Ҳисор дар назди ҳозирон аз рӯи масъалаи нигоҳдорӣ ва мавриди истифода қарор додани ҳуҷҷатҳои шахсии шаҳрвандон баромад карда, роҷеъ ба як ҷузъи таърихи ҷомеа будани ҳуҷҷатҳои шахсӣ ва аҳамияташон бобати тарбияи насли наврас ва бедор намудани ҳисси ватандорию ватандӯстӣ, инъикоси бевоситаи қаҳрамонию мардонагии мардум сухан ронданд. Ҳамчунин торафт кам шуда истодани сафи кӯҳансолонро ёдовар гашта, изҳор дошт, ки ба бойгонии давлатӣ супоридани ҳуҷҷатҳои шахсӣ яке аз масъалаҳои муҳими давлатӣ маҳсуб меёбад. Масъалаи нигоҳдорӣ кардани ҳуҷҷатҳои аккосӣ низ ба миён гузошта шуд.

Гуфтугузори онрӯза ва корҳои минбаъдаи иттилоотӣ, ки дар давоми соли 1985 бурда шуданд, натиҷаҳои дилхоҳ доданд. Бо дархости шумораи зиёди хонандагон аз фондҳои бойгонӣ ҳуҷҷатҳои бисёре мавриди истифода қарор гирифтанд.

Бо истифода аз ҳуҷҷатҳои шахсии бойгонӣ ду мақола дар рӯзномаҳои ноҳиявии «Байрақи ленинизм» (н.Ҳисор) ва «Ленин йӯли» (ш.Турсунзода) доир ба қаҳрамонию мардонагии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба чоп расиданд, як гуфтори радио дар мавзӯи «Ҳисор дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» манзури шунавандагон гардонида шуд.

Кормандони бойгонӣ дар иҷрои нақшаи чорабиниҳои умумиҷумҳуриявӣ низ ширкат варзиданд. Аз ҳуҷҷатҳои дар бойгонии Ҳисор маҳфуз буда маводҳо роҷеъ ба муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои бародарӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Соли 1989 бо ташаббуси кормандони бойгонии Ҳисор силсилаи ҳуҷҷатҳоро дар ҷилдҳои якуму дуйуми «Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» дохил карданд.

Бо қарори коллегияи Саридораи Бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои соли 1985 азназаргузаронии ҷамъиятии ҳолати бойгониҳои идоравӣ баргузор гардид, ки тамоми корхонаю муассисаҳоро фаро гирифт. Аз тарафи Саридора намунаи шиносномаи бойгониҳои идоравиро кор карда баромаданд. Дар бобати иҷрои нақшаҳои азназаргузаронӣ саҳми шӯъбаи бойгониҳои идоравӣ хеле калон аст. Кормандони он бо мададу дастгирии масъулони корхонаю муассисаҳо 22 адад маълумотномаҳои бойгонии идоравиро, аз ҷумла 6 адад доир ба ташкилотҳои давлатӣ, 5 адад корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ, 3 адад муассисаҳои тандурустӣ, 2 адад шӯъбаи омор, 2 адад маориф, як ададӣ шӯъбаи молия, корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии об ва соҳаи савдо тартиб доданд.

Чунин шакли корбарӣ бо корхонаҳо аз як ҷиҳат тартибу низоми муқаррарнамударо ҷорӣ кунад, аз тарафи дигар нуфузу мартабаи бойгониро хеле боло бардошт. Назару ақидаи аҳли ҷамъият ба бойгониҳо тағйир ёфт. Дар ҳамин давра бинои бойгонии давлатии Ҳисор бо тамоми воситаҳои техникии бехатарӣ таъмин карда, дар он ноқилҳои зудэҳсоси зидди сӯхторӣ (ЭМ – 1), асбобҳои сӯхторхомӯшкунӣ, салқинкунакҳо (БК – 2000,2500) ва воситаҳои посбонӣ насб гардиданд.

Шароити мусоиди нигоҳдорӣ, таъмини бехатарӣ ва истифодаи самараноки ҳуҷҷатҳо диққати идораҳои болоӣ – Бойгонии умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявиро ба худ ҷалб намуд. Намояндагони Саридораи Бойгонии умумииттифоқӣ якчанд маротиба ба бойгонии Ҳисор ташриф оварда изҳори қаноатмандӣ карданд. Барои омӯзиши тарзу усулҳои корбарӣ бо ҳуҷҷатҳои

фонди ин бойгонӣ намояндагони Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон омада буданд.

Дар навбати худ директори бойгонии давлатии Ҳисор бо сафари хизматӣ дар конфронсу семинарҳои умумииттифоқӣ ширкат варзида, таҷрибаҳои беҳтарини соҳавиро омӯхтаю дар амал татбиқ гардонид. Барои ташкили хуби кор директори бойгонӣ ба гирифтани Ифтихорномаи Саридораи Бойгонии Иттиҳоди Шӯравӣ ва унвони «Аълочии кори бойгонӣ» шарафёб гардид.

***Нишондиҳандаҳои фаъолияти бойгонии Ҳисор дар солҳои 1965 - 1985***

| **Нишондиҳандаҳо** | **1965** | **1970** | **1980** | **1985** |
|---|---|---|---|---|
| Ғунҷоиш (бо метри кубӣ) | 360 | 2264 | 2264 | 2264 |
| Дарозии рафакҳо (метр) | 120 | 571 | 571 | 571 |
| Нишондод нисбати ғунҷоиш (фоиз) | 80 | 30 | 70 | 75 |
| Фондҳо (шумора) | 246 | 347 | 296 | 207 |
| Теъдоди ҳуҷҷатҳо | 13756 | 31114 | 47469 | 53037 |
| Миқдори ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирифташуда | 13756 | 31114 | 47469 | 53037 |
| Феҳристҳо | 193 | - | 4700 | 1767 |
| Рӯйхати ҳуҷҷатҳо | 446 | 612 | 529 | 393 |
| Теъдоди кормандон | 2 | 15 | 15 | 15 |

Дар арафаи соли 1990 доираи фаъолияти бойгонӣ хеле васеъ гардид. Аз соли 1988 ҷараёни таъсиси кооперативҳо, муассисаҳои хизматрасонӣ дар асоси Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.02.1987, № 45 оғоз ёфт. Дар ноҳияи Ҳисор ҳам дар ин давра бисёр корхонаҳои хурду кооперативҳои нав ба кор шурӯъ карда, шумораи корхонаҳо хеле афзуд. Дар баробари ин гардиши ҳуҷҷатҳо ва захираи фонди бойгонӣ дар муассисаҳо ва ташкилотҳо ба дараҷае боло рафт. Дар ҳолати якуми январи соли 1990 дар ташкилотҳои ҳудуди бойгонии Ҳисор 3020 адад ҳуҷҷатҳои доимӣ (дар давраи солҳои 1973-1990), аз он 1654 ҳуҷҷатҳои доимӣ (солҳои 1973-1987) ба рӯйхат дохил гардиданд. Дар соли 1990 дар фондҳои бойгонӣ 51819 ҳуҷҷати доимӣ, 400 ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ, 364 ҳуҷҷатҳои аккосӣ мавҷуд буданд. Танҳо дар соли 1990 5465 адад ҳуҷҷатҳо аз ташхис гузаштанд, ки 1036 адади он ба зиммаи кормандони шӯъбаи ташхисӣ афтод. Дар худи ҳамон сол ба 448 аризаю муроҷиатҳои шаҳрвандон ҷавоби қаноатбахш дода шудааст.

Дар самти иттилоотӣ низ корҳои ҷолиби диққат ба анҷом расиданд. Аз ҷумла як намоиши ҳуҷҷатҳо баргузор ва як гуфтори радио пахш карда, чаҳор мақолаҳои таърихӣ интишор дода шуд. Чун ҳаҷми корҳо хеле васеъ гардид, қарор дода шуд, ки дар назди филиали Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Ҳисор кооперативе таъсис диҳанд. Кооперативи «Археограф» бо ташаббуси кормандони филиали Бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Ҳисор соли 1988 таъсис ёфтааст. Муассисони кооператив директори филиал М.Асроров, директори бойгонии байниидоравӣ оид ба ҳайатҳои шахсии назди комиҷроияи ноҳияи Ҳисор С. Расулов, шаҳрвандон Маликова Ш. ва М. Мирзоева мебошанд. Маҷлиси муассисони кооператив 22 августи соли 1988 доир гардида, дар он масъалаҳои ташкил додани кооператив, қабули Оинномаи он ва дигар масъалаҳои ташкилӣ дида баромада шуд. Бо пешниҳоди директори филиал М. Асроров номи муассиса «Археограф» гузошта, самти фаъолияташ ба коркарди илмӣ – техникии ҳуҷҷатҳо ва хизмати чопи мошинӣ нигаронида шуда буд.

Оинномаи кооператив, ки аз тарафи муассисон пешниҳод щуд, бо қарори кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Ҳисор таҳти № 365 аз 15 сентябри соли 1988 тасдиқ гардид.[70]

Дар соли аввали фаъолияташ кооперативи «Археограф» ба тариқи шартнома ба ташкилотҳои ноҳияи Ҳисор, аз ҷумлаи идораи хӯроки умумӣ, дорухонаи марказӣ, колоннаи механикии № 7, матбаа, муассисаи нақлиётии № 2, колхози ба номи Карл Маркс, совхози сабзавотпарварии «50 солаги Октябр», шӯъбаи молия хизмат расонида, ҳуҷҷатҳои бойгонии идоравиро аз ташхиси илмӣ – техникӣ ( НТО) гузаронид. Маблағи хизматрасонӣ дар соли аввал 5055 сӯмро ташкил дод, ки барои эҳтиёҷоти аъзои кооператив кифоят мекард. Кормандони муассиса на танҳо барои аз эътибор соқит донистани ҳуҷҷатҳо, балки барои афзоиш додани фондҳои бойгонӣ ҳамчунин ба 3 ташкилотҳои ҳуҷҷатҳои доимӣ дошта хизматрасонӣ кардаанд.

---

[70] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.11 саҳ 22 (дастнавис)

Соли 1989 кооператив самти фаъолияти худро бештар ба ҷамъоварӣ, баруйхатгирӣ ва пур кардани фондҳои бойгонӣ нигаронид. Дар ин давра ба шӯрои деҳоти Чузӣ, омӯзишгоҳи касбҳои техникии Чиптӯра ба номи Ҷӯтак Уразов, идораи сохтмонии «Алюминстрой», шӯъбаи молияи ноҳияи Ҳисор, мактаб – интернати маъюбони Ҳисор, колхозҳои ба номи Калинин, Жданов, «Москва», «Ленинград» ва бисёр дигар ташкилотҳои давлатӣ хизмат расонид. Ба ғайр аз он бо дастгирии молиявии кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Ҳисор кормандони кооперативи «Археограф» бинои бойгонии байниидоравии комиҷроияи ноҳияи Ҳисорро таъмиру тармим карда, барои истифодаи доимӣ супориданд. Соли 1990 низ кооператив дар самти гирдоварии ҳуҷҷатҳои доимӣ ва иҷрои нақшаи кори бойгонӣ ҳиссагузорӣ намуд. Дар 20 корхонаи ноҳияҳои Ҳисору Турсунзода коркарди илмию техникии ҳуҷҷатҳо анҷом пазируфт, ки 8тои он корхонаҳои фондафзои бойгонӣ буданд. Солҳои минбаъда вазъияти сиёсӣ ба фаъолияти кооператив таъсири худро расонид. Бисёри корхонаҳо фалаҷ гашта, рӯ ба таназзул ниҳоданд. Корхонаҳои истеҳсолӣ аз фаъолият боз монданд. Доираи фаъолияти кооператив низ маҳдуд шуд. Дар солҳои 1993 -1997 ба дӯши кормандони кооператив 10 – 15 корхонаю ташкилотҳо рост меомаданд. Иқтидори молиявии корхонаҳои мавҷуда низ хеле заиф гардид. Дар давраи солҳои 1993 – 2001 кооператив бо шумораи кам – 3-4 нафар ба пайдо кардани ҳуҷҷатҳои таърихӣ аз фондҳои бойгонӣ ва фондҳои шахсии шаҳрвандон машғул гардид. Хушбахтона бо фаъолияти пайгиронаи кормандони кооператив ҳуҷҷатҳои нодире оиди таърихи ноҳияи Шаҳринав пайдо ва омодаи чоп карда шуданд.

Кооператив аз ҷиҳати танқисии молиявӣ моҳи марти соли 2003 фаъолияти худро қатъ гашта эълон дошт. Кормандони филиали Бойгонии давлатии ҷумҳурӣ дар шаҳраки Ҳисор аз давраи таъсиёбиаш (соли 1963) то ин дам бахри нигоҳдорию истифодаи ҳуҷҷатҳо ҳамеша масъулиятшиносона кӯшиш ба харҷ доданд, ки дар сафарбарии оқилонаи фаъолияти онҳо

шахсони дар солҳои гуногун сарвариашонро ба ӯҳда дошта нақши муҳим доштанд.

Охири соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар ҷумҳурияҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба таъсис додани ташкилоти ҷамъиятии кормандони бойгонӣ иқдом намуданд. Бо ин мақсад аз ибтидои соли 1990 дар бойгониҳо корҳои ташкилӣ, омодагӣ ва фаҳмондадиҳӣ роҳандозӣ шуданд. Дар назди Саридораи Бойгонии кулли ҷумҳурӣ бошад, кумитаи тадорукотӣ таҳти сарварии мудири шӯъбаи ташкилии Бойгонии кулл Золотокрилина Олга Владимировна таъсис ёфт, ки ба ҳайати он ҳамаи роҳбарони бойгониҳои ҷумҳурӣ шомил гардиданд. Дар коллективҳои меҳнатии соҳаи бойгонӣ лоиҳаи Оинномаи ҷамъиятро то охири моҳи октябри соли 1990 ҳамаҷониба баррасӣ карданд. Сипас моҳи ноябр масъала ба муҳокимаи маҷлиси ҷамбастии кумитаи тадорукотӣ гузошта шуд. Ширкатварзидагон якдилона барои таъсис додани ҷамъияти кормандони бойгонӣ (архивистон) овоз доданд. Бо пешниҳоди кумитаи тадорукотӣ директори филиали Бойгонии давлатии ҷумҳурӣ дар шаҳраки Ҳисор Муҳибулло Асроров Раиси Ҷамъияти кормандони бойгонии ҷумҳурӣ интихоб гардид. Маҷлиси муассисон инчунин иштироки 5 нафар вакилонро дар Анҷумани якуми Ҷамъияти архивистони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ зарур донист, ки онҳо М. М. Асроров, З.А.Дӯстмуҳаммадов, О.В.Золотокрилина ва як вакил аз вилояти Хатлон буданд.

14-15 ноябри соли 1990 дар шаҳри Москва анҷумани якуми муассисони Ҷамъияти умумииттифоқии архивистони Иттиҳоди Шӯравӣ доир гардид. Дар анҷуман аз номи вакилони Тоҷикистон М.М. Асроров суханронӣ карда, тағйиру иловаҳоеро ба лоиҳаи Оинномаи ҷамъият пешниҳод сохт. Матни суханронии Раиси Ҷамъияти архивистони Ҷумҳуриро дар маҷаллаи «Вестник архивиста» №2 (1991) интишор доданд.

Дар Анҷумани якуми Ҷамъияти архивистони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ раиси Ҷамъияти архивистони Тоҷикистон, директори филиали Бойгонии давлатии ҷумҳурӣ дар шаҳраки Ҳисор М.М. Асроров ба ҳайси ҷонишини

Раиси Шӯрои маркази Ҷамъияти умумииттифоқӣ пазируфта шуд. Анҷуман чаҳор самти фаъолияти ҷамъиятро муайян намуд, ки инҳо буданд:

-иштирок намудан дар муҳокима ва қабули қонунҳо, махсусан дар қабули қонун дар бораи хадамоти бойгонӣ;

-ҳалли масъалаҳои таъминоти иҷтимоии кормандони хадамоти бойгонӣ;

-баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони соҳаи хадамоти бойгонӣ;

-мусоидат намудан ба пешбурди тадқиқотҳои илмӣ оид ба архившиносӣ, ҳуҷҷатшиносӣ ва бостоншиносӣ.

Вазифаҳои ба миён гузошта дар тамоми колективҳои меҳнатии бойгониҳо мавриди муҳокимаи ҳаматарафа қарор гирифтанд. Дар маҷлису машваратҳо, семинару конфронсҳои доиршуда ҳамчун Раиси Ҷамъияти умумиҷумҳуриявӣ ва муовини Раиси Ҷамъияти архивистони Умумииттифоқ М.Асроров иштирок дошт.

Ҷамъият баҳри боз ҳам беҳтар шудани кори бойгонӣ амалисозии тадбирҳои зиёдеро ба нақша гирифт. Аммо ба фаъолияти кори Ҷамъияти архивистони Тоҷикистон вазъияти сиёсии мамлакат таъсири худро расонид. Корхонаҳои соҳаи буҷетӣ пеш аз ҳама зарар диданд. Аксарияти корхонаҳо аз фаъолият монданд. Ҷумҳуриро оташи бадбахтиовари ҷанги шаҳрвандӣ ба коми сӯзони худ кашид. Бисёре аз кормандони соҳаи бойгонӣ на танҳо аз кор рафтанд, балки ҷойҳои зисти худро тарк намуда, аз ҷумҳурӣ кӯч бастанд.

Сарфи назар аз ин бойгоншиносон маҳорати баланди ҷамъоварӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳоро касб карда, дар бобати табъу нашри маълумотҳои бойгонӣ қадаме ба пеш гузоштанд.

Солҳои охир филиали Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурӣ дар шаҳраки Ҳисор корро дар бобати коркарду баҳисобгирӣ, таъмини бехатарӣ, қабули ҳуҷҷатҳои нодир боз ҳам пурзӯр гардонид. Доираи фаъолияти бойгонӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои ноҳияи Варзоб хеле васеъ шуд.

Ҳамасола ба хазинаи бойгонӣ зиёда аз 200 адад ҳуҷҷатҳои мазмунан аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ дошта ва ба ҳифзи ҳуқуқи

шаҳрвандон вобаста, дар бахши истифодабарӣ бошад, ҳар сол зиёда аз 800 аризаю дархостҳо ворид мешаванд. Бештари шаҳрвандон барои барқарор кардани собиқаи меҳнатӣ, харидуфурӯши амвол, ҳалномаҳои судӣ, ва маводҳо оиди истифодабарии замин мурочиат намуда, чавобҳои саҳеҳ ва қаноатбахш мегиранд. Дар бобати нигоҳдории ҳуччатҳо рочеъ ба ҳайати шахсӣ, дуруст ба роҳ мондани хизматгузории аҳолӣ бойгониҳои байниидоравӣ нақши муҳим доранд, бинобар ин лозим донистем, доир ба фаъолияти онҳо маълумоте бидиҳем.

Соли 1977 Қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон доир ба дар ноҳияҳо ташкил намудани бойгониҳои байниидоравӣ баҳри нигоҳдории ҳуччатҳои ҳайати шахсӣ қабул гардид. Дар асоси он 12 апрели соли 1978 қарори комичроияи ноҳияи Ҳисор дар бораи таъсис додани бойгонии байниидоравии назди комитети ичроияи ноҳияи Ҳисор ба тасвиб расида, худи ҳамон сол бо бино ва мутасаддӣ таъмин гардонида шуд.

Аввалин шуда ҳуччатҳои солҳои 1932-1975-уми ҳисоби ҳайати шахсии колхози «Ленинград» (ҳоло ба номи Холбобо Баротови ноҳияи Шаҳринав), солҳои 1941-1975- уми хочагии «Дӯстӣ» (собиқ «Дружба»), солҳои 1925-1977-уми комбинати хизмати маишӣ, солҳои 1934-1975-уми колхози ба номи Ленин (ҳоло колхози ба номи Меликмуродови ноҳияи Шаҳринав), солҳои 1941-1975-уми колхози «Ленинизм» (ҳоло хочагии ба номи Ҳайдар Миров), солҳои 1950-1975-уми колхози Калинин, солҳои 1934-1975-уми колхози ба номи Жданов (ҳоло хочагии «Ватан»), солҳои 1934-1975-уми колхози ба номи Карл Маркс, солҳои 1942-1975-уми колхози «Съезди XXII партия» (ҳоло хочагии ба номи Латиф Муродов), солҳои 1942-1975-уми совхози зотпарварии «Роҳи Ленин», солҳои 1929-1980-уми шӯъбаи маорифи ноҳияи Ҳисор барои нигоҳдорӣ қабул карда шуданд[71].

Сол то сол зиёд шудани шумораи хазинаҳо мушкилии нарасидани чои нигоҳдории ҳуччатҳоро, ки дар таҳхонаи оинаи комитети ичроия буд, пеш меовард. Бо чидду чаҳди сарвари муассиса ва кӯмаки молиявии комичроияи

---

[71] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.10 саҳ 65 (нусха)

ноҳияи Ҳисор сохтмони бинои махсус барои бойгонӣ ба нақша гирифта, он соли 1989 аз тарафи СПМК – 10 сохта ба истифорда дода шуд. Ин аввалин бинои бойгонии байниидоравӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки дур аз бинои ҳукумат бунёд гардид. Бо пайдо шудани шароити хуб барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо дар бинои дуқабатаи замонавӣ кабули ҳарчи бештари ҳуҷҷатҳо ба роҳ монда мешавад. Имрӯзҳо шумораи хазинаҳо аз ҳафтои солҳои 1978-1979 ба чилунӯҳ хазина, шумораи ҳуҷҷатҳо аз 987 ба 25166 расида, барои дастрас намудан ба аҳолӣ дар ҳолати хуб нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Дар бойгонӣ ҳуҷҷатҳо аз қабили китоби фармонҳо, китоби ҳисоби ҳайати шахсӣ, дафтарчаи меҳнатӣ, китоби хоҷагии ҷамоатҳои деҳот, ҳуҷҷатҳои шахсии коргарони муассисаҳои илмӣ нигоҳ дошта шуда, барои пешниҳод намудани маълумотнома ба аҳолӣ хизмат мерасонад.

Соли 2000-ум ба 599 нафар, соли 2005 ба 973 нафар, соли 2009 ба 1323 нафар маълумотнома дода шудааст, ки ин нишонаи ҳарчи бештар қабул намудани ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ аст.

Бойгонии байниидоравии ҳуҷҷатҳои ҳайатҳои шахсии ноҳияи Турсунзода дар асоси қарори комитети иҷроияи шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Турсунзода аз 30 декабри соли 1980, №404 таъсис ёфта, зери назорати филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳраки Ҳисор ба фаъолият пардохт. То ин дам ҳуҷҷатҳои ҳайатҳои шахсии корхонаю муассисаҳои ноҳия дар фондҳои бойгонии давлатии Ҳисор ё дар худашон нигоҳдорӣ мешуданд. Санҷиш нишон дод, ки ҳуҷҷатҳои дар ташкилотҳо мавҷуд буда сифати нигоҳдории худро гум кардаанд, як қисмашон бошанд аз беназоратӣ набуд гардидаанд. Ҳуҷҷатҳои ҳайатҳои шахсии корхонаҳои барҳамхӯрда умуман аз мадди назар берун монда, мавриди истифодабарӣ қарор нагирифтаанд.

Бойгонии навташкилшудаи байниидоравии ноҳияи Турсунзода қарори Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ аз 04.04.1980, қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.1980,№361 «Дар бораи беҳтар гардонидани вазъи хадамоти бойгонӣ» ва Низомномаро « Дар бораи фондҳои бойгонии давлатӣ» ба роҳбарӣ гирифта, диққатро ба чаҳор самти асосии фаъолият –

таъмини бехатарӣ, баҳисобгирӣ, барӯйхатгирӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳо нигаронид.

Баҳри таъмини бехатарӣ маҷмӯи корҳо роҷеъ ба омӯзиши таърихи корхонаҳо, гирд овардани ҳуҷҷатҳо, мукаммал сохтани фондҳои ҳайати шахсӣ, ворид намудан ба фонди бойгонӣ, дар қуттиҳои махсус гузоштан, ҳарорати мӯътадили нигоҳдориро таъмин намудан, андешидани чораҳои зидди сӯхторӣ, обзоркунӣ, пешгирӣ намудани дуздӣ ва нобудшавии ҳуҷҷатҳо дар бахши баҳисобгирии ҳуҷҷатҳои мавҷуда, корҳои муайян намудани таъсисдиҳандагони фонди бойгонӣ, ҳудуди солҳо, миқдори ҳуҷҷатҳо, тартиб додани шиносномаи бойгонии идоравӣ, муайян намудани номгӯи ҳуҷҷатҳои ҳайатҳои шахсӣ, дар бобати корҳои барӯйхатгирӣ тартибдиҳии рӯйхати корхонаҳои ҳуҷҷатсупор, омӯзиш ва муайян намудани гурӯҳи ҳуҷҷатҳои шахсӣ, ташхиси илмӣ, ба рӯйхат дохил кардан, тасдиққунии рӯйхатҳо аз ҷониби комиссияи ташхисию тафтишотӣ қабули ҳуҷҷатҳо мувофиқи рӯйхат, ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳо аз рӯи зарурияти истифодабарӣ ба нақша гирифта, дар самти чоруми фаъолият, яъне мавриди истифода қарор додани ҳуҷҷатҳо ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ бо маълумотномаҳои бойгонӣ эътибори ҷиддӣ дода шуд.

Дар ибтидои ташкилёбӣ бойгонии байниидоравии шаҳри Турсунзода 31 ташкилоту муассисаҳоро дар бар гирифта, дар бинои хурдакаки якҳуҷрагӣ 9320 ҳуҷҷатро нигоҳ медошт. Коллективи меҳнатии бойгониро дар ибтидо шахси кордону ҳалим, собиқадори меҳнат, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мирзораҳим Ҳасанов роҳбарӣ мекард. Миқдори кормандон ҳамон сол аз 5 воҳиди корӣ иборат буд. Дар давоми як сол ба унвони ин муассисаи навташкил 130 ариза аз ҷониби шаҳрвандон ворид гардидааст. Миқдори ҳуҷҷатҳо дар фондҳои бойгонӣ сол аз сол аз ҳисоби фондҳои бойгонии давлатии Ҳисор ва ҳуҷҷатҳои ба рӯйхатгирифташудаи корхонаю муассисаҳои ноҳия меафзуданд. Ба фондҳои бойгонӣ дар ҳолати соли 1985 23406 ҳуҷҷат ворид гардидааст, ки нисбати соли таъсисёбӣ 2 баробар зиёд буд.

Ҳуҷҷатҳои бойгонӣ мазмунан иҷтимоӣ мебошанд. Дар онҳо давраҳои фаъолияти шаҳрвандони минтақаи хизматрасонии бойгонӣ дар ин ва ё он ташкилот таҷассум ёфтаанд. Дафтарчаҳои меҳнатӣ, ки мӯҳлати нигоҳдориашон 50 сол муқарар гардидааст, давраи фаъолияти кори шаҳрванд, парвандаи шахсӣ як ҷузъи фаъолияти умумии кори шаҳрвандро муайян месозад. Китобҳои музди меҳнат аз фаъолияти меҳнатӣ, даромади иҷтимоӣ-маош, пардохти андозҳои амалкунандаи шаҳрвандонро дар давраҳои муайяни фаъолияти меҳнатӣ инъикос менамоянд. Мақсади асосии нигоҳдорӣ аз моҳияти ҳуҷҷатҳо бармеояд.

Қисми асосии фаъолияти бойгониро мавриди истифода қарор додани ҳуҷҷатҳо дар бар мегирад. Чунончӣ дар даҳ соли охир ба унвони бойгонӣ зиёда аз 7000 аризаҳои шаҳрвандон барои тасдиқ намудани собиқаи корӣ ворид гардидааст.

Дар доираи чорабинии муҳимми умумиҷумҳуриявӣ дар ҳудуди шаҳри Турсунзода ҳам моҳҳои марту сентябри соли 1985 азназаргузаронии ҷамъиятии нигоҳдории ҳуҷҷатҳои бойгонӣ гузаронида шуд. Бурдани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ, гузаронидани сӯҳбату машваратҳо, омӯзонидани кормандони хадамоти коргузорӣ, муҳокимаи масъалаҳои марбут ба муҳофизат ва истифодабарии ҳуҷҷатҳо дар шӯрои шаҳрӣ ва деҳшӯроҳо, дар корхонаю муассисаҳо, колхозу совхозҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятию ташкилотҳои маданӣ – равшаннамоӣ, чопи мақолаҳо оиди рафти корҳо дар матбуоти даврӣ ва ниҳоят ҷамъбасти хотимавӣ дар ҷаласаи депутатҳои халқӣ аз тадбирҳои асосии чорабинӣ ба ҳисоб мерафтанд, ки тибқи фаъолияти пурсамари мутасаддиён сифатнок ба амал баровварда шуданд.

Мақсади асосии чорабинии мазкур муайян сохтани шароити ҳақиқии нигоҳдорӣ, ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, пешниҳод намудани чораҳои беҳдошти нигоҳдорӣ, ки кафолати бехатарии ҳуҷҷатҳоро таъмин мекунад, ба шумор мерафт. Тарзу усул ва ҳолати нигоҳдории чи маводҳои коргузорӣ ва чи бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар ташкилотҳои давлатӣ - комитети иҷроияи

шаҳр ва шӯъбаҳои он, деҳшӯроҳо, колхозу совхозҳо, муассисаҳои сохтмонию ҷамъиятӣ хеле беҳтар гардиданд.

Бо фармони роҳбарони ташкилоту муассисаҳо шахсони муттасаддӣ оид ба нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, вобаста ва комиссияҳои тафтишотию ташхисӣ барои муайян намудани зарурияти таърихӣ, иҷтимоӣ ва маишӣ таъсис ёфтанд.

Ҳамаи ин ба он мусоидат кард, ки танҳо дар ду моҳи аввали амалиёт ҳуҷҷатҳои бойгонии колхози ба номи Ленин, комитети иҷроияи шӯрои депутатҳои деҳоти Қаратоғ ва заводи пахтатозакунии шаҳри Турсунзода ба тартиб даровiarда, барои ба бойгонӣ супоридан омода ва ҳамаи бойгониҳои идоравӣ бо рафакҳо таъмин, теъдоди аниқи ҳуҷҷатҳо муайян карда шуданд.

Дар давраи солҳои навадуми асри XX фондҳои бойгонии байниидоравӣ боз ду баробар афзуд. Агар соли 1985 миқдори ҳуҷҷатҳо каме зиёдтар аз 23.000 ададро ташкил диҳад, пас соли 1990 ба 43413 ва соли 2000-ум ба 53241 адад расид. Ин нишондиҳанда дар соли 2010 58.475 ададро ташкил медиҳад.

Соли 1985 7 то, соли 1990-ум 1886, соли 2000-ум 693, соли 2005-865 ва нимсолаи аввали соли 2010 561 нафар шаҳрвандон бо масъалаҳои гуногун ба бойгонӣ мурожиат кардаанд.

Ҳукумати шаҳри Турсунзода беш аз пеш ба кори бойгонӣ аҳамият медиҳад. Соли 1997 шароити бойганиро ба инобат гирифта, комитети иҷроияи шаҳри Турсунзода бо қарори худ аз 7 июл, №198 бинои мувофиқтаре барои бойгонӣ ҷудо карда дод. Ин бино дорои 5 маҳфузгоҳ ва ду ҳуҷраи корӣ буда, барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо мувофиқат мекунад, рафакҳои мавҷуда басандаанд.

Бойгонии байниидоравӣ оид ба ҳайатҳои шахсии назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав баъди азнавэҳёшавии ноҳия таъсис ёфтааст. Мардум то ин вақт барои гирдоварии ҳуҷҷатҳо доир ба собиқаи корашон ба ноҳияи Ҳисор рафта маълумотнома мегирифтанд, ки ин ташвиши зиёд дошт.

Соли 1992 ноҳияи Шаҳринав ҳамчун як воҳиди маъмурӣ эҳё гардиду масъалаҳои иҷтимоии мардум акнун дар ҷояш ҳалли худро меёфтанд. Яке аз масъалаҳое, ки мардум бештар муроҷиат мекарданд, ин масъалаи нафақаи иҷтимоӣ буд. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи собиқаи кори шаҳрвандони ноҳияи навтаъсиси Шаҳринав дар бойгониҳои давлатии Ҳисор, байниидоравии назди мақомоти иҷроияи ноҳияи Ҳисор ва дар бойгониҳои идоравии корхонаю муассисаҳо, колхозу совхозҳо, деҳшӯроҳо ва дигар ташкилотҳо нигоҳдорӣ карда мешуданд. Бо мақсади ба нафақа баромадан шаҳрвандон дар баъзе ҳолатҳо маҷбур буданд, ки ба ду-се ташкилотҳо муроҷиат намоянд[72].

Комитети иҷроияи ноҳияи Шаҳринав дархости сершумори одамон ва пешниҳоди маъмурияти филиали Бойгонии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Ҳисорро ба инобат гирифта, таҳти рақами 4 аз 17 июни соли 1992 «Дар бораи таъсис додани бойгонии байниидоравӣ» қарор қабул намуд.

Бо мақсади муттамарказ гардонидани хуҷҷатҳои ҳайатҳои шахсии корхонаю муассисаҳои ҳудуди ноҳия яке аз биноҳои хизматрасонии назди комиҷроияро, ки иборат аз ду ҳуҷра бо андоза 5х3метр ва 3х4 метр буд, муҷаххаз гардониданд. Албатта он, ки ҳамагӣ 18 м³ андоза дошт, ба нигоҳдории ҳамаи маводҳо мувофиқат намекард. Ин буд, ки ҳуҷҷатҳо дар рӯи замин бетартибона нигоҳ дошта мешуданд. Дарозии рафакҳои бойгонӣ 50 метрро ташкил медод ва барои ғунҷонидани 2470 парванда нокифоя буд.

Теъдоди зиёди хуҷҷатҳои шахсӣ дар муассисаҳои ноҳия бе рӯйхат ва ҳисоби аниқ маҳфуз буданд. Махсусан китобҳои хоҷагии ҷамоатҳои деҳот дар гармию сардӣ ҳолати худро гум мекарданд. Талаботи рӯзафзуни корхонаҳои ноҳия аз як тараф, аз ҷониби дигар бошад, эҳтиёҷоти аҳолӣ барои кормандони бойгонӣ, ки ҳамагӣ ду нафар буданд, душвориҳоро пеш овард.

Оҳиста – оҳиста аз рӯи ғунҷоиш шумораи ҳуҷҷатҳои шахсӣ фондҳои бойгониро гуногунмазмун ва ғанӣ мегардониданд. Акнун дар ҳайати

72 ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.10, саҳ 21 (қисми хуҷҷат)

фондҳои бойгонии байниидоравӣ, ҳисобҳои шахсӣ, оиди маош, китоби фармонҳо оиди ба кор қабул ва озодшавӣ аз кор, парвандаҳои шахсӣ, дафтарчаҳои меҳнатӣ, китобҳои хоҷагӣ, карточкаҳои кадрӣ нигоҳдорӣ ва мавриди истифода қарор мегирифтанд. Дастгоҳи илмии истифодабарии ҳуҷҷатҳои бойгониро рӯйхати фондҳо ва ҳуҷҷатҳои фонди бойгонӣ ташкил медод. Таърихи мавҷудияти бойгонии байниидоравии ҳайатҳои шахсии ноҳияи Шаҳринав ба таърихи азнавэҳёгардии ноҳия ва соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст. Алҳол дар бойгонии байниидоравӣ 5061 ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ. ки солҳои 1945-2010-умро дар бар мегиранд ва 24 фонди бойгонӣ мавҷуданд. Калонтарин фонди бойгонии байниидоравӣ фонди мактаб - интернати умумиҷумҳуриявии бепарасторон мебошад. Шароити нигоҳдории ҳуҷҷатҳо хеле хуб аст. Соли 2008 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои бойгонии байниидоравӣ тӯҳфаи хубе пешкаш намуд. Бойгонии ҳайатҳои шахсии ноҳия ба бинои тозабунёди барҳаво кӯчонида шуд. Маҳфузгоҳи бойгонӣ аз 70м$^3$ ва 274метр рафакҳои ҳуҷҷатгузорӣ иборат мебошад. Шаҳрвандони ноҳия аз хизмати кормандони бойгонӣ хурсанд ва ризоият доранд. Ҳар сол ба унвони бойгонӣ зиёда аз 400 ариза оиди муқаррар намудани собиқаи корӣ ворид мегардад ва ҷавоби онҳо дар шакли маълумотнома ба шаҳрвандон ва ё ба ташкилотҳои лозима саривақт фиристода мешавад. Барои қабули шаҳрвандон тамоми шароитҳо муҳайё мебошад. Теъдоди мурoҷиаткунандагон сол аз сол меафзуд. Ба суроғаи бойгонӣ агар соли 1992 263 ариза ворид шуда бошад, соли 1995-370, соли 1998-420, соли 2000-489, соли 1995-370, соли 1998-420, соли 2000-489, соли 2005-463 ва дар ним соли 2010 бошад, 366 ариза омадааст.

Оид ба бойгонӣ, таърихи ташкилшавӣ, рушду такомулоти он ва бахшҳои серҷабҳааш ҳарф зада, ҳамин нуқтаро таъкидан боз бояд гуфт, ки маҳз заҳмату талошҳои ҷонсупоронаи коркунони соҳа буд, ки бисёр ҳуҷҷатҳои нодир маҳфуз монданд, ки бозгӯкунандаи таърихи замонҳо мебошанд.

Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки то имрӯз умдатарин масъалаҳои рушди минбаъдаи бойгониҳои минтақавии Ҳисор - баҳисобгирии

теъдоди ҳуҷҷатҳои ба хазинаҳои бойгонӣ воридшаванда, таъмини кадрҳои лаёқатманд ва бозомӯзии онҳо, таҳияи дастуру супоришҳои корӣ, омода намудани феҳристи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, сохтмони бинои нав, ҳифз ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ҳамчун ёдгориҳои хаттӣ маҳсуб меёбанд.

## 1.3.Маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ

Меҳнати диловаронаи мардуми минтақаи Ҳисор дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (ҶБВ) ( 1941-1945) дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ инъикоси худро ёфтаанд. Воқеъан, фаъолияти мардуми минтақаи Ҳисор дар солҳои мудҳиши ҷанг, тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ хеле пурсамар аст.

Саҳарии 22 июни соли 1941 Олмони фашистӣ, бе эълони ҷанг, аҳдшиканона ба ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷум кард. 3 июли соли 1941 И.В. Сталин, ҳамчун сарвари **Кумитаи Давлатии Мудофиа (КДМ)** ба тамоми мурдуми Шӯравӣ муроҷиат намуда, то чӣ андоза ҷиддӣ будани хатари ба мамлакати мо таҳдидкардаро хотиррасон кард. Ӯ тамоми халқҳои Шӯравиро даъват кард, ки фаъолияти худро мувофиқи талаботи замони ҷанг ба роҳ монда, барои мудофиаи Ватани худ бархезанд.[73]

Маълумоти бойгонии Комиссариатҳои ҳарбии ноҳияи Шаҳринав ва Регар то соли 1989 дар бойгони маркази Тоҷикистон дар шаҳраки Ҳисор пурра маҳфуз буд. Узви иттфоқи нависандагон, полковники мустафъии ҳарбӣ, ҷангноманавис – Раҳмон Сафаров бо мақсади таҳияи китоби «Ҳазору як корнома»[74] бойгониро мавриди истифода қарор дод. Дар ҳар як ҷилди ин китоб дар бораи диловарони набардҳои ҷанг аз ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Регар маълумоти зиёде дарҷ гардидаанд.

Дар набардҳои ҶБВ бештар аз 260 ҳазор фарзандони халқи тоҷик бар зидди адӯ ҷонбозиҳо намудаанд. Барои мардонагию корнамоиҳо 56 нафар ҷанговарони тоҷикистонӣ бо унвони олии Ватан – Қаҳрамони Иттифоқи

---

[73] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.23 саҳ 9-10(нусхаи дастнавис)

[74] Сафаров Р. Ҳазору як корнома.Ҷилди 1.-Душанбе:Сарредюэнц.тоҷик,1995.- 557с. Чилди 2.-Душанбе,2000.-495 с.;Ҷилди 3.-Душанбе,2005.-447 с.

Советӣ, 19 нафар бо ҳарсе дараҷаи ордени «Шараф» ва бештар аз 50 ҳазор нафар бо ордену медалҳои даврони ҷанг қадршиносӣ гардидаанд.

Аз ҳудуди шаҳри Турсунзода солҳои 1941 – 1945 дар Ҷани Бузурги Ватанӣ 4623 нафар ҷавонмардон сафарбар шуда, дар задухӯрдҳои шадиди солҳои ҷанг аз онҳо 2525 нафарашон ба Ватан барнагаштанду шаҳиду гумном шуданд. Аз набардҳои ҶБВ 2098 нафар ҷанговарон баъди Ғалаба ба диёрашон бар гаштанд ва то солҳои наздик 24 нафар собиқадорони ҶБВ дар қайди ҳаёт буданд аз онҳо 13 нафар маъюб буданд. Дар бойгони Комиссариати ҳарбии ноҳияҳои Регару Пахтаобод, ки дар бойгони Комиссариати ҳарбии шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст танҳо 837 «Хабарномаи фавт» маҳфуз асту халос.

Дар солҳои 1941 – 1945 мувофиқи маълумотҳои бойгонии Комиссариати ҳарбии ноҳияи Шаҳринав зиёда аз 2269 нафар ҷавонон ба набардҳои ҶБВ даъват шудаанд. Дар ин бойгонӣ танҳо 391 нусхаи «Хабарномаи фавт» мавҷуд асту халос. Албатта ин рақами сабтшуда аз чаҳор як ҳисса аст. Сабаб дар он аст, ки танҳо аз як деҳаи Қароток дештар аз 523 нафар ба ҷанг даъват шуда буданду 223 нафари онҳо дар набардҳои ҶБВ қурбони хоки Ватан гаштаанд ва мазорашон дар сарзамини Аврупо мебошад.

Дар маркази ноҳияи Шаҳринав «Маркази идора-фронти мудофиа» ташкил дода шуд. Пас аз ба воситаи радиои марказ ба халқи шӯравӣ мурочиат намудани Раиси Шӯрои мудофиаи СССР И.В.Сталин аз 4 июл сар карда, чи дар маркази ноҳия ва чи дар шӯроҳои қишлоқҳо оид ба ин муроҷиатнома ба таври васеъ кори тарғиботӣ бурда мешуданд.

Бо ширкати роҳбарони ҳизбию шӯравӣ, депутатҳои шӯрои маҳаллӣ, раисони шӯроҳои қишлоқҳо ва хоҷагиҳо бо оммаи халқ маҷлисҳо шуда мегузаштанд. Дар онҳо меҳнаткашон бо қаҳру ғазаб сухан гуфта, нафраташонро ба фашизми Германия изҳор медоштанд ва роҳбаронро бовар мекунонданд, ки ба хотири ғалаба хуб меҳнат карда тамоми нақшаҳои ба зимма гирифтаашонро сарбаландона барзиёд иҷро менамоянд. Колхозичиёни хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳринав дар соли 1942 ӯҳдадорӣ гирифтанд, ки ба давлат

10220 литр шир, 2556кг пашм, 65 дона пӯсти ҳайвони калон, 19 дона ҳайвони миёна, 716 дона ҳайвони хурд, 5997 дона тухм, ба фонди мудофиа 5 сар чорвои шохдор ва 23 сар чорвои хурд месупоранд. Ба ғайр аз он давлат фурӯши заёми ҳарбиро ба роҳ монд.

Заёми ҳарбӣ, ки барои равнақи саноати ҳарбӣ – истеҳсоли аслиҳа, дигар лавозимоти ҳарбӣ, техника, асбобҳои техникаи оташфишон хизмат мекард, ҷамоатҳо ва корхонаҳо аз рӯйи нақшаи махсус заём мехариданд. «Ҳама чиз барои фронт – ҳама чиз барои ғалаба» шиори асосии он рӯзҳо гардид. Меҳнаткашони саҳроҳои колхозӣ шабу рӯз монда нашуда дар пахтазор, дар боғ, дар фермаҳои чорводорӣ, дар обёрӣ кардани заминҳо хизмат мекарданд. Роҳбарон бошанд, роҳу усулҳои беҳтарини корро ба роҳ монда, меҳнаткашонро бо ҳар роҳу восита ба меҳнати софдилона ҳидоят менамуданд. Махсусан мусобиқаҳои сотсиалистӣ байни звеноҳо, колхозҳо, ҷамоатҳо ривоҷ гирифта буд. Мусобиқаҳоро дар як муддати муайян ҷамъбаст намуда, ба ғолибон тӯҳфаҳо, раҳматномаҳо ва байраққҳои ғолибият медоданд, ки аз онҳо меҳнаткашон рӯҳу илҳом гирифта боз ҳам беҳтару хубтар кор карда, нишондиҳандаҳоро 2-3 маротиба зиёдтар ба ҷо меоварданд.

Меҳнаткашони ноҳия таҳти роҳбарии раисони ҷамоатҳо, намояндагонашон - депутатҳои шӯрои маҳаллӣ, роҳбарони хоҷагиҳо ҳамон вақт 500 дона телпак, 200 дона либосҳои пахтанок, 1346 дона пӯсти гӯсфанд, 400кг пашм ва бисёр лавозимоти дигар ҷамъ оварда ба фонди мудофиа супориданд.

Дар соли дуввуми Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳукумати Ҷумҳурӣ сохтмони роҳи мошингарди Душанбе – Дашнободро ба миён гузошт. Дар сохтмони ин шоҳроҳи азим аз ҳисоби хоҷагиҳои ҳудуди ҷамоатҳои ноҳияи Шаҳринав ба миқдори зерин одамон иштирок намуданд: Қаратоғ – 10 нафар, Чиптӯра – 102 нафар, Пуштимиёна – 130 нафар, Шулум – 300 нафар, Чузӣ – 22 нафар.

Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи ҳарбӣ ба колхози «Янги йӯл»-и ҷамоати Чузӣ истеҳсоли 20кг дар соли 1942 ва 60кг асал дар соли 1943 супориши ҳарбӣ дода шуд. Барои тайёр намудани равғани арча бошад, дар

ноҳия заводи коркарди арчаро ба роҳ монданд. Меҳнаткашони ҷамоатҳои Қаратоғ, Пуштимиёна ва Чузӣ низ дар тайёр кардани ин маҳлули табобатӣ саҳм гузоштанд. Дар соли 1943 тамоми нишондиҳандаҳои ба нақша гирифтаи хоҷагиҳо иҷро гардиданд. Аз нақша бештар ғалладона, гӯшт, пашм, пӯст, сабзавот, хӯроки чорво истеҳсол шуд.

Ноҳия илова ба нақша 10600 пуд ғалладона супорида, ба минтақаҳои аз асорати фашистони немис озодшудаи мамлакат боз 1400 сар чорвои калону хурд фиристоданд, ки қобили таваҷҷӯх мебошад. Колхозчиёни колхози ба номи Сталини ҷамоати Чузӣ бо роҳбарии Ҷаббор Салимов дар сохтмони роҳи Зиддӣ, ГЭС-и Варзоб иштироки фаъолона доштанд. Дар ин иншооти ҳаётан зарур аз ноҳия умуман 330 нафар сафарбар карда шуданд. Меҳнаткашони колхози ба номи Сталин бо мақсади пурсамар истифода бурдани оби «Хуҷӣ сой» 43 гектар замини бекорхобидаро аз худ карда, дар 11 га беда ва дар 32 га зироатҳои дигар коштанд.

Соли 1943 барои фронт соли ҳалкунанда гардид. Шӯрои ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ (Иттифоқи Советӣ) сохтмони колоннаи танкии «Колхозчии Тоҷикистон» ва авиатсионии «Комсомоли Тоҷикистон»-ро ба маврид донист. Ин иқдоми бузурги ҳарбиро дар ноҳия яке аз аввалинҳо шуда раиси колхози «Сотсиализм»-и ҷамоати Чузӣ Алимардон Норов дастгирӣ карда, аз ҳисоби шахсии худ 70000 сӯм ба фонди мудофиа супорид. Ташаббуси хайрхоҳонаи ӯро тамоми хоҷагиҳои ноҳия пайравӣ намуда, маблағҳои зиёди пулӣ ва дигар маводҳо ҷамъ карда супориданд.

Солҳои охири Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияти роҳбарикунандаи ҷамоатҳо суст нагашт. Онҳо ҳисси ватандӯстии меҳнаткашонро бедор намуда, иҷрои нақшаҳои истеҳсолии маҳсулоти хоҷагиҳоро барзиёд таъмин гардониданд. Маҳсулоти хочагиҳо акнун на танҳо ба фронт, балки ба ноҳияҳои аз фашистон озодшуда низ фиристода мешуд. Дар баробари ин колхозҳо ба мухоҷирони иҷбории майдони ҷанг, ки дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринав иқомат доштанд, ёрӣ мерасониданд. Кор дар саҳроҳои колхозӣ муташаккилона пеш мерафт. Шӯроҳои ҷамоатҳо ба фаъолияти хоҷагиҳо

ӯҳдабароёна роҳбарӣ мекарданд. Ин буд, ки корҳои колхозӣ лаҳзае ҳам суст намешуд. Деҳқонон шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта бо мақсади ғалаба бар фашизми манҳус ба тамоми ҳастӣ мекӯшиданд. Маҳз натиҷаи меҳнати босуботи онҳо буд, ки ҳамаи нақшаҳо барзиёд иҷро мешуданд.

Осоиштагии мардуми меҳнатдӯсти Ҳисорро низ мисли дигар халқҳои Шӯравӣ аҳдшиканона ба Давлати Шӯравӣ ҳуҷум кардани Олмони фашистӣ барҳам зад. Ташкилотҳои ҳизбӣ ва шӯроҳои ноҳия вазъияти сиёсии мамлакатро ба ҳисоб гирифта корро ба таври ҳарбӣ ба роҳ монданд.

Дар маркази ноҳия - стансияи роҳи оҳани Хонақоҳ маркази мудофиа таъсис дода шуд. Пас аз он, ки ба воситаи радио муроҷиатномаи Раиси Шӯрои мудофиаи Иттиҳоди Шӯравӣ Сталин шунавонида шуд, аз 4 июл сар карда дар тамоми ҳудуди ноҳия чун дигар минтақаҳои мамлакат вохӯриҳо доир гардиданд. Дар вохӯриҳо роҳбарони ҳизбию шӯравӣ, раисони ҷамоатҳо, хоҷагиҳо ва депутатҳо ба аҳолӣ вазъи сиёсии мамлакат ва вазифаҳои меҳнаткашонро дар шароити ҷанги хонумонсӯз фаҳмонда медоданд. Дар байни аҳолӣ ҳисси ватандӯстӣ, ору номуси миллиро бедор сохта, мардумро барои муҳофизати ватан даъват мекарданд[75].

Аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ баъзе аз кормандони ҳизбию ҳукуматӣ мисли мудири шӯъбаи тарғиботу ташвиқоти кумитаи ҳизбии ноҳия Шабардина, мудири қисми ҳарбии ҳизби коммунисти ноҳия Ақбоев, дастурдиҳандаи (инструктори) ҳизби коммунистӣ Саидов, кормандони кумитаи иҷроияи шӯрои депутатҳои ноҳия – мудири шӯъбаи кадрҳо Ҳусенёров Саид, мудири шӯъбаи таъминоти иҷтимоӣ Лапин, мудири шӯъбаи маориф Иброҳимов, раиси кумитаи физкултура ва спорт (варзиш) Понявин, кормандон Корниевский, Макаров, Раҷабов, Зикриёев ва бисёр дигарон ихтиёран ба фронт рафтанд.

23 декабри соли 1941 дар ҷаласаи депутатҳои шӯрои деҳоти Ҷиргинак котиби якуми ҳизби коммунисти ноҳияи Ҳисор Шергин аз рӯи муроҷиатномаи Раиси Шӯрои мудофиаи Иттиҳоди Шӯравӣ баромад кард.

---

[75] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.10 саҳ 93 (асл)

Депутатҳои шӯрои қишлоқ таҳти роҳбарии Норов бо як овоз қарор қабул намуданд, ки корро бо усули ҳарбӣ ба роҳ монда, иҷрои нақшаҳои истеҳсолиро оид ба супориши гӯшт, шир, пашм, пӯст, равған барзиёд таъмин месозанд. Роҷеъ ба ҷамъоварӣ ва ба фронт фиристонидани либосҳои гарм, маҳсулоти хӯрокворӣ ва дар мӯҳлати кӯтоҳ ба охир расонидани киштукори тирамоҳӣ ба раисони хоҷагиҳо ва депутатҳои халқ супориш дода шуд.[76]

Чунин ҷамъомадҳо дар ҷамоатҳои дигари ноҳия низ доир гардиданд. 17 июли соли 1941 дар маҷлисгоҳи колхози «Съезда 18 партия»-и шӯрои қишлоқи Хонақоҳ бо иштироки 245 нафар колхозчиён ва депутатҳо маҷлиси васеъ баргузор гардид. Дар он котиби якуми ҳизби коммунисти ноҳияи Ҳисор Шергин бо нутқи пурмазмун баромад кард. Пас аз он раиси шӯрои қишлоқ Давлатёров, депутатҳо Назар Алӣ ва Мирзоалӣ Шералӣ ба музокира баромада, тамоми колхозчиёнро ба он даъват карданд, ки дар муддати кӯтоҳ нақшаи ҷамъоварии ғалладона, пахта, гӯшт, пӯст, тухм ва равған сад фоиз иҷро карда шавад. Колхозчиён ӯҳдадор шуданд, ки нақшаи ҷамъоварии беда, супориши маблағи заём, закот ва дигар андозҳоро то 25 июл ба анҷом мерасонанд.[77]

Барои иҷрои супориши ҷамъоварии сабзавот - помидор, сабзӣ, карам ва картошка раисони колхозҳо супориши қатъӣ гирифтанд. Дар баробари ин масъалаҳои дигари дахлдор аз қабили сохтмони роҳҳо ва купрӯкҳо баррасӣ гаштанд.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар саҳроҳои колхозӣ асосан ба дӯши занону хурдсолон монд. Дар давоми ҷанг қариб 8 ҳазор ҳисориён ба фронт рафтанд. Меҳнати босуботу шабонарӯзии меҳнаткашони Ҳисор натиҷаҳои дилхоҳ дод. Соли 1941 нақшаи истеҳсоли пахта 100 фоиз, маҳсулоти зироатӣ 100 фоиз, хӯроки чорво 100 фоиз, пашм 104 фоиз, шолӣ 94 фоиз иҷро карда шуд.

[76] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.40 саҳ 5
[77] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.21 саҳ 20 (нусха)

Дар иҷрои супоришҳои давлатӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ ҳамчунин ба артиши шӯравӣ фиристодани маводҳои ғизоӣ ва либосҳои гарм, ашёҳои тиббӣ саҳми кормандони кумитаи иҷроияи ноҳия, ҳизбӣ, раисони ҷамоатҳо, ки бо суханҳои таъсирбахш ба дили аҳли меҳнат роҳ ёфта, корҳоро хуб ба роҳ монданд, калон аст. Маорифчиён ягон лаҳза корро суст накарда, ҷавононро дар рӯҳияи ватанпарвариву меҳнатдӯстӣ ҳидоят менамуданд.

Кормандони соҳаи тиб дар пешгирӣ ва табобати беморон пайгирона, садоқатмандона меҳнат карда, дар муолиҷаи беморон қувваю дониши худро дареғ намедоштанд.

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ теъдоди муассисаҳои маъданию равшаннамоӣ кам нагашта, балки боз ҳам афзуд. Он овон дар ноҳия 3 китобхона, 3 чойхонаи сурх ва клуб амал мекард. Дар ноҳияи ҳамсояи Шаҳринав бошад, театри байниноҳиявии колхозӣ вуҷуд дошт. Аз тарафи кормандони ин соҳаҳо (онҳоро кормандони фронти идеологӣ мегуфтанд) дар нимсолаи дуйуми соли 1941 628 маърӯзаҳо ба самъи мардум расонида шуд, ки онҳоро 6615 нафар шуниданд, 748 нафар хонишҳои рӯзномаҳо, 1986 маҷлису вохӯриҳо, 172 рӯзномаҳои деворӣ, 133 маҳфилҳо ташкил карда шуданд.

Дар гузаронидани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ Мирфайзов, Наҷмиддинов, Қосимов,Ҷӯраев, котиби якуми ҳизби коммунист Яъқубов, Шергин, раиси кумитаи иҷроияи ноҳия Насриддинов А, Ашӯров Х ва раисони ҷамоатҳои ноҳия саҳми калон гузоштанд.

Дар солҳои минбаъда вазъи соҳаи маориф хеле танг гардид. Аксарияти муаллимон ба фронт рафтанд. Асбобу анҷоми хониш, китобу дафтар намерасид. Дар ноҳия чораҳои кам кардани теъдоди мактабҳо ба нақша гирифта шуд. Пас аз кам кардани шумораи муассисаҳои таълимӣ дар ноҳия 29 мактаб, аз ҷумла 1 адад миёна, 23 миёнаи нопурра, 5 ибтидоӣ мавҷуд буд. Шумораи муаллимон 234, хонандагон 3559 нафарро ташкил медод.

Соли 1943 дар ноҳия «Хонаи кӯдакон» барои 75 нафар кӯдакони аз Ҷумҳурии Лаҳистон (Полша) муҳоҷиркадашуда ташкил карда шуд. Сарпарастии «Хонаи кӯдакон» - ро ду хоҷагии ҷамоати Хонақоҳ ба ӯҳда

гирифтанд. Колхози ба номи Сталин (раисаш Абдуқодиров) ва колхози ба номи Жданов (раисаш Яъқуб Юсуфов) ҳамарӯза ба кӯдакони муҳоҷир аз фонди хоҷагӣ 30кг карам, 300 кг лаблабу, 50литр шир, 50кг биринҷ, 400кг турб, 20кг ҷуворимакка ва 50 сӯм пули нақд медоданд.

Баробари омадани муҳоҷирон аз минтақаҳои гуногуни мамлакат паҳн гаштани касалиҳои гуногуни сироятӣ таҳдид мекард, вале кормандони соҳаи тандурустӣ тамоми тадбирҳоро андешида, тавонистанд, ки дар вазъияти душвори ҳарбӣ пеши роҳи паҳншавии ин гуна бемориҳо, аз ҷумла тифро бигиранд. Ин солҳо боз аз он ҷиҳат пурташвиш буданд, ки бояд як қатор иншооти ҳаётан муҳим бунёд меёфтанд. Туфайли заҳматкашию кордонии одамони ба ин корҳо банд буда сохтмони канали Ғӯриёт, нерӯгоҳи обии Варзоби поён, роҳи Душанбе – Дашнобод дар мӯҳлати муайянгашта анҷом дода шуданд.

Доир ба фаъолияти ҳисориён дар сохтмони Канали калони Ҳисор (дар ибтидо онро канали Душанбе – Қаратоғ мегуфтанд) бо истифода аз ҳуҷҷатҳои бойгонию шахсӣ, фотоҳуҷҷатҳо ва хотираи иштирокчиёни сохтмон китобе бо номи «Сарчашмаи файзу саодат» ба чоп расидааст, ки соли 2002 дастраси мардум гардид.

**Иштироки ҳисориён дар сохтмони иншоотҳои дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бунёдёфта**

| Т/Р | Номи ҷамоатҳо | Канали Ғӯриёт | Роҳи Душанбе – Дашнобод |
|---|---|---|---|
| 1 | Қарамқул | 227 | 34 |
| 2 | Навобод | 360 | 50 |
| 3 | Хонақоҳ | 330 | 20 |
| 4 | Ҳисор | 375 | 70 |
| 5 | Алмосӣ | - | 153 |
| 6 | Қипчоқ | - | 154 |
| 7 | Хонақоҳи Кӯҳӣ | - | 123 |
| 8 | Ҷиргинак | - | 143 |

Сокинони ноҳияи Ҳисор соли 1943 барои эҳтиёҷоти фронт ва сохтмони калоннаи танкии «Колхозчии Тоҷикистон» 200 миллион сӯм маблағ ҷамъоварӣ намуда фиристоданд. Солҳои 1944 – 1945 дар ноҳия ташкилоту муассисаҳои зерин амал мекарданд:

Шӯрои (совети) деҳот (қишлоқ) – 6, Колхозҳо -86, Истгоҳи барқӣ -150кв/соат, Нуқтаи алоқа -1, Нуқтаи савдо -37, Ҳаммом -1, Кинотеатр -150 ҷой, Матбаа -1, Беморхона -25 ҷой, Боғчаи бачагона -3, Дорухона(аптека)-1, Ошхона-1, Мактаб – 45 аз он: Миёна -1 Миёнаи нопурра -22, Ибтидоӣ -22.

Ҳаёти осоиштаи мардуми ноҳияи Регарро мисли дигар халқиятҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷанги хонумонсӯзи Олмони фашистӣ барҳам зад. Бисёр роҳбарони ҳизбию шӯроҳо, кормандони ташкилотҳои ноҳиявӣ, раисони хоҷагиҳо, муаллимону духтурон, колхозчиёну чорводорон асбоби кори худро ба силоҳи ҳарбӣ иваз намуда, барои озодию муҳофизати хоки муқаддаси ватан, нангу номуси занону модарону духтаронашон ба ҷанг рафтанд. Саҳроҳои колхозӣ бе мард монд. Ҷойҳои шахсони ба ҷанг рафтаро занону кӯдакон пур карданд. Меҳнати боз ҳам сангинтар оғоз шуд. Як шахс ба ҷои як чанд нафари ба ҷанг рафта кор мекард. Колхозчиён шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта дар зери офтоби тафсон ва сармои зимистон барои ғалаба заҳмат мекашиданд. Роҳбарон ҳамеша дар паҳлӯи коргарон истода тасаллои дил шуда, донишу малака ва кордониашонро ҳамаҷониба ба кор бурда, роҳҳои беҳтару хубтарро ба нақша мегирифтанду истеҳсолотро ривоҷ мебахшиданд.

Ба вазъияти душвори солҳои ҷанг нигоҳ накарда колхозчиён бо меҳнати пурмашаққат дар саҳроҳои колхозӣ ва дар фермаҳои чорводорӣ ба нишондиҳандаҳои баланд ноил мегардиданд. Рохбарони ноҳия барои ҷанговарон ғалладона, гӯшт,пӯст, мева, сабзавот, либосҳои гарм ҷамъоварӣ карда мефиристоданд. Нақшаи истеҳсоли пахта дар соли 1941 125 фоиз, яъне ба ҷои 8151 тонна 11583 тонна иҷро гардид. Ба ҳисоби миёна ин нишондиҳанда аз ҳар гектар 27 сентнерро ташкил медиҳад. Хоҷагиҳои алоҳида, мисли «МТС», «Москва», «Пахташиркат», «Ленин йӯли», «Комсомоли Тоҷикистон», ба номи Фрунзе ин нишондиҳандаро ба 30-40 сентнерӣ аз ҳар гектар расониданд. Ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи чорводорӣ низ афзуд. Иҷрои нақшаи истеҳсолии чорвои калон 106%, чорвои хурд 101%, асп 112% таъмин гашт.

Барои шаҳрвандони Ленингради дар муҳосира афтода аз хоҷагиҳои, ноҳия «МТС» 2 тонна гӯшт, 1200кг сабзавот, гандум, биринҷ, аз колхози ба номи Фрунзе 1 сар меш, 150кг пиёз, 45кг биринҷ, аз колхози ба номи Ленин 1 сар чорвои калон, 150кг сабзавот, 163кг гандум ҷамъоварӣ намуда фиристонида шуд. Ин амали хайрхоҳонаи регариҳо дар саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявии «Ленин йӯли» инъикоси худро ёфтааст.[78]

Соли 1944 колхозчиёни колхози «Қизил Қаҳрамон» дар маҷлиси ҳисоботӣ вазъияти ҳарбиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае омаданд, ки ба меҳнаткашони ноҳия оид ба ёрӣ ба фронт мурочиатнома қабул намоянд. Дар асоси мурочиатномаи колхозчиёни хоҷагии номбурда ва бо дастгирии мақомоти роҳбарикунанда дар ноҳия «Якмоҳаи ҷамъоварии маводҳо барои фронт» эълон гардид. Дар тӯли як моҳ аз ҳисоби хоҷагиҳо ва меҳнаткашон 2863кг гандум, 1 тонна сабзавот, 84 сар чорвои калон ва хурд, 63976 сӯм пул, 300кг биринҷ, 80 тонна ҳезум, 9 тонна хӯроки чорво ҷамъоварӣ карда ба фронт фиристода шуд. Ба ғайр аз он ба 460 нафар оилаҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ёрдам расониданд. Барои сохтани танкхо баҳри колоннаи танкии «Колхозник Таджикистана» меҳнаткашони ноҳия 3 миллион сӯм пул ҷамъоварӣ карданд. Дар ин амали хайр ҳиссаи бевоситаи раисони колхозҳои ба номи Ленин Шерматов (150.000 сӯм), колхози ба номи Фрунзе Наумов (145.000 сӯм) калон аст.[79]

Барои сохтмони техникаи бригадаи ҳавонавардии «Советский Таджикистан» раисони колхози «МТС» Кучиров Турсун 100.000 сӯм, колхози ба номи Жданов Ҳасанбойака Бойматов 80.000 сӯм, колхози «Ленинизм» Ҳакимов 60000 сӯм, колхози ба номи Фрунзе Наумов 30.000 сӯм, колхози ба номи Ленин Шерматов 25.000 сӯм, колхози ба номи Сталин Мустафоқулов 30.000 сӯм ирсол намуданд. Амалҳои хайру савоби ин ашхоси саховатмандро аз саҳифаҳои рӯзнома ва дигар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ хонда аҳсан мехонем ва

[78] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.32 саҳ 8 (асл)
[79] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.32 саҳ 1 (нусхаи душворхон)

сабабгори ҳаёти осудаи имрӯзу фардои ҷомеа будани онҳоро возеҳу рӯшан эҳсос менамоем.

Баъд аз ғалабаи халқи шӯравӣ ба Олмони фашистӣ бо Указы Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 6 июни соли 1945 як қатор меҳнаткашони ноҳия - колхозчиён, коргарон, муаллимон, духтурон, рохбарони ташкилотҳо ва дигар хизматчиён дар маҷмӯъ 400 нафар, ки дар ақибгоҳ фаъолияти баланди меҳнатӣ нишон доданд, бо медали «Барои меҳнати шуҷоъ» дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 сарфароз гардонида шуданд.

Хулоса, тибқи ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии №1 Протокол ва ҳисоботҳо, қарорҳои колхозҳо ва ХБ№ 196, ХБ№ 212, ХБ 245, ки маҳз ҳуҷҷатҳои ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав ва шаҳри Турсунзода дар филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор нигоҳ дошта мешаванд, маълум гардид,ки аҳолии ноҳияҳои зикршуда,баробари мардумони дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали ҷанг дар набардҳои чанг иштирок намуда, меҳнаткашони ақибгоҳ шабу рӯз заҳмат кашиданд.

## 1.4. Азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар минтақаи Ҳисор

Азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ барои Тоҷикистон ҳам, гарчанде дар ҳудуди он дар солҳои ҶБВ амалиётҳои ҷангӣ ва харобиҳои ҷангӣ ба амал наомадаанд, дахл дошт. Хусусиятҳои хоси азнавбарқароркунии баъдиҷангии Тоҷикистон (солҳои 1946 - 1950), нисбат ба он ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқӣ, ки дар ҳудудашон амалиётҳои ҷангӣ ба амал омада, бар асари он харобиҳои зиёд рух додааст, дар он аст, ки дар Тоҷикистон қафомонии иқтисодиёт маҳз дар натиҷаи ба талаботи замони ҷанг мутобиқ намудани корхонаҳои истеҳсолӣ, сафарбар намудани қувваи асосии корӣ – мардҳо ба фронти ҷангӣ, нарасидани техника ва таҷҳизотҳои гуногун, нарасидани нуриҳои минералӣ ва маводҳои кимиёвӣ ва ғайраҳо ба амал омадааст. Баъди ба итмом расидани ҷанг дигар зарурият барои зиёд истеҳсол намудани аслиҳаи ҳарбӣ набуд. Бинобар ин зарурияти аз сари нав ба талаботи замони осоишта

баргардонидани корхонаҳои ҳарбикунонидашуда ба миён омад. Ҳамаи ин вазифаҳоро нақшаи 5 – солаи азнавбарқароркунӣ ва инкишофи хоҷагии халқи мамлакат барои солҳои 1946 – 1950, дар бар мегирифт.[80]

Мардуми минтақаи Ҳисор, хусусан мардуми ноҳияҳои Шаҳринаву Турсунзода ва ноҳияи Ҳисор низ барои азнавбарқароркунии ҷангӣ саҳми худро гузоштанд. Ба душвориҳо нигоҳ накарда хоҷагиҳои ноҳия кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, то самарабахшии корҳои асосии истеҳсолиашон ба қадри имкон таъмин гардад.

Дар ҳолати 1 январи соли 1945 ҳудуди маъмурии ноҳияи Шаҳринав аз 7 деҳшӯро (шӯрои қишлоқ) - Чиптӯра, Қаратоғ, Шулум, Чузӣ, Мӯсобозорӣ, Қадиҷӯйбор, Қизил Аскар ва як шӯрои шаҳраки Октябр иборат буд.

Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ тағйиротҳои дохилии маъмуриро ба ҳисоб гирифта, барои азнавбарқароркунии ҷангӣ 1 апрели соли 1948 аз комитети иҷроияи ноҳияи Шаҳринав дархост намуд, ки рӯйхати ҳудуди маъмурии ноҳияро барои аниқ ва тасдиқ кардан фиристад. 17-майи ҳамон сол комиҷроияи ноҳия рӯйхати шӯроҳои қишлоқӣ (деҳот) ва шаҳракиро бо нишондоди номгӯи маҳаллаҳои истиқоматӣ пешниҳод кард, ки ба таври зайл буд:

1.Шӯрои қишлоқи Қаратоғ иборат аз 26 деҳа. 2. Шӯрои қишлоқи Қадиҷӯйбор иборат аз 21 деҳа. 3. Шӯрои қишлоқи Пуштимиёна иборат аз 18 деҳа. 4. Шӯрои қишлоқи Чузӣ иборат аз 13 деҳа. 5. Шӯрои қишлоқи Чиптӯра иборат 19 деҳа. 6. Шӯрои қишлоқи Шулум иборат аз 11 деҳа. 7. Шӯрои қишлоқи Қизил Аскар иборат аз 11деҳа. 8. Шӯрои шаҳраки Октябр иборат аз 6 маҳалла.

Мақсади талаб намудани ҳудуди маъмурӣ муҳоҷиркунонии сокинони Шаҳринав ба дигар ноҳияҳои дурдасти мамлакат буд. Солҳои 50-ум дар ҳудуди маъмурии ноҳия дигаргуниҳои азиме ба амал омаданд. Комитети иҷроияи ноҳияи Шаҳринав ду маротиба (4-сентябри соли 1950 ва 2-январи соли 1951) масъалаи барҳам додани шӯроҳои қишлоқҳои Қизил Аскар ва

---

[80] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.18 саҳ 5 (нусхаи тасдиқшуда)

Шулумро ба Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ пешниҳод кард. Ин қадами нахустини коллективона муҳоҷир кардани мардуми ин маҳалҳо ба ноҳияҳои пахтакорӣ буд. Ин иқдом аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ 28-марти соли 1951 ба ҳукми қонун даромад[81].

Аҳолии таҳҷоии шӯроҳои қишлоқҳои Шулум ва Қизил Аскарро ба ноҳияи Шаҳритус муҳоҷир карда, ҳудуди маъмурии онҳоро ба шӯрои қишлоқи Чиптӯра ҳамроҳ намуданд.

Дар соли 1946 дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринав якчанд колхозҳо барҳам дода шуд, ки сабаби асосии он муҳоҷиркунонии мардуми Шаҳринав ба ноҳияҳои Пахтакори мамлакат буд. Маҳз азнавбарқароркунии ҷангӣ сабаб гардид, ки дар солҳои 50-ум дар ҳудуди ноҳия тағйиротҳои хеле ҷиддӣ ба амал омаданд.

Дар раванди азнавбарқароркунии баъди ҷангӣ дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринав хоҷагиҳои ба номи Микоян, Ворошилов, Хрушёв, Молотов, Ленин муттаҳид карда шуда, номи хоҷагии Ленин, хоҷагии «18-партсеъзд Пахтакор» ба номи Меленков, хоҷагиҳои Стаханов, Қаҳрамон, Лоҳутӣ ба номи Хурушёв, хоҷагиҳои «Янги Турмуш» ба номи Каганович, Киров ба номи Андреев, хоҷагиҳои ба номи Шверник, Маленков, Сталин ба номи Сталин, хоҷагиҳои ба номи Ворошилов, М.Горький, «Шаҳринав» ба хоҷагии ба номи Варашилов, хоҷагиҳои ба номи Молотов, «Янги йӯл» ба хоҷагии ба номи Молотов, хоҷагиҳои ба номи Рокоссовский, ба номи Куйбишев, «Аскари Сурх», ба номи Косигин, ба номи Жданов ба хоҷагии Жданов, хоҷагиҳои ба номи Калинин, «Озодии Шарқ», «Большевик», «Янги йӯл» ба хоҷагии ба номи Калинин, хоҷагиҳои ба номи Молатов ва ба номи Сталин ба хоҷагии «Большевик» иваз карда шуданд, ки то солҳои 50-ум ҳамаи ин хоҷагиҳо нақшаи солонаи худро иҷро менамуданд.

Бар асари азнавбарқарорсозии баъдиҷангӣ дар ноҳияи Шаҳринав баъзе шӯроҳои қишлоқӣ барҳам хӯрда, аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ ба ноҳия зарари зиёд ворид гардид:

---

[81] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.23 саҳ 2-3

1. Аз ҷиҳати иқтисодӣ - дар ноҳия истеҳсоли ғалладона (гандум, ҷав, зағир, нахӯд), маҳсулоти чорводорӣ (гӯшт, пашм, шир, равған), саршумори чорво, микдори заминҳои лалмӣ ва шумораи аҳолӣ ниҳоят кам шуд. Заминҳои ҳосилхез ба дашту биёбон табдил ёфтанд.

2. Аз ҷиҳати маънавӣ – дар ноҳия мактабҳо, китобхонаҳо, клубҳо, мағозаҳо ва биною иншоотҳои бисёре ба ҳоли вазнин гирифтор шуданд. Биноҳои таърихӣ (масҷидҳо), ки солҳои зиёд маданияти қадими ниёгони моро инъикос мекарданд, дар як муддати кӯтоҳ ба харобаҳо табдил ёфтанд. Осори харобаҳои маҳаллаҳои муҳоҷиршуда ҳанӯз ҳам ба чашм мерасанд.

3. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ – дар баробари кам шудани истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ эҳтиёҷи халқи ноҳия ба ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ ва мамлакат афзуд. Ноҳияи Шаҳринав аз мавқеи истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда табдил ёфт.

Дигаргуниҳое, ки солҳои 50-ум дар таърихи ноҳияи Шаҳринав ба амал омаданд, яъне 6-8 маротиба кам карда шудани колхозҳо, аз 8 то 4 ихтисор шудани шӯроҳои қишлоқ, умуман тағйирёбии тақсимоти дохилии маъмурӣ ба барҳамдиҳии ноҳияи Шаҳринав, комитети иҷроияи он ва тамоми ташкилотҳою муассисаҳои ноҳиявии хизматрасонӣ оварда расонид. Укази Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 1959 ба мавҷудияти ноҳияи Шаҳринав интиҳо гузошт.[82]

Мардуми ноҳияи Ҳисор дар баробари дигар халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои барқарорсозии баъдиҷангӣ софдилона меҳнат намуданд. Дар ин давра мақсади асосӣ – ҳарчи зудтар барқарор кардани хоҷагии халқи минтақаҳои дар ҷанг харобгардида буд. Кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки бештар пахта, маҳсулоти кишоварзӣ, чорводорӣ – шир, гӯшт, пашм, пӯст истеҳсол шавад. Барои баланд бардоштани рӯҳияи халқ давлат тадбирҳо меандешид. Дар соли 1946 – ум 210 нафар, соли 1947 – ум 299 нафар, соли 1948 – ум бошад, 258 нафар кормандони хоҷагии халқи ноҳия бо медали «Барои

[82] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.23 саҳ 1-2

меҳнати шуҷоатнок дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании 1941 – 1945» сарфароз гардонида шуданд.

Дар қатори гирандагони ин мукофоти давлатӣ котиби сеюми кумитаи ҳизбии ноҳияи Ҳисор - Сулаймонов Аҳмад, котиби комиҷроияи ноҳия - Вирская Нина, раиси шӯрои қишлоқи Ҳисор - Саидов Аҳмадҷон, раиси шӯрои қишлоқи Навобод - Умаров Назар, раиси шӯрои қишлоқи Хонақоҳ - Азизов Неъматулло, Голов Михаил - директори МТС-и «Аскари Сурх», Комилов Мирзоалӣ - директори МТС-и «Ҳисор», раиси колхози ба номи Джержинский - Солиев Нуралӣ, раиси колхози ба номи Бабушкин - Расулов Раҳмон, муаллим - Бобокалонов Маҳмадӣ, мудири шӯъбаи маданияти ноҳия - Гибадулина Роза, духтур - Сиоллер Татяна, колхозчӣ, сокини деҳаи Дурбат - Азизова Норбегим Зикирзода ва бисёр дигар хизматчиён - муаллимон, духтурон, чорводорон, кишоварзону боғпарварон шомил буданд.

Солҳои 50-ум бахри самаранокии кор дар ноҳияи Ҳисор муттаҳид кардани колхозҳои хурд ва ба хоҷагиҳои калон табдил додани онҳо шурӯъ ёфт, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳия таъсири калон расонид. Ин як воқеаи таърихие буд, ки бахри тараққиёти истеҳсолоти хоҷагиҳо нақши бузург бозид. Ин раванд ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат, баланд бардоштани маҳсулнокии чорво, маҳсулот, зироатчигию боғдорӣ мусоидат намуд. Барои дар ҳаёт татбиқ намудани ин ташаббус Қарори КМ ВКП (б) аз 30 майи соли 1950, Совети Вазирони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз 7 июни соли 1950 «Дар бораи муттаҳид сохтани колхозҳои хурд» қабул гардид ва мувофиқан ба ин ҳуҷҷатҳо дар давоми солҳои 50 – ум хоҷагиҳои хурди ноҳия аз қабили ба номи Бабушкин, «Зарбдор», «Қизил Юлдуз», ба номи Крупская, Киров, «30 солагии Октябр», ба номи Орҷонекидзе, Папанин, Сталин, Фрунзе, Ҳуҷум, Хрушев, Чкаловск, Энгелс, Ленин ба як хоҷагии калони «Ленинизм»-и шӯрои қишлоқи Навобод ҳамроҳ карда шуданд. Ҳамин тавр, дар атрофи колхози ба номи Калинини шӯрои қишлоқи Қарамқул 16 колхози хурд, ба колхози «Дружба» 15 хоҷагӣ, ба колхози «Роҳи Ленин»-и шӯрои қишлоқи Алмосӣ 16 хоҷагӣ, колхозҳои хурди ҳудуди шӯрои қишлоқи Ҳисор ба колхози ба номи

Карл Маркс муттаҳид кунонида шуданд. Хоҷагиҳои хурди ҳудуди ҷамоатҳои Хонақоҳ ва Мирзо Ризо низ ба хоҷагиҳои калони серсоҳа табдил ёфтанд.[83]

Ба ҳам муттаҳидкунии колхозҳо оғози муваффақиятҳои калони меҳнатӣ гардид. Тарзу усулҳои корбариро дар хоҷагиҳо такмил доданд ва аз техникаи корӣ дуруст истифода бурда, коркарди зироатҳо ва нигоҳубини чорворо бо усулҳои пешқадами замонавӣ ба роҳ монда, бештар маҳсулот ба даст даровroutданд. Дар натиҷа даромаднокии хоҷагиҳо афзуд, музди меҳнати колхозчиён ба дараҷаи назаррас зиёд шуд ва некӯаҳволии онҳо хеле боло рафт. Соли 1950 бо нишондиҳандаҳои хуби меҳнатӣ ҷамъбаст гардид[84].

Дар солҳои азнавбарқароркунии ҷангӣ дар ноҳияи Алмосӣ, ки соли 1944 таъсис ёфта буд, сохтмони чандин биною иншооти дигар пешбинӣ гашт. Масалан, дар соли 1946 - бинои комиҷроия ва комитети ҳизбӣ (навбати якум), комбинати нонпазӣ, идораи шӯъбаи алоқа, идораи корҳои меъморӣ, канал, биноҳои гуногун, хонаҳои истиқоматӣ, ҳаммом, мағоза, касалхонаи бемориҳои пӯст, амбулатория ва боғчаи бачаҳо, мактаб, клуб ва чойхона, соли 1947 - мактаб, клуб, китобхона, хонаи истиқоматӣ, бонк, кассаи амонатӣ, стансияи электрикии обӣ, соли 1948 - анборҳо, базаҳо ва баъзе дигар иншоотҳо сохта шуданд. Аммо мавҷудияти ноҳия дер давом накарда, соли 1948 барҳам дода шуд[85].

Баҳри барқарорсозии баъдиҷангӣ дар ноҳияи Регар низ чун дигар минтақаҳои кишвар корҳои хеле зиёд ба анҷом расонида шуданд. Моҳи апрели соли 1946 Кумитаи Марказии Ҳизби Комунисти Тоҷикистон ба ҳамаи пахтакорони ҷумҳурӣ муроҷиатнома қабул намуд, ки он дар ҳамаи колхозу совхозҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар асоси он кумитаи иҷроияи ноҳияи Регар 3 сентябри соли 1947 қарори дахлдор қабул кард, ки ба мустаҳкамкунии базаи моддӣ – техникӣ, ташкилию хоҷагидорӣ ва боло бардоштани нуфузу мартабаи колхозҳо мусоидат намуд. Ҳаёт ба маҷрои маъмулии осоиштагӣ даромад.

---

[83] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.23 саҳ 1-4 (нусха)
[84] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.12 саҳ 1
[85] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.2 саҳ 70-71 (асл). Имзоҳо бо матни форсӣ

Соли 1946 хоҷагиҳои ноҳия нақшаи чиниши пахтаро барзиёд иҷро намуданд. Меҳнаткашони саҳроҳои колхозӣ ба давлат 6342 тонна пахта супориданд. «Колхозҳои Меҳнат» (раисаш Бойматов) иҷрои нақшаро ба ҳаҷми 144,6%, «Пахташиwell» (раисаш Мирзоев)112,2%, ба номи Карл Маркс (раисаш Шукуров) 110,9 % расониданд.

Ба дӯши роҳбарияти ноҳия масъулияти калон меистод. Баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, беҳтар кардани некӯаҳволии халқ, таъмини рӯзафзуни маводҳои озуқаворӣ, барои иштирокчиён ва маъюбони ҷанг муҳайё сохтани шароити хуби зиндагӣ, обод гардонидани маркази ноҳия, сохтмони роҳҳо, тоза кардани иншоотҳои обтаъминкунӣ вазифаҳои муҳимтарини он давра ҳисоб меёфтанд.

Кормандони ҳизбию шӯравӣ бо роҳбарии Кругляк – котиби якуми ҳизбӣ, Туляков – котиби дуввум, Каримов – котиби саввум, Ҳасанов – раиси кумитаи иҷроияи ноҳия, Нуралиев – ҷонишини якум, Эгамов – ҷонишини дуввум, Файзиев – котиби комиҷроия, Тошпӯлодов – прокурор, Котушкин – сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ, Муҳаммадҷонов – мудири шӯъбаи маориф, Шидков – директори МТС, Маҷидов – мудири Райзо, Тарасов – сарвари шӯъбаи савдо, Саидов – мудири шӯъбаи маданият, Рибалко – раиси шӯрои шаҳраки Регар, Олимов – раиси шӯрои деҳоти (қишлоқи) Киров, Саидов, баъдан Раҳимбердиев – раиси шӯрои деҳоти Чинор, Сафаров – раиси шӯрои деҳоти Сешанбе, Нуралиев – раиси шӯрои деҳоти Ҷаврат ва Хоҷаев – раиси шӯрои деҳоти Девак аз шахсиятҳое буданд, ки қувваю дониш, малакаи кордонӣ ва таҷрибаи калони роҳбариашонро истифода бурда, дар рушду нумӯъ ва ободонии ноҳия саҳми калон гузоштаанд.

Комитети иҷроияи ноҳия дар ҳаққи иштирокчиёни набардҳои Чанги Бузурги Ватанӣ ҳамеша ғамхорӣ зоҳир мекард. Аз чумла ба Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, маъюби гурӯҳи якум Бакир Давлатов, ки барои истиқомати доимӣ ба Регар кӯчида омад, дар маркази ноҳия манзили истиқоматӣ ва барои табобаташ 2000 сӯм пул доданд.

Дар соли 1946 нақшаи генералии шаҳри Регар тарҳрезӣ гардида, баҳри татбиқи он 50.000 сӯм ҷудо карда шуд. То ин вақт аҳолии маркази ноҳия ба 3749 нафар расида буд. Дар худи ҳамин сол шӯрои шаҳраки (посёлкавии) Регар (раисаш Рибалко) таъсис дода шуд, ки барои ободгардонии маркази ноҳия мусоидат намуд.

Соли 1947 дар ноҳия 1 мактаби миёна, 10 мактаби миёнаи нопурра ва 20 мактаби ибтидоӣ мавҷуд буданд, ки дар онҳо 3326 нафар хонандагон таҳсил мекарданд. Ба шароити душвори солҳои баъдиҷангӣ нигоҳ накарда давлат барои рушди соҳаи маориф эътибори ҷиддӣ медод. Кӯшиш ба харҷ дода мешуд, ки биноҳои мактабҳои нав сохта шаванд, мактабҳои мавҷуда таъмир гарданд, хонандагон ба мактаб ҷалб карда шаванд.

Соли 1947 беҳтарин муаллимони ноҳия бо мукофотҳои давлатӣ қадршиносӣ гардиданд. Аз ҷумла Ҷӯраев Юсуф – директори мактаби миёнаи нопурраи Гулистон, Степанцев А.С. – муаллими мактаби колхози ба номи Сталин бо ордени «Байрақи Сурхи Сайёр», Ортиқов – директори мактаби 7 сола, Е.Варварова ва Носиров – муаллимони мактаби 7 солаи колхози ба номи Микоян ва чанде дигарон бо медали «Барои меҳнати шоён» сарфароз шуданд. 15 нафар меҳнаткашони ноҳияи Регар дар солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ ба гирифтани унвони олии Ватан -– Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мушарраф гаштанд, ки инҳо буданд:

**Ашӯрова Тошбибӣ,** соли таваллудаш 1925, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1947, пахтакор, вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, Нишони Фахрӣ, Ифтихорномаи фахрии Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон ва чандин медалҳо мукофотонида шудааст.

**Бобоев Маҳмадалӣ**, соли таваллудаш 1893, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, пахтакор, бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

**Бӯриев Қурбоналӣ**, соли таваллудаш 1923, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, пахтакор, узви ҳизби коммунист, иштирокчии

Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1942-1943), бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, Нишони Фахрӣ, медалҳо ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

**Ёдгорова Боғӣ**, соли таваллудаш 1914, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, пахтакор, бо ордени Ленин, медалҳо ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

**Мирзоев Аскаралӣ**, соли таваллудаш 1922, пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, Устоди пахтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви ҳизби коммунист, раиси колхоз, вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо орденҳои Ленин, Нишони Фахрӣ, Байрақи Сурхи Меҳнат, медалҳо ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст, ки айни ҳол як ҷамоати деҳот ба номи ӯ монда шудааст.

**Наимов Қарабой**, соли таваллудаш 1923, пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, узви ҳизби коммунист, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1942-1945), баъдатар ҷонишини раиси комиҷроия шуда кор кардааст, бо ордени Ленин ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

**Раҷабов Саттор**, соли таваллудаш 1890, чорводор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

**Сафаров Қароқул,** соли таваллудаш 1890, чорводор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, сарчӯпон, бо ордени Ленин, медалҳо, Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

**Суюнов Хуррам**, соли таваллудаш 1928, пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, узви ҳизби коммунист, сарагрономи колхоз, бо ордени Ленин, медалҳо ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

**Холбоева Мингиш**, соли таваллудаш 1922, пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, узви ҳизби коммунист, муаллимаи мактаб, бо ордени Ленин, медалҳо ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор гардонида шудааст.

**Эшназаров Маҳмуд,** соли таваллудаш 1930, пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, узви ҳизби коммунист, сардори звенои пахтакорӣ, бо ордени Ленин, медалҳо мукофонида шудааст.

**Қироатов Саид**, соли таваллудаш 1904, пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ аз соли 1948, узви хизби коммунист, раиси комиҷроияи ноҳияи Пахтаобод, бо ордени Ленин ва медалҳо мукофотонида шудааст.

Вакте, ки қарорҳои Кумитаи Марказии ВКП(б) аз 30 майи соли 1950, Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 7 июни соли 1950, №2931 «Дар бораи муттаҳид сохтани хоҷагиҳои хурд» қабул гардиданд, дар ноҳияи Регар низ баҳаммуттаҳидшавии колхозҳои хурд оғоз ёфт. Муттаҳидшавӣ дар асоси хоҳиши колхозчиён ба таври озод тариқи муҳокима бо иштироки қисме аз колхозчиён сурат мегирифт. Муттаҳидшавӣ бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани базаи иқтисодӣ ва аз ҷиҳати хоҷагидорӣ мустаҳкам кардани колхозҳо бо суръати баланд пеш мерафт. Дар ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии кумитаи иҷроияи ноҳия садҳо чунин ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла протоколҳои маҷлисҳои хоҷагиҳо, рӯйхати колхозчиён маҳфузанд, ки аз худихтиёрӣ муттаҳид гаштани хоҷагиҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Муттаҳидшавии хоҷагиҳо барои тараққиёти босуръати истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии кишлоқ ва хубтар таъминшавии аҳолӣ бо маводҳои зарурӣ мусоидат намуд. Хоҷагиҳои калон метавонистанд ҷиҳати молиявии худро беҳтар карда, техникаи пуриқтидор ва дигар воситаҳои техникӣ харидорӣ намоянд. Барои хочагиҳо шароити баланд бардоштани маҳсулоти чорводорӣ ва боғдорӣ низ пайдо гардид. Майдонҳои пахтакорӣ дар солҳои 1946-1950 хеле васеъ шуда, ҳосилнокии меҳнат афзуд. Ҳосилнокии пахта аз 6,1 сентнери соли 1945 дар соли 1950 ба 31,5 сентнерӣ расид.

Ҳамин тавр, маводҳои хазинаҳои Бойгонии минтақаи Ҳисор шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринаву Турсунзода аҳолӣ дар таҷдиди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва ғ. хизмати диловарна намуда, ба муваффақиятҳи беназир ноил гардидаанд.

# БОБИ 2. МАНБАЪҲОИ ПУРКУНӢ, ТАРКИБИ ХАЗИНАҲО, ТАЪМИНИ ҲИФЗ ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ФИЛИАЛИ БОЙГОНИИ МАРКАЗИИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАҲРИ ҲИСОР

## 2.1. Манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор

«Бойгонӣ» – мусисса ё қисми сохтори ташкилоте мебошад, ки вазифаҳои он қабул, бақайдгирӣ ва ҳифзи маводи ҳуҷҷатӣ буда, ба он дастгоҳи илмӣ-маълумотӣ ва созмондиҳии истифодаи ҳуҷҷатҳо ба мақсади давлатӣ, илмӣ, хоҷагӣ ва фарҳангӣ-фароғатӣ дохил мегардад.[86]

Маҷмӯи маводҳои ҳуҷҷатое, ки дар раванди фаъолияти муассиса, ташкилот, корхона (ё қисматҳои калони сохтории онҳо, ки ҳуҷҷатнигории худро доранд), инчунин дар раванди ҳаёт ва фаъолитяи ашхоси алоҳида, оила, авлод ба вуҷуд меоянд, хазинаи (фонди) бойгонӣ (ХБ) номида мешавад. Муассиса, ташкилот, корхона ва шахсони алоҳида, оила, авлод, ки дар натиҷаи фаъолияти онҳо ХБ ба вуҷуд омадааст, созмондихандаи хазина ё ба ибораи дигар «фондафзо"дониста мешаванд.[87] Ҳамин тавр, хазинаҳои бойгониҳо ба вуҷуд меоянд. Дар таркиби хазинаҳои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноатӣ ва сохтмон, инчунин тақсимоти марзию маъмурӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Аз 1 апрели соли 1938 дар ноҳияи Ҳисор бойгонии ноҳиявӣ бо тобеъияти бевосита ба Идораи марказии бойгонӣ дар КИМ РСС Тоҷикистон таъсис ёфт ва соли 1939 ба органи бойгонӣ дар тобеияти НКВД супорида шуд.[88]

---

86 Горфейн Г.М.,Шепелев Л.Е.Архивоведение.-Л.:Из-во Ленинг.ун-та,1971.- С.9-10.
87 Муҳиддинов С.,Каримов М. Бойгонишиносӣ.дастури таълимӣ барои донишҷуёни факултетҳои таърихи макотиби олӣ /Муҳ.Н.К.Убайдуллоев.-Душанбе,2009.- С.6.
88 Лангари Ҷ. Обидов Р. Бойгонӣ-ганҷинаи таърих. Душанбе: Эрграф, 2018.с.45

Бо қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон аз 5 апрели соли 1963 таҳти №145 «Оиди таъсиси шӯъбаи Бойгонии РСС Тоҷикистон дар посёлкаи Ҳисор» Филиали БМД дар шаҳри Ҳисор таъсис дода шуд. Тибқи банди 2.2.1 Низомнома ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти органҳои ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеияташон дар ҳудуди шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, ноҳияҳои Шаҳринав ва Варзоб амалкарда ё амалкунанда ташаккул ёфтаанд, дар филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор нигоҳдорӣ карда мешаванд.[89]

Ин филиал хазинаҳои гуногунмазмун ва гуногундараҷаро дар бар мегирад. Бинои кунунии Филиал соли 1968 пурра ба истифода дода шуд, ки дар ибтидо аз 360 метри мураббаъ иборат буда, дар он бо масоҳати 120 метри тӯлонӣ рафакҳо, ки барои ғунҷоиши 240 ҳазор парванда пешбинӣ шуда буд, вуҷуд дошт. Дар маҳфузгоҳҳои бойгонӣ зиёда аз 66915 (шасту шаш ҳазору нуҳсаду понздаҳ) парванда нигоҳ дошта шуда, маводҳои солҳои 1925-2014-умро дар бар мегиранд, ки дар 425 хазинаи бойгонӣ (фонд) гирд оварда шудаанд. Ин маҷмӯаро 234 фонди истифодашаванда, 176 хазинаи озод ва 5 хазинае, ки аз бойгонии дигар гузаронида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар филиал 211 ХБ (фонди таърихӣ)-ии аз соли 1925 то соли 2012, 5 ХБ ( фонди коллексионӣ)-ии солҳои 1942 то соли 1992 ва 23 ХБ (фонди шахсӣ)-ии солҳои 1948 то соли 2010 гирдовардашуда нигоҳдорӣ карда мешаванд. Парвандаҳои хазинаи бойгонии миллӣ аз ҳуҷҷатҳои ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идорӣ, хазинаҳои махсусан муҳим, масалан, қарорҳои иҷлосияҳо, протоколҳои комиҷроияҳо, қарорҳои раисони шаҳр ва ноҳияҳо, парвандаҳои судию прокурорӣ, фонд - коллексияи фаъолони сохти колхозӣ, иштирокчиёни Ҷанги ҷаҳонӣ, Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ, фонди коллексияи заминларзаи Ҳисор, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи воқеаҳои Ҷанги шаҳрвандӣ, иштирокчиёни Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии

---

[89] Раҷаб Мардон. Кохи ҳуҷҷатҳои муқаддас. Душанбе: Балоғат, 2013. С. 119.

Тоҷикистон, комиссияҳои қонунигардонии молу мулк ва ғайра иборат мебошанд.[90]

Дар бинои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, хазинаҳо аз лиҳози таркиб ҷойгир ва табақабандӣ гардидаанд. Ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонӣ (ХБ) дар давраи шӯравӣ ба таври зерин нишон дода шудааст:[91]

- мақомоти маҳаллии ҳокимият ва идоракунӣ;
- мақомоти назорати давлатӣ ва халқӣ;
- мақомоти идоракунии соҳаи саноат, кишоварзӣ, дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва зерсохторҳои он;
- макомоти идоракунии маориф, тандурустӣ, фарҳанг, иҷтимоиёт ва зерсохторҳои он;
- макомоти Судӣ ва арбитраж;
- ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- хазинаҳои шахсӣ ва коллексияҳо.

Қисми асосиро тавсифи ХБ ташкил дода, масъалаҳои номгӯи ХБ, маълумотхои хабарӣ, таърихӣ ва аннотатсияи (шарҳи мухтасари) ХБ – ро фаро мегирад, инчунин оид ба маводҳои чопшуда (китоб, маҷалла) маълумот дода мешавад. Ҳангоми тавсифи ХБ онҳо ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд:

1. Хазинаи шахсӣ (индивидуалӣ);

2.Ташкилотхои вазифаашон якхелаи ХБ (гурӯҳӣ);

3. ХБ бе аннотатсия (бе шарҳи мухтасар).

Дар қисмати дастгоҳи иттилоотӣ рақами ХБ, миқдори хуҷҷатҳо, санаи канори ҳуҷҷатхо ва дигар маълумотхои илмию хабарӣ ҷой дода шудаанд. Маълумот оиди мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои давраи муайян, дар маълумотномаи таърихӣ дарҷ гардидааст. Дар маълумотномаи таърихӣ масъалаҳои ташкил, таҷдид, такмил, барҳамхурӣ, зерсохтор, самти фаъолият, номгӯи пештара ва мансубияти баъдина инъикос ёфтааст. Маълумотнома

---

[90] ХБ№ 56 Филиали БМД ҶТ дар ш. Ҳисор.

[91] Роҳнамо (Маълумотномаи мухтасар оид ба хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор) /Мурат.:Лангари Ҷ.С.,Обидов Р.-Душанбе:Ирфон,2017.-(46с.)

инчунин роҷеъ ба ҳуҷҷатҳои ба дигар ташкилотҳо мансуббуда, ё ин ки ҳуҷчатҳои дар дигар бойгонихо мавҷудбудаи он маълумот медиҳад. Дар аннотатсияҳо номгӯи ҳуҷчатҳо гурӯхбандӣ шуда, ба таври мухтасар кайд мегарданд.

Манбаъи асосии пуррагардонии хазинаҳои бойгониҳо, аз ҷумла филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор муассисаву ташкилотҳо мебошанд. Барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои «фондафзо» бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Рӯйхати мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо – манбаи пуркунии бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”[92]-ро таҳия намуд. «Рӯйхат» тибқи Фармони сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 декабри соли 2010 таҳти №39 тасдиқ шудааст. Ба рӯйхат 381 мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотхо ва корхонаҳо дохил шудаанд. Рӯйхат мувофиқи реҷаи номгӯи соҳаҳо тартиб дода шуда, аз чунин бобҳо иборат аст:

1.Ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия.

2.Мудофиа, бехатарии давлатӣ, корҳои дохилӣ ва ҳолатҳои фавқулодда.

3.Рушди иқтисод ва савдо, андозбандӣ, стандарткунонӣ, амвол, гумрук ва омор.

4.Меҳнат, шуғли ахолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва муҳоҷират.

5.Саноат.

6.Комплекси аграрӣ ва ҳифзи табиат.

7.Сохтмон, архитектура ва заминшиносӣ.

8.Нақлиёт ва коммуникатсия, радио ва телевизион.

9.Молия, қарздиҳӣ, суғурта.

10.Хоҷагии комуналӣ.

11.Маориф ва тайёр кардани кадрҳо.

12.Илм ва хизматрасонии илмӣ.

---

[92] Рцйхати мақомоти давлатӣ, муссисаҳо,ташкилотҳо ва корхонаҳо – манбаи пуркунии бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе:Эр-граф,2011.-40 саҳ.

13.Фарҳанг (санъат, адабиёт, матбуот).

14.Ҳифзи саломатӣ, варзиш, туризм.

15.Ҳуқуқ, суд, прокуратура.

16.Ташкилотҳои ҷамъиятӣ.

17.Марказҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ.[93]

Ин «Рӯйхат» имконият медиҳад, ки Филиалҳои бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо ва шаҳру навоҳии мамлакат, хазинаҳои хешро мувофиқи талабот пурра гардонанд.

Ҳамасола ба хазинаҳои бойгонии филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор зиёда аз 200 адад ҳуҷҷатҳои мазмунан аҳаммияти таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодидошта ва ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон вобастабуда, дар бахши истифодабарӣ қабул мегарданд. Дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор фаъолияти басо назаррас нишон дода истодааст. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ хазинаҳои давраи шӯравию истиқлолиятро ҷудо намуданд. Дар соли 1991 571 парвандаро аз 13 корхонаву ташкилотҳо барои нигоҳдории доимӣ қабул намуданд. Дар соли 1992 220 парванда аз 4 корхонаву ташкилотҳо, соли 1993 172 парванда аз 2 корхонаву ташкилотҳо, соли 1994 150 парванда аз 2 корхонаву ташкилот, соли 1995 105 парванда аз 2 корхонаву ташкилот, соли 1999 200 парванда аз 3 корхонаву ташкилот, соли 2000 400 парванда аз 3 корхонаву ташкилот, соли 2001 165 парванда аз 3 корхонаву ташкилот, соли 2002 196 парванда аз 3 корхонаву ташкилот, соли 2003 198 парванда аз 2 корхонаву ташкилот, соли 2004 197 парванда аз 3 корхонаву ташкилот, соли 2005 2000 парванда аз 2 корхонаву ташкилот, соли 2007 53 парванда аз 1 корхона, соли 2010 199 парванда аз 3 корхонаву ташкилот, соли 2012 341 парванда аз 4 корхонаву ташкилотҳо қабул карда шудаанд. Дар соли 2013 дар филиали Бойгонии маркази

[93] Руйхати мақомоти давлатӣ, муссисаҳо,ташкилотҳо ва корхонаҳо – манбаи пуркунии бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе:Эр-граф,2011.-С.10-11.

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз 5 хазинаи нав мансуб ба давраи Истиқлолияти ҷумҳурӣ таъсис дода шуданд.[94]

Масалан, Хазинаи бойгонии №404 Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор солҳои 1992-2012 ба миқдори 490 парванда, хазинаи бойгонии №405 Ҷамоати деҳоти 10-солагии истиқлолияти шаҳри Турсунзода солҳои 1992-2001 ба миқдори 32 парванда, хазинаи бойгонии № 406 Ҷамоати деҳоти Навобод солҳои 1992-2010 ба миқдори 56 парванда, хазинаи бойгонии № 408 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав солҳои 1992-2014 ба миқдори 360 парванда, хазинаи бойгонии №407 хазинаи шахсии узви Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонмуроди Одина ҳуҷҷатҳои солҳои 1972-2017 ба миқдори 127 парванда нигоҳдорӣ карда мешаванд.[95]

Дар соли 2014 омодасозии ҳуҷҷатҳои мактаби №1-и шаҳри Ҳисор, китобҳои хоҷагии Ҷамоати деҳоти Чузӣ ва Ҷамоати деҳоти Сабои ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Сешанбеи шаҳри Турсунзода ва Ҷамоати шаҳраки Ҳисор бо теъдоди 308 парванда, парвандаҳои ҳайъати шахсӣ бо теъдоди 325 адад ба охир расиданд.

Хазинаи бойгонии №416 аз Прокуратураи шаҳри Ҳисор - парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимии солҳои 1980-2000 ба миқдори 56 адад, хазинаи бойгонии аз Шуъбаи маорифи ноҳияи Шаҳринав - парвандаҳои нигоҳдориашон доимии солҳои 1993-2012 бо теъдоди 83 адад, хазинаи бойгонии № 418 Ҷамоати шаҳраки Шарораи шаҳри Ҳисор - парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ барои солҳои 1991-2014 ба миқдори 47 адад, хазинаи бойгонии № 419 Ҷамоати ба номи Мирзо Турсунзодаи шаҳри Ҳисор, парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ солҳои 1997-2012 бо теъдоди 231 адад, хазинаи бойгонии № 420 Ҷамоати деҳоти Сомони шаҳри Ҳисор - парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ барои солҳои 1992-2013 бо теъдоди 191 адад қабул гардиданд. Дар соли 2017 ба хазинаҳои мавҷудбуда

[94] ХБ №56 Р.5-6 п.18
[95] ХБ №56 Р.5-6 п.18

парвандаҳои аз нав ба филиал овардашуда ворид гардида, зиёда аз 1572 парванда аз комиссияи ташхисии Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштанд, ки аз онҳо 1064 парвандаи муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва 508 парвандаҳои ҳайати шахсӣ буданд. Шумораи парвандаҳои хазинаҳои бойгониҳое, ки дар замони истиқлолият қабул карда шуда, нигоҳдориашон доимӣ аст, 10357 адад мебошад. Дар солҳои 2013-2017 5000 (панҷ ҳазор) парванда ба қуттиҳо ҷо карда шуданд.[96]

Сол то сол шумораи корхонаю муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ ва коллективӣ афзоиш меёфт ва соҳаҳои гуногунро фаро мегирифт. Аз ин рӯ, масъалаи муқаррар намудани корхонаҳои ба бойгонӣ ҳуҷҷатсупоранда (Фондафзо) ба миён омад. Ин гуна корхонаҳо аз рӯйи нишондоди тавсиявии саридораи Бойгонии ҷумхурӣ интихоб мегардиданд.[97] Дар вақти интихоб ва ба руйхат ворид намудани корхонаҳои фондафзо ба фаъолияти корхона аҳамият дода мешуд. Ҳуҷҷатҳои ин корхонаҳо тавре гирифта мешуданд, ки дар дигар фондҳо такрор наёбанд ва зарурияти нигоҳ доштани онҳо пайдо шуда бошад. Ин тарзи корбарӣ ба кормандони бойгонӣ имконият медод, ки ҳуҷҷатҳои такрориро қабул накунанд. Дар натиҷаи татбиқи ин нақша корхонаҳои махсус, ба амсоли ташкилотҳои давлатӣ, заводу фабрикаҳо, колхозу совхозҳо, корхонаҳои илмию тадқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии дорои аҳаммияти давлатӣ, мисли ҷамъияти матлубот, назорати халқӣ, иттифоқҳои касаба ва ғайра ба руйхати аввал баромаданд.[98]

Бо мақсади ба низом даровардани самти коргузории корхонаҳо 74 феҳристи ҳуҷҷатҳо, 10 дастурҳои методӣ, 6 низомнома доир ба коргузорӣ, 12 низомномаи комиссияҳои ташхисӣ, (экспертӣ) таҳия намуда, дар 26 корхонаҳо санҷишҳои ҳамаҷониба гузаронида шуданд.

---

[96] ФБМДҶТ дар ш.Ҳисор. ХБ № 56. Р.3. п.86,95
[97] Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. С. 123.
[98] Неъматова Ш. Асроров М. Маҳфузгарони таърих. – Душанбе: Ирфон, 2010. С. 25.

Дар натиҷаи баргузории чунин як чорабинии ҷамъиятӣ ҳолати нигоҳдорӣ, ҳисобу китоб, таъмини бехатарӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳо хеле беҳтар гардид. Дар байни ташкилотҳои ҳудуди хизматрасонии бойгонии давлатии Ҳисор ҳолати нигоҳдорӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳо дар комитети иҷроияи Шурои депутатҳои халқи нохияи Ҳисор ва шаҳри Турсунзода, заводи алюмини Тоҷикистон, идораи сохтмонии «СУ Алюминстрой», заводи масолеҳи сохтмонии Ҳисор - «Гидростройматериалы», деҳшурои Чузӣ, институти илмӣ - тадқиқотии «Зироаткорӣ» (Земледелия) намунавӣ гардид.[99] Дар китоби Р.Домулоҷонов «Ҷузъи «болдори» таърихи тоҷик»[100] роҷеъ ба таърихи шаҳри Турсунзода, бахусус сохтмон ва фаъолияти заводи арзизи тоҷик маълумотҳои нодиру муфид оварда шуда, муаллиф ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ низ рӯй овардааст.

Чунин шакли корбарӣ бо корхонаҳо, ба назари мо, агар аз як ҷиҳат тартибу низоми муқаррарнамударо ҷорӣ кунад, аз тарафи дигар нуфузу мартабаи бойгониро хеле боло мебардорад. Натиҷаи чунин коргӯзорӣ буд, ки дар як муддати кутоҳ назару ақидаи аҳли ҷамъият ба бойгониҳо тағйир ёфт.[101]

Дар бинои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор утоқи алоҳидаи намоиши доимӣ ташкил карда шуда, дар он ҳуҷҷатҳои таърихӣ бо аксҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон оид ба сафарҳои расмии ӯ ба минтақаи Ҳисор, акс ва маводҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз минтақаи Ҳисор Чӯтак Ӯрозов, Қахрамонони меҳнати сотиалистӣ, ҷевони намоиши алоҳида бо аксҳои хотиравии кормандони соҳаи бойгонӣ ва китобҳое, ки бо истифода аз маводҳои хазинаи бойгонӣ омода ва нашр шудаанд, ба намоиш гузошта

[99] Лангарӣ.Ҷ.С., Обидов Рустам. Бойгонӣ-ганҷинаи таърих. Душанбе: Эрграф, 2018. С. 90.
[100] Домладжанов Р. «Крылатая» частица таджикской истории.История образования земли Регарской.Повесть об истории строительства Таджикского алюминёвого завода и города металлургов Турсунзаде.-Турсунзаде-Санкт-Петербург,2002.- 520 с.
[101] Неъматова Ш. Асроров М. Маҳфузгарони таърих. – Душанбе: Ирфон, 2010. С. 42.

шудаанд. Нишондиҳандаҳои фаъолияти бойгонии Ҳисор дар солҳои 1965-1985, аз рӯйи меъёрҳои - нишондиҳанда, ғунҷоиш (9 бо метри кубӣ), дарозии рафҳо (9 аз рӯи метр), нишондоди нисбатӣ, шумораи фондҳо, теъдоди ҳуҷҷатҳо, миқдори ҳуҷҷатҳо, феҳристҳо, руйхати ҳуҷҷатҳо ва теъдоди кормандон бо рақамҳо нишон дода шудаанд.

Шӯрои озмоиши таркиби идора, азнавташкилдиҳӣ, вазифа ва фаъолияти ҳар як қисмати таркибӣ, робитаи байниҳамдигарии онҳо, ташаккули фаъолият дар ташкилот ва ғайраро меомӯзад. Чунин шакли қайд имконият медиҳад, ки қайдҳои аз ҳама муҳиме, ки фаъолияти муассисаро пурратар нишон медиҳанд, аз байни доираи зиёди масъалаҳои ба идора вобасташуда ҷудо карда шаванд.

Ҳамин тариқ, Шӯрои мазкур имкон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои мавҷуда ба гурӯҳҳо аз рӯйи арзишнокии илмӣ ва аз рӯйи аҳаммияти маълумотдиҳии онҳо ҷудо карда шавад ва мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои гурӯҳи дуюм муайян гарданд. Инчунин Шӯро барои муайян кардани дар кадом қисмати таркибӣ пайдо шудани ҳуҷҷатҳое, ки масъалаҳои асосии фаъолияти идораро инъикос мекунанд ва кадом ҳуҷҷатҳо аҳаммияти дуюмдараҷа доранд, мусоидат мекунад. Таҳриргар бояд миқдори ҳуҷҷатҳои зиёди дар фаъолияти идоракунӣ дар идораи мушаххас ва дар маҷмӯъ пайдошударо хуб дарк карда тавонад. Ин қайдҳо ба озмоишгар имкон медиҳанд, ки шакл ва навъҳои ҳуҷҷатҳоро бо иттилооти такрорӣ муайян созад ва аҳаммияти онҳоро барои он қисматҳои таркибӣ ё идора, ки дар он пайдо шудаанд низ муқаррар намояд.[102]

Таҷрибаи фаъолияти амалӣ ба бойгоншинос имкон медиҳад, ки аҳаммияти фаврии ҳуҷҷатҳоро муайян намуда, мӯҳлати нигоҳдории онҳоро низ нишон диҳад. Вале барои бойгоншинос он чиз низ муҳим аст, ки ба ҳуҷҷатҳо аз нуқтаи назари таърихшинос назар андозад, аз нуқтаи назари он ки ҳуҷҷат барои тадқиқотчӣ ҳамчун санҷиши арзишнокии

[102] ФБМДТ дар Ҳисор , ф.1, р, 1, х. 59, саҳ.1

ҳуҷҷатҳо дар якчанд давра амалӣ мегардад. Давраи якум, баҳо додани ҳуҷҷат ҳангоми пайдоиши он. Дар ин давра имконияти муайянкунии мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои гуногун нишон дода мешавад. Баҳодиҳии қаблии ҳуҷҷатҳо дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти идоракунӣ ва ҳуҷҷатнигории онҳо ба амал баровapp мешавад. Натиҷаи онҳо дар мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳо инъикос мегарданд, ки дар номгӯи ҳуҷҷатҳо омадаанд.

Дар қисмати таркибӣ ҳангоми пайдошавии парванда мӯҳлати нигоҳдории онҳо муайян карда мешавад. Дар охири ҳар як сол, ҳангоми супоридани ҳуҷҷат ба бойгони муассиса зарурати ҷудокунии онҳо ба гурӯҳҳо ва мутобиқгардонии онҳо барои нигоҳдории дарозмуддат ба миён меояд. Барои нигоҳдории доимӣ ва дарозмуддат ҳуҷҷатҳо ба бойгонҳои идора аз рӯи феҳрист супорида мешаванд (барои ҳуҷҷатҳои мӯҳлати нигоҳдориашон то даҳ сол мумкин аст рӯйхат тартиб дода шавад).

Маводҳои аҳаммияти маҳдуди маълумотдиҳанда (то панҷ сол) аз рӯи номгӯи ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта мешаванд ва бо анҷомёбии мӯҳлати нигоҳдориашон дар қисмати таркибӣ нест карда мешаванд. Дар давраи дуюм дар бойгонӣ муассиса несткунии тамоми парвандаҳоеро, ки мӯҳлати нигоҳдориашон муваққатӣ буда, бо анҷомёбии мӯҳлати истифодабарии амалиашон пешниҳод мегарданд ва масъалаи ҷудокунии ҳуҷҷатҳоро барои супурдан ба бойгонии давлатӣ амалӣ менамояд. Санҷиш дар бойгонии муассиса метавонад чун қисмати таркибии раванди дигари кор бо ҳуҷҷатҳо ҳамчун шакли мустақили кори бойгонӣ ба ҳисоб равад. Дар навбати аввали санҷиш мураттабан аз рӯи воридшавии маводҳо ба қисмати таркибӣ гузаронида мешавад, дар навбати дуюм вобаста ба ҳолати маводҳо ва зарурати банизомдарории онҳо гузаронида мешавад.[103]

Усули санҷиш талаб мекунад, ки омӯзиши ҳуҷҷат аз қисмати таркибӣ

[103] Жигунов В.М. Назначение экспертизы. - М., 1973, - 234 с.

ва асосии идора ва дар ҳудуди ҳар як қисмати таркибӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои характери умумии идоракунӣ дошта оғоз гардад. Бинобар ин диққати асосӣ ба ҳуҷҷатҳое дода мешавад, ки ҳангоми ташкилшавии идора, азнавташкилдиҳии он, инчунин аз вазифаи асосии дар идора иҷрошуда пайдо шудаанд. Дар қисматҳои таркибии идора, зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои дорои иттилооти такрорӣ бударо пешниҳод намоянд, ки он барои ҷудокунии онҳо дар несткунӣ ё нигоҳдории онҳо дар таркиби хазинаи бойгонӣ лозим аст.

Дар бойгонии идоравӣ, ки ба нигоҳдории тамоми ҳуҷҷатҳои ҷузъҳои сохтори идораҳо машғул мебошад, санҷиши тамоми хазинаҳо дар маҷмӯъ гузаронида мешавад, вале омӯзиши онҳо аз хазинаи марказӣ ва системаи муассисаҳои асосӣ оғоз мегардад. Баҳодиҳии ҳамаҷонибаи ҳуҷҷатҳо корро оид ба пешбарӣ ва барҳамдиҳии нусхаи дигари дохилимуассисавӣ осон мегардонад.

Давраи сеюми ташхис - ҷудокунии охирини ҳуҷҷатҳо барои нигоҳдории доимӣ ба ҳисоб меравад. Он ҳангоми пуркунии фаъолияти бойгонҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Вазифаи ташхисгар дар ин давра пеш аз ҳама раҳо ёфтан аз нусхаи дигари байнимуассисавӣ буда, баъдан муайянсозии хазинаҳои бойгонӣ, ки таркиби он бояд барои нигоҳдорӣ дар бойгонҳои давлатӣ ҳуҷҷатҳои дорои иттилооти такроридошта дохил мешуданд, ба ҳисоб рафта, инчунин муайянкунии дараҷаи ҳуҷҷатҳои дорои нусхаи иловагӣ буда ба мисли ҳуҷҷатҳои нақшавӣ, ҳисобот, тақсимкунанда, барқароркунии пуррагии нигоҳдории хазинаҳои бойгонӣ ва дар лаҳзаи мавҷуд набудани як қисмати ҳуҷҷатҳо қайд кардани роҳҳои пурракунии онҳо ба ҳисоб меравад.[104]

Иҷрои ин масъалаҳо ҳангоми пешниҳоди якбора барои санҷиши ҳуҷҷатҳои якчанд ташкилоти аз ҷиҳати фаъолият якхела ё ба ҳам тобеъбуда ва робитаҳои дигари таърихӣ бо роҳи арзиши маҷмуавии ҳуҷҷатҳои хазинаҳои бойгонӣ ба роҳ монда мешавад. Санҷиши якҷоя яке

---
[104] Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. С. 123.

аз роҳҳои ба вуҷуд овардани муносибати доимӣ ба санҷиш ба ҳисоб меравад. Муносибати системавӣ гузаронидани санҷиши системаи муассисавй ва соҳавии ҳуҷҷатҳо, инчунин ҷудокунӣ дар ҳамаи дараҷаи зерсистемаҳои идоракунии тақсимотӣ-ташкилӣ, нақшавӣ, баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро талаб мекунад. Ҳангоми баҳогузории умумии санҷишӣ хазинаҳои муассисаҳои якхела, идораҳои системаҳои ҷудогона ва идораҳои аз ҷиҳати фаъолияти нуқтаи назар ба ҳам алоқаманд, бо таъиноти мақсаднок ва тобеият дучор мегарданд. Наздик будан, фаъолияти монанди муассисаҳо характери ҳуҷҷатҳои онҳо, мазмуни онҳо, шакл ва навъҳо, таъсисёбӣ дар хазина, тартиби пайдошавӣ ва ҷойгиршавӣ дар хазинаҳои идораҳои болоӣ ва зермуассисавиро муайян мекунад. Ҳуҷҷатҳоро аз рӯи система омӯхта, ҳуҷҷатҳои дорои иттилооти такрориро хеле осон ҷудо кардан мумкин аст ва инчунин муайянкунии дараҷаи ҳуҷҷатҳои пайдонагардидаро низ осон мегардонад.

Баҳогузории умумии ҳуҷҷатҳои ҳамаи системаи идораҳо, ки барои пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои дорои иттилооти такрорӣ ва муқоисакунии онҳо байни ҳамдигар имконият дода, танҳо баъдан масъалаи нигоҳ доштан ё нест кардани онҳоро бояд ҳаллу фасл намуд. Дар охир ҳангоми санҷиши умумӣ барои пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои пайдонагардида ва пурра сохтани онҳо аз ҳисоби маводҳои якхелаи хазинаҳои монанд ва ё дигар хазинаҳои системаи идораҳо мушкилие вуҷуд нахоҳад дошт.

Баҳогузории умумиро чун хазинаи идораҳои болоӣ ва поёнии як система, инчунин хазинаҳои ташкилоту идораҳои якхела ҳисобидан мумкин аст. Дар бойгонҳои маркази давлатӣ, ки маводҳои давраи шӯравиро нигоҳ медоранд, мумкин аст, ки санҷиши маҷмӯавии хазинаҳои вазоратҳо ва идораҳои ба онҳо тобеъ гузаронида шаванд.[1]

Дар бойгониҳои давлатии вилоятӣ дар маҷмӯъ пеш аз ҳама бояд ҳуҷҷатҳои идораҳоеро баҳогузорӣ кард, ки ба ҳамдигар вобастагие

---

[1] Основы правила работы государственных архивов. М., 1962. - с. 49

доранд ва ба системаи ҷудогонаи муассисавӣ мансуб мебошанд. Чунин тарзи гузаронидани санҷиш хазинаҳои идораҳои болоиро аз нусхаҳои ҳуҷҷатҳои асоси (ба монанди суратмаҷлисҳо, накшаҳо, ҳисоботҳо ва ғ.) идораҳои тобеъ озод мекунанд ва дар сурати пайдо нашудани ҳуҷҷати асосӣ дар хазинаи идораи тобеъ, зарур аст, ки онҳоро аз ҳисоби нусхаи ҳуҷҷатҳо пурра намуд. Санҷиши чунин маҷмӯи соҳавӣ пешниҳодкунии ҳуҷҷатҳои асосиро осон мегардонад.

Ба маҷмӯи аҳамияти соҳавӣ шӯъбаи тандурустии вилоят ва тобеъ будани идораҳои вилоятӣ ба он ба монанди беморхона, стансияи эпидемиологӣ-санитарӣ мисол шуда метавонанд. Ба санҷиши маҷмӯӣ хазинаҳои шӯъбаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ низ ниёз доранд.

Ҳуҷҷатҳои шӯъбаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамеша дар хазинаи шӯъбаи идораҳои соҳавӣ дар системаи марказонидашудаи идоракунии дастгоҳи давлатӣ ҷой дода мешаванд. Ба ғайр аз ин, бояд мунтазам санҷиши умумӣ дар хазинаҳои мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамаи шӯъбаҳои соҳавӣ гузаронида шавад.[105]

Баҳогузории маҷмӯавӣ инчунин дар хазинаҳои идораҳои аз ҷиҳати фаъолият якхела, ки пайдоиш ва фаъолияташон дар ҳудуди муайян ба роҳ монда шудааст, аз қабили маводҳои макотиби таҳсилоти умумӣ, беморхона, муассисаҳои бачагона ва фарҳангӣ, инчунин ба бойгони давлатӣ низ онҳо ба тариқи интихобӣ ворид мегарданд. Интихоби хазина ё дараҷаи ҳуҷҷатҳои ба нигоҳдорӣ дар бойгони давлатӣ ниёздошта, танҳо дар шароити арзёбии ҳуҷҷатҳои ҳамаи гурӯҳҳои идораҳои якхела ба роҳ монда мешаванд. Санҷиши чунин маҷмӯи соҳавии ҳуҷҷатҳо метавонад таркиби пурраи ҳамаи идораҳои тобеъ (мактаб) ба хазинаи идораҳои болоиро (шӯъбаи маорифи ноҳия) таъмин намояд.

---
[105] Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. С. 123.

Усули нигоҳдории ҳуҷҷатҳо:

Дастурҳои услубӣ, дар асоси дониши чуқури таърихи муассиса (хазинаофаранда), доираи таркиб ва мундариҷаи маводҳои онҳо, таърихи хазинаҳои бойгонӣ тартиб дода мешаванд. Ба ғайр аз ин ба ҳисоб гирифтани вазифа ва хусусиятҳои истифодаи ин ё он ҳуҷҷатҳо зарур аст. Яке аз нусхаҳои маълумоти таърихӣ дар парвандаи хазина нигаҳдорӣ карда мешавад.[106]

Тартиб додани маълумоти таърихӣ. Заминаи асосии хазинабандии дуруст, коркарди нақшаи таснифии ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонӣ ва гузаронидани дигар корҳо бо ҳуҷҷатҳо омӯзиши таърихи хазинаофаранда, таърихи хазина, таркиб ва мундариҷаи ҳуҷҷатҳои он ба шумор меравад. Натиҷаи ин омӯзиш дар маълумоти таърихӣ дар бораи хазинаофаранда ва хазина ҷой дода мешавад. Ҳангоми ба амал баровардани усули мурратабсозии бевоситаи ҳуҷҷатҳои хазина парвандаҳо дар аввал аз рӯи бобҳо баъд аз рӯи гурӯҳҳои муққарар намудаи нақшаи таснифӣ, гуруҳбандӣ карда мешаванд. Баъди ба охир расонидани гурӯҳбандии маводҳо таркиби ҷойгиркунии парвандаҳо дар ҳудуди гурӯҳҳои нисбатан хурд ба амал оварда мешаванд.

Ҳангоми мурратабсозӣ аз рӯи усули варақавӣ ҳуҷҷатҳои ҳар як парвандаи хазина дар варақаҳо навишта мешаванд. Ҳамзамон ҷузъҳои зарурии тавсифӣ нишон дода шуда, рақами муваққатӣ ҳам дар варақа, ҳам дар муқоваи парванда гузошта мешавад. Усули варақавии мурратабсозии ҳуҷҷатҳо дар ҳолати аз ҷиҳати ҳаҷм бузург ва таркиби мурракаб будани бойгонӣ, истифода бурдан қулай аст.

*Ҷобаҷогузории хазинаҳо дар маҳфӯзгоҳи бойгонӣ.* Дар бойгониҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ягонагӣ байни таснифи ҳуҷҷатҳо аз рӯи хазинаи бойгонӣ, таснифи ҳуҷҷатҳо дар ҳудуди хазинаҳо ва ҷойгиркунии маводҳо дар маҳфӯзгоҳҳо муқаррар карда шудааст. Ин омили муҳими барои мустаҳкам кардани ташкили илмии ҳуҷҷатҳо ва осон намудани истифодаи онҳо

[106] Митлеев К.Г. История и организации делопроизводства в СССР. –М., -1959. С. 59.

мусоидат мекунад. Ҳангоми коркарди гурӯҳбандӣ ва тартиби ҷойгиркунии маводҳои бойгонӣ дар маҳфӯзгоҳҳо, алоқаи байни ҳамдигарии хазина офарандаҳоро ба назар гирифтан зарур аст.

Барои беҳтар нигаҳдорӣ кардани ҳуҷҷатҳо онҳоро дар махзани махсуси сохташудаи бойгонӣ ё иморате барои нигоҳдорӣ мувофиқ буда нигоҳ доштан лозим аст. Воҳиди нигаҳдорӣ дар ҳудуди хазинаи бойгонӣ дар асоси нақшаи мураттабсозӣ мурратаб гардонида мешавад.[107]

Нақшаҳои ҷойгиркунии хазинаҳо дар маҳфӯзгоҳҳо барои муайян намудани ҷойгиргузории самараноки ин хазинаҳо тавсия карда мешавад. Нақшаи ҷойгиргузории ин хазинаҳо бояд, ки ҷойҳоро барои воридоти минбаъдаи маводҳо вобаста ба комплект кардани бойгониҳо ба назар гирад.

Ҳамин тариқ, хазинаи (фонди) бойгонӣ – маҷмӯи маводҳои ҳуҷҷатие мебошанд, ки дар раванди фаъолияти муассиса, ташкилот, корхона дар раванди ҳаёт ва фаъолитяи ашхоси алоҳида ба вуҷуд меоянд. Дар хазинаҳои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноат ва сохтмон, тақсимоти марзию маъмурӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд. 1 апрели соли 1938 дар ноҳияи Ҳисор бойгонии ноҳиявӣ таъсис ёфт. 5 апрели соли 1963 Филиали бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор (минбаъд Филиал) бунёд гардид. Ҳуҷҷатҳое,ки дар натиҷаи фаъолияти органҳои ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеияташон, дар ҳудуди шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, ноҳияҳои, Шаҳринав ва Варзоб амалкарда ё амалкунанда ташаккул ёфта, дар Филиал нигоҳдорӣ гардиданд. Дар маҳфузгоҳҳои бойгонӣ зиёда аз 66915 (шасту шаш ҳазору нуҳсаду понздаҳ) парванда нигоҳ дошта шуда, маводҳои солҳои 1925-2014-умро дар бар мегиранд. Правандахо дар 425 хазинаи бойгонӣ (фонд) гирд оварда шудаанд. Асосии пуррагардонии хазинаҳои филиал муассисаву ташкилотҳои «фонзафзо» мебошанд. Онҳо тибки «Рӯйхати мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо

[107] Митлеев К.Г. История и организации делопроизводства в СССР. –М., -1959. С. 59.

ва корхонаҳо – манбаи пуркунии бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолият менамояд. Яке аз роҳҳои муҳими муайян ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳои нодир санҷиши мавҷудияти ҳуҷҷатҳо мебошад. Он дар 10 сол як маротиба гузаронида мешавад. Аз натиҷаи санҷиш оид ба ҳар як хазина санади алоҳида тартиб дода мешавад. Ҳолати физикии онҳо бо усули санҷиши онҳо муайян карда мешавад. Ҳангоми мурратабсозӣ одатан усули варақави ҳуҷҷатҳои ҳар як парвандаи хазина истифода мешавад. Ин усул дар ҳолати аз ҷиҳати ҳаҷм бузург ва таркиби мурракаб будани бойгонӣ, истифода мешаванд. Ҳангоми гурӯҳбандӣ ва тартиби ҷойгиркунии маводҳои бойгонӣ дар маҳфӯзгоҳҳо, алоқаи байни ҳамдигарии хазинаофаранда ба инобат гирифта мешавад. Воҳиди нигаҳдорӣ дар худуди хазинаи бойгонӣ дар асоси нақшаи мурратаб гардонида мешавад[108].

## 2.2.Таъмини ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор

Агар яке аз вазифаҳои муҳимми бойгонӣ ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳо бошад, вазифаи дигари он таъмини бехатарӣ ва мавриди истифода қарор додани хазинаҳои бойгонӣ маҳсуб меёбад. Ҳуҷҷатҳое, ки дорои ҷанбаи сиёсӣ, илмӣ, таърихӣ, маданӣ, маишӣ, таҷрибавӣ ва ғайра мебошанд ва ба воситаи корхонаю муассисаҳо ва ё аз тарафи шахсони алоҳида ба фондҳои бойгонӣ дохил гардидаанд, бояд мавриди ҳифз ва нигаҳдорӣ қарор гиранд. Таъмини бехатарии ҳуҷҷатҳо тақозо мекунад, ки ба хоста гирифтани ҳуҷҷатҳои моҳиятан муҳим аҳаммияти махсус дода шавад. Бинобар ин ба қиматнокии ҳуҷҷатҳо эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ин кор аз кормандон донишу малакаи кофӣ, фаҳмишу идрок, меҳнатдӯстию нуқтасанҷиро талаб мекунад.

[108] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.37 саҳ 1-12 (нусха)

Дар махзани нави сохташуда системаи гармкунӣ тавассути қубурҳои махсус, бо системаи ҳавотозакунӣ ва намноккунандаи ҳаво васлшаванда ҷиҳозонида мешавад, бо ин усул махзан аз қубурҳои системаи гармкунанда дар канор мемонад. Аниқтараш ин қубурҳо пур аз об буда, дар лаҳзаи фалокат боиси таршавии маводҳои ҳуҷҷатӣ мегардад.

Ҷойгиркунии таҷхизоти системаи ҳавотозакунӣ (аниқтараш системаи зидди чангу ғубор ва зидди газ) барои шаоити хуби нигоҳдории маводҳои ҳуҷҷатӣ имконият медиҳад. Интиқоли ҷарраёни барқӣ бояд дорои системаи хуби ҷудокунӣ бошад.[109]

Деворҳои махзан бояд хеле ҳамвор андова карда бошанд. Фарши махзан бояд ранги равғании линолиум, ки барои тозакунии ҳаррӯза қуллай ва осон аст, дошта бошад.

Таҷҳизоти муҳимтарини махзани бойгонӣ рафҳо ва ҷевонҳо ба ҳисоб меравaнд. Рафҳо метавонанд чубин ё оҳанин бошанд. Рафҳои чубин бояд аз чуби хушк тайёр карда, сипас ранг карда шаванд. Чуб низ мисли маводҳои қоғаз, метавонад аз тарафи ҳашарот вайрон гардад. Дар бисёр мавридҳо ҳашароти зиёновар дар чуби тар пайдо мегарданд. Бинобар ин иваз кардани рафи чубин ба рафи оҳанин шарт ва зарур аст.

Ҳуҷҷатҳо метавонанд дар рафҳо ба таври амудӣ ва уфуқӣ ҷойгир шаванд. Парвандаҳои андозаашон наонқадар калон ва дорои муқоваи ғавс бо усули амудӣ ҷойгир карда мешаванд. Маводҳои дорои муқоваи мулоим ва андозаи калон (рӯхномаҳо, харитаҳо ва ғайра ) ба таври уфуқӣ ҷойгир карда мешаванд. Бояд кӯшиш кард, ки парвандаҳо бисёр зич ҷойгир карда нашуда бошанд.[110]

Парвандаҳоро ба таври баста дар фаршҳо нигоҳ доштан нодуруст аст, зеро дар бисёр маврид ин боиси пайдо гардидани ҳашароти зараровар мегардад. Маводҳое, ки муқова надоранд бояд дар ҷузвдонҳои махсус ҷойгир карда шаванд. Фарсудашавӣ (аниқтараш тағйиротҳои физикиву-кимиёвӣ)

[109] Руководство по обеспечению сохранность документов .М., 2006.- С.. 14.
[110] Митлеев К.Г. История и организации делопроизводства в СССР. –М., -1959. С. 59.

қариб ба ҳамаи қисмҳои таркибии ҳуҷҷат, ба мисли: қоғаз, сиёҳӣ, ширеш, пуст ва ғайра дахл дорад.

Матн метавонад бо мурури замон сафед шуда тамоман нест шавад. Қоғаз сифаташро гум карда зудшикан мегардад. Пуст бо мурури замон ноустувор мегардад, ширеш қоқ шуда мерезад. Маводҳои мухталиф бо суръати гуногун фарсуда мегарданд. Масалан қоғазҳои кӯҳнаи аз нах тайёршуда устувории худро то имрӯз нигоҳ доштаанд, вале баръакси онҳо баъзе намуди қоғазҳо, масалан, қоғази рӯзномаҳо ва дигар маводҳои чопӣ сифати худро аз даст додаанд ва ранги онҳо зард гашта ноустувор мегардад. Чунин фарқияти суръати фарсудашавӣ ба таркиби қоғаз вобастагӣ дорад. Дар шароити махзани бойгонӣ омилҳои асосии ба фарсудашавӣ таъсиррасонанда пеш аз ҳама рутубат, намнокӣ, равшанӣ, чангу ғубор ва газ мебошанд.[111]

Шароити ноқуллайи нигоҳдории ҳуҷҷат раванди фарсудашавии ҳуҷҷатҳоро метезонад. Рушноӣ ба худ қувваеро мебардорад, ки бо дида дигаргуншавии тасвирӣ - кимиёвӣ пайдо мегардад, ки боиси тағйироти таркиботи аввала мегардад. Барои қоғаз рушноӣ омили муҳимтарини вайронкунанда ба ҳисоб меравад. Қоғаз бо таъсири рушноӣ фарсуда гардида, устувории механикии худро аз даст медиҳад, зеро дар он тағйииротҳои ҷиддии кимиёвӣ ворид мегарданд. Асосан аз таъсири рушноӣ шакли қоғазҳое тағйир меёбад, ки дорои омехтаҳои чуб мебошанд (ба мисли қоғази рӯзномаҳо ва нашри китобҳо).[112]

Пусти муқоваҳо бо таъсири мунтазами рушноӣ сифати пештараашро аз даст медиҳад. Аз таъсири рушноӣ инчунин матни аксари маводҳо хира мегардад. Шишаи тирезаҳо қисми таъсири рушноиро мегардонад, вале қисме аз он аз тиреза гузашта ба маводҳо таъсири худро мерасонад. Бинобар ин зарур аст, ки дар махзанҳои бойгонӣ тирезаҳоро бо матои зард рӯпӯш намоянд ё онро бо ранги сафед ранг намоянд. Ин омил боиси паст гардидани

[111] Митлеев К.Г. История и организации делопроизводства в СССР. –М., -1959. С. 59.
[112] Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. С. 123.

таъсири рушноӣ ба маводҳо мегардад. Омилҳои ҳифзкунанда то андозае маводҳоро аз таъсири рушноӣ пешгирӣ менамоянд.

Аз таъсири бевоситаи рушноӣ ба ҳуҷҷат иҷозат дода намешавад, ки онро дар рафҳои рӯ ба рӯи таъсири шуъои офтобӣ ҷойгир намоем. Аз ин рӯ, ба намоиш гузоштани асли ҳуҷҷатҳо зарурат надорад, беҳтараш нусхаи онҳоро ба намоиш гузоштан лозим аст. Агар зарурати ҳатмии ба намоиш гузоштани асли ҳуҷҷатҳо ба миён ояд, он гоҳ онҳо бояд дар зери шиша гузошта шаванд. Гушаи намоиш дар мавзеи дуртар аз таъсири рушноӣ гузашта мешавад.

Чангу ғубор намуди зоҳирии ҳуҷҷатро вайрон месозад ва дар бисёр маврид ба матнҳо чунон таъсир мерасонад, ки хондани онҳо ғайриимкон мегардад. Ғайр аз ин қисматҳои минералии чангу ғубор болои маводҳоро рӯпӯш мегардонад ва мубадалшавии ҳаворо номӯътадил мегардонад. Баъзан ҳангоми чангу ғубори оҳакдор ё сементдор часпиши варақҳо ба назар мерасад. Қабати чангу ғубори рӯи ҳуҷҷатҳо ивазшавии ҳаворо барои ҳуҷҷатҳо номӯътадил мегардонад ва дар онҳо намнокиро зиёд намуда, зарари биологиро метезонад. Ғайр аз ин чангу ғубор барандаи тухми ҳашарот аз як ҷо ба ҷои дигар мебошад.[113]

Аз рӯи баъзе маълумотҳо, чангу ғубор аз ҳаво газҳои зарароварро ворид месозад ва инчунин вайроншавии қоғазро метезонад. Бинобар ин зарурати мунтазам тазакунии қабати болоии хазинаҳо ва ҳуҷҷатҳои ниҳоят чиркин дар тозакунии ҳар як варақ ба миён меояд[114].

Ҷобаҷогузории ва нигоҳдории хуби кормандони филиал буд, ки дар замони истиқлолият бо истифода аз маводҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор як катор асарҳо интишор гардиданд.

Дар хамин давра бинои бойгонии давлатии Ҳисор бо тамоми воситаҳои техникии бехатарӣ таъмин гардида, дар он ноқилҳои зудэҳсоси зидди сухторӣ (ЭМ), асбобхои сухторхомушкунӣ,

---

[113] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 364,Р.1,П.1саҳ 6-7
[114] Руководство по обеспечению сохранность документов .М., 2006.-е. 14.

салқинкунакҳо (БК2000, 2500) ва воситаҳои посбонӣ насб карда шуданд. Соли 2015 бинои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аз нав таъмир гардид.

Тавсияҳо дода шуд, ки дар оянда, хазина аз иморатҳои ангезандаи сухтор дуртар сохта шавад. Сохтмони иморати нав бояд аз рӯи лоиҳаи коркардшуда ба роҳ монда шавад. Барои ҳамин бояд як қатор утоқҳои кории дохилӣ ба эътибор гирифта шаванд, ба мисли: а) қабулгоҳ барои коркарди маводҳои нав; б) махзани ба ҳисобгирии меъёрҳои умумии нигохдорӣ; в) утоқи корӣ барои кормандон; г) толори хониш; д) утоқи корӣ барои бесирояткунии маводҳои ҳуҷҷатӣ; е) утоқҳо барои таъмири маводҳои ҳуҷҷатӣ ва ғайра. Махзани бойгонӣ бояд аз иморатҳои маъмурии бойгонӣ ва толори хониш ҷудо бошад.[115]

Шароити мусоиди нигоҳдорӣ, таъмини бехатарӣ ва истифодаи самараноки ҳуҷҷатҳо диққати идораҳои болоӣ - Бойгонии умумииттифокӣ ва ҷумхуриявиро ба худ ҷалб намуд. Намояндагони Саридораи Бойгонии умумииттифоқӣ якчанд маротиба ба бойгонии Ҳисор ташриф оварда изҳори қаноатмандӣ карданд. Барои омӯзиши тарзу усулҳои корбарӣ бо ҳуҷҷатҳои фонди ин бойгонӣ намояндагони Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон омада буданд.

Дар навбати худ директори филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳраки Ҳисор бо сафари хизматӣ дар конфронсу семинарҳои умумииттифоқӣ ширкат варзида, таҷрибаҳои беҳтарини соҳавиро омӯхтаю дар амал татбиқ гардонид. Барои ташкили хуби кор директори бойгонӣ ба гирифтани Ифтихорномаи Саридораи Бойгонии Иттиҳоди Шӯравӣ ва унвони «Аълочии кори бойгонӣ» шарафёб гардид.[116]

Истифодаи маводи бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳо дар Филиал бо шаклҳои гуногун сурат мегирифт. Агар шаҳрвандони алоҳида барои пайдо намудани

---
[115] Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. С. 178.
[116] Неъматова Ш. Асроров М. Маҳфузгарони таърих. – Душанбе: Ирфон, 2010. С. 41.

маълумот ба бойгонӣ муроҷиат намоянд, ашхоси дигар, барои навиштани китобу мақола дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ муроҷиат менамуданд. Эътимоди шаҳрвандон ба филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор сол то сол зиёд мегардад. Ҳамасола ба филиал беш аз 2 ҳазор корафтодагон муроҷиат менамоянд. Агар дар соли 1991 ба бойгонӣ 250 дархосту ариза ворид шуда бошад, пас дар соли 2013 ин нишондод ба 1911 адад расидааст, ки аз ин миқдор 174 ададашро дархости мавзӯӣ аз корхонаву ташкилотҳо ва 1737 ададашро аризаи шаҳрвандон ташкил медиҳад. Масъулони бойгонӣ ба 1719 адад дархосту ариза ҷавоби қаноатбахш ва ба 164 адад ҷавоби ғайриқаноатбахш додаанд. Дар соли 2014 аз 1862 адад дархосту аризаҳои воридгардида, ба 1470 адади онҳо ҷавоби қаноатбахш, ба 382 адад ҷавоби ғайриқаноатбахш, дар соли 2015 аз 2232 дархосту аризаҳо ба 1786 адад ҷавоби қаноатбахш, ба 446 адад ҷавоби ғайриқаноатбахш, дар соли 2016 аз 2202 дархосту аризаҳо ба 1840 адади онҳо ҷавобҳои қаноатбахш ва ба 350 адад ҷавоби ғайриқаноатбахш, дар соли 2017 аз 1710 муроҷиатҳо ба 1320 адади онҳо ҷавоби қаноатбахш ва ба 378 адад ҷавоби ғайриқаноатбахш мувофиқи талаботи қонун ва низомномаи марбута гардонида шудааст.[117]

Солҳои охир филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор корро дар бобати коркарду баҳисобгирӣ, таъмини бехатарӣ, қабули ҳуҷҷатҳои нодир боз ҳам пурзур гардонид.

Хизматрасонии бойгонӣ баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле васеъ гардида, ноҳияҳои Шаҳринав ва Варзобро низ дар бар мегирад.

Филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор дар фаъолияти илмӣ - методӣ ва ахборотӣ низ корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Натанҳо кормандони бойгонӣ дар ҷамъоварӣ, ҳифзу нигаҳдорӣ ва истифодабарии ҳуҷҷатҳо маҳорати баланди касбӣ нишон доданд, балки

---

[117] Лангарӣ Ҷ.С., Обидов Р.Ҳ., Бойгонӣ-ганҷинаи таърих. Душанбе.Эрграф,2018 с.90

дар бобати табъу нашри маълумотҳои бойгонӣ кадаме ба пеш гузоштанд.

Азбаски давраи аввали ҷустуҷуи бойгонӣ ин интихоби бойгониҳо ва хазинаҳо мебошад, дар ин амал дастури асосӣ «Роҳнамои бойгониҳо» ба ҳисоб меравад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар натиҷаи кӯшишу ғайрати пайгирона ва истифодаи оқилонаи шароиту имкониятҳо кормандони Бойгонии маркази давлатӣ соли 1982 Маълумотномаи «Бойгонии давлатии ҶШС Тоҷикистон» [118] - ро интишор намуда буданд. Маълумотнома ахбороти мухтасарро оид ба ҳайат ва мазмуни ҳуҷҷатҳои бойгониҳои давлатӣ инъикос намуда, тавсифи ҳар як бойгонӣ дар алоҳидагӣ дода мешавад. Бояд тазаккур дод, ки ин аввалин ҳуҷҷати илмие буд, ки дар бораи микдор, мазмун ва сифати ҳуҷҷатҳо ба аҳолӣ маълумот медод. Бо интишори ин ҳуҷҷати меъёрӣ шумораи тадқиқотчиёни таъриху фарҳанги миллӣ ва муроҷиати шаҳрвандон хеле афзуд. Дар ин «Маълумотнома» роҷеъ ба Филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор маълумотҳои муфид оварда шудааст.[119]

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ходимони Филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор заҳмати зиёде кашида, бо дастгирии Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 «Роҳнамо. Маълумотномаи мухтасар оиди хазинаҳои Филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор”[120]-ро чоп намуданд. Роҳнамои мазкур сохтор ва мундариҷаи хазинаҳои бойгонии дар шаҳри Ҳисор будаи Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, тадқиқотчиёнро бо мазмуни ҳуҷҷатҳои бойгонӣ шинос менамояд. Роҳнамо нишон медиҳад, ки дар Филиал ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноат ва сохтмон, инчунини тақсимоти

---

[118] Государственный архив Таджиккой ССР. Справочник / Сост.: М.А.Спевак, И. А. Акрамов, Н. И. Герман, С. Г. Рахматназарова. - Душанбе, 1982. - 47 с.

[119] Ҳамон ҷо: С.32-35.

[120] Роҳнамо (Маълумотномаи мухтасар оид ба хазинаҳои филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор) /Мурат.:Лангари Ҷ.С.,Обидов Р.-Душанбе:Ирфон,2017.-46с.

маъмурӣ нигаҳдорӣ карда мешаванд. Воқеъан Роҳнамо истифодабарии маводҳо ва дарёфти иттилооти заруриро оид ба мурочиати шаҳрвандон ҳуҷҷатҳои бойгонӣ осон мегардонад. Дар роҳнамо аз ҳама муҳим ин «Рӯйхати хазинаҳои дар Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор мавҷудбуда», ки дар он таркиби хазинаҳо аз рӯйи рақами тартибӣ, рақами хазина, номгӯи хазинаҳо, солҳо ва миқдори правандаҳо ҷойгир ва табақабандӣ гардидаанд, маҳсуб меёбад.[121]

Созмондиҳии истифодаи маводи бойгонӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии бойгониҳо арзёбӣ мегардад. Нисбати ин масъала низ дар Филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор корҳои зиёде анҷом дода шудааст. Таблиғи маводи таърихӣ дар бойгонӣ натиҷаи назаррас дод. Ин қабл аз ҳама аз дуруст интихоб ва ҷобаҷогузории кормандони филиал буд, ки дар замони истиқлолият бо истифода аз маводҳои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор як силсила китобу ҷузваҳо ба табъ расидаанд.

Шаклҳои асосии истифодабарии ҳуҷҷатҳои бойгонҳои давлатӣ ва муассисавӣ инҳо мебошанд:

- Ахборотдиҳии ташкилоту идораҳо;
- Қонеъ гардонидани талаботи ташкилотҳо ва шаҳрвандон;
- Корҳои маданӣ – равшаннамоӣ;
- Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои омӯзиш дар толори хониши бойгонӣ.

Дар бойгонӣ ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ хеле зиёд мебошанд, ба монанди:

- Мактуби иттилоотӣ;
- Номгуи мавзӯи ҳуҷҷатҳо;
- Гувоҳномаи бойгонӣ.

Истифодабарии ҳуҷҷатҳо фақат бо иҷозати сарвари ташкилот ва бойгонӣ ба роҳ монда мешавад.

---

[121] Роҳнамо (Маълумотномаи мухтасар оид ба хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор) /Мурат.:Лангари Ҷ.С.,Обидов Р.-Душанбе:Ирфон,2017.- С.6-21.

Аз назари узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Корманди шоистаи ҷумҳурӣ Султонмуроди Одина, ки аз рӯйи тақозои вазифа дар мақомоти ҳокимияти давлатии ноҳия ва аз ҳама бештар бо мақсади дарёфти маводҳои муътамад солиёни дароз бо ҳуҷҷатҳои бахши дар ноҳияи Ҳисор бурдаи Бойгонии давлатии Тоҷикистон сару кор доштааст, истифодабарии ҳуҷҷатҳои матбуоти иттилоотии омма бо усули тайёр кардани мақола ва дигар маводҳо бояд ба роҳ монда мешавад. Ӯ ба ҳайси муҳаққиқи ҳаваснок ва шахси завқи эҷодӣ дошта, барои дарёфти маводи эътимоднок аз хидмати кормандони ин даргоҳи муқаддас бисёр истифода бурдаасту варақҳои бо дуди вақт зардгаштаи парвандаҳои онро такурӯ кардааст.[122]

Воқеъан ба муносибати 60-солагии таъсисёбии ноҳияи Ҳисор кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқии ноҳия бо ҳидояти раиси ҳамонвақтаи Кумитаи иҷроия Ҷ.Мансуров тасмим гирифт, ки масъалаҳои марбут ба таъсисёбии ноҳия, ҳудудҳои марзию маъмурии мақомоти худидора, таърихи бунёди корхона, ташкилот ва муассисаҳо, фаъолияти кории роҳбарони ин давраро гирд оварад. Ба ин мақсад муаллифон Ф.Азизов ва З.Дӯстов дар асоси ҳуҷҷатҳои ин бойгонӣ соли 1992 китоберо бо номи «Ҳисори шодмон»[123] ба табъ расониданд. Китоб аз ҷониби мутахассисон баҳои баланд гирифт. Зеро он маҳз дар асоси ҳуҷҷатҳои боэътимоди таърихие, ки дар Филиал маҳфӯз буданд, таҳия шуда буд.

Ҳамон сол, яъне соли 1992 муҳаққиқ Р.Ҷӯрабоев дар асоси ҳуҷҷатҳои роҷеъ ба ноҳияи Турсунзода дар Филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор маҳфузбуда китоберо бо номи «Диёри шоир»[124] ба табъ расонд. Китоб дар бораи таърихи мухтасари ноҳияи Турсунзода нақл мекунад.

Муҳаққиқон пас аз чопи китобҳои мазкур андеша намуданд, ки маҳз маводҳои бойгонӣ метавонанд манбаъи хубе роҷеъ ба таърихи ин ва ё он соҳа бошанд. Чанд сол маводҳо ҷамъоварӣ шуда бошанд ҳам, вале бо сабабҳои маълум рӯи чопро надиданд.

---

[122] Одина С. Хазинаи бебаҳо // Неъматова Ш. Асроров М. Маҳфузгарони таърих.-Душанбе: Ирфон, 2010. - С. 3-8.
[123] Дӯстов З.. Азизов Ф. Ҳисори Шодмон.Оид ба ҷашни 60-солагии ноҳияи Ҳисор.- Ҳисор,1992.-
[124] Ҷурабоев Р.Диёри шоир. Дар бораи таърихи мухтасари ноҳияи Турсунзода.-Душанбе,1992.

Ниҳоят соли 2000 ум роҷеъ ба фаъолияти меҳнатии яке аз деҳқонони асили ноҳия, сарвари хоҷагии «Ватан» Н.Тешаев китобе бо номи «Макони файзбор»[125] иншо гардид, ки муаллифи китоб аз бойгонии ноҳия маводи фаровонро аз таърихи бунёди ин хоҷагӣ, ҳудудҳои марзию маъмурии ҷамоатҳои ноҳия, инъикоси ҳаёти халқро дар воситаҳои ахбори омма пайдо намуданд.

Соли 2002 ба бунёди Канали калони Ҳисор 60 сол пур мешуд. Ин иншооти бузурги обёрикунӣ барои ба куллӣ дигар сохтани фаъолияти кишоварзони Ҳисор ва як қисмати Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ривоҷ додани пахтакорӣ дар Тоҷикистон нақши бузурге бозида буд, аммо кам касон медонистанд, ки дар бунёди ин иншоот киҳо иштирок карданд, рохбарии онро киҳо ба ӯхда доштанд, суръати бунёди он чӣ гуна буд. Маҳз аз бойгонии ноҳия маводҳоро мавриди истифода қарор дода, муаллифон С.Одинаев ва Қ.Алиев китоберо бо номи «Сарчашмаи файзи саодат»[126] ба чоп расониданд. Тибқи маводҳои бебаҳои бойгонӣ маълум гардид, ки дар ин ҳашари умумихалқӣ беш аз 100 ҳазор меҳнаткашони Тоҷикистону Ӯзбекистон иштирок дошаанд. Сарварии сохтмонро В.Свириденко ба уҳда доштааст ва ба ҳамаи душвориҳои мавҷуда нигоҳ накарда, дар солҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ, соли 1942 Канали Калони Ҳисор мардуми ташналаби водии Ҳисорро шодоб намуд. Канали Калони Ҳисор калонтарин иншооти обёрикунандаи водии Ҳисор мебошад, ки он 50 км дарозӣ дорад. Бари канал 32 метр ва чуқурии миёнааш 2 метр мебошад. Канал 14,5 ҳазор гектар заминҳои ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ), Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода ва заминҳои вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро обёрӣ мекунад. Канали Калони Ҳисор ба тариқи ҳашари умумихалқӣ солҳои 1928-1942 канда, дар он 70 иншооти гидротехникӣ (дарғот) сохта шудааст. Охири соли 1940 дар сохтмони канал 40 ҳазор колхозчиёни водии Ҳисору вилояти Сурхондарё иштирок намудаанд. Дар Канали Калони Ҳисор танҳо аз ноҳияи Шаҳринав

[125] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.1 саҳ 1
[126] Одинаев С.,Алиев Қ.Сарчашмаи файзи саодат.-Бахшида ба 60-солагии Канали Калони Ҳисор.-Ҳисор,2001.-

бештар аз чор ҳазор нафар колхозчиён ширкат намуданд. Махсусан, солхои 1941-1942, ки оғози ҷангу душворииии сахти мамлакатамон буд, дар бунёди Канали Калони Ҳисор саҳми пирони солхӯрдаву занону духтарон калон буд. Онҳо ҷавононеро, ки ба набардхои Ҷанги Бузурги ватанӣ рафта буданд, иваз мекарданд.[127]

Мавриди зикр аст, ки маҳз бо ибтикори муаллифони ҳамин китоб, ки ба Дастгоҳи Иҷроияи Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол намуда буданд, бо супориши хаттии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2002 ҷашни 60- солагии Канали Калони Ҳисор ботантана қайд карда шуд.

Бойгонӣ дар навиштани китоби С.Одинаев «Зилзилаи Ҳисор»[128] хидматеро ичро кард, ки онро бо ягон қимат бахогузорӣ кардан нашояд. Аз зилзилаи Шарора (23 январи соли 1989) ва ба зери хок мондани кисмати деҳаҳои Шарора ва Оқулии боло, ғафлатшаҳид шудани 229 нафар сокинони ин маҳаллаҳо зиёда аз 30 сол сипарӣ шуд. Муаллиф аз бойгонии ноҳия пеш аз ҳама ҳуҷҷатҳои ситодҳои рафъи окибатҳои фалокат, шумораҳои рӯзномаи ноҳиявии «Байрақи ленинизм» ва варақаи «Матонат»- ро пайдо намуд, ки он шабонарӯз 25 шумораи он ба табъ расида буд. Маводҳои васоити ахбори омма, ки он замон хеле фаъол буданд, хотираи шохидони воқеъа ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ имкон доданд, ки ин китоб дар муддати кӯтоҳ ба табъ расад. Дар асоси маводҳои пурарзиши Филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор як силсила дигар ҷузваю китобҳо ба табъ расидаанд.

Соли 2002 М. Асроров очерки калонҳаҷми таърихию этнографиро бо номи «Чузӣ»[129] ба табъ расонд. Дар очерк роҷеъ ба соҳаҳои кишоварзӣ, мавқеъи ҷуғрофӣ, ҷамоатҳои деҳот, таркиби миллии аҳолӣ ва ҳудуди маъмурии ноҳияҳои Ҳисору Алмосӣ, Шаҳринав ва Турсунзода дар асоси санаҳои таърихию бойгонӣ ахбори басе аниқу дақиқ ва муфассал гирд овардааст.

[127] Неъматова ш.,Асроров М.Маҳфузгарони таърих.-Душанбе:Ирфон,2010.- С.73.(общ.272.
[128] Одинаев С. Зилзилаи Ҳисор.Бахшида ба 20-солагии заминларзаи ноҳияи Ҳисор.-Ҳисор,2008.
[129] Асроров М.Чузӣ.Оид ба таърихи деҳаи Чузии ноҳияи Ҳисор.-2001.

Соли 2005 дар асоси маводҳои ин бойгонӣ китоби Ю. Қодиров бо номи «Муҳофизони Ватан»[130] нашр гардид, ки дар бораи диловариҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Ҳисор нақл мекунад.

Соли 2007 китоби С.Расулӣ таҳти унвони «Олами ҳунар»[131] чоп гардид. Дар он роҷеъ ба таърихи фарҳанги Ҳисор маълумоти арзишманд гирдоварӣ шудааст.

Бояд зикр кард, ки дар Филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор роҷеъ ба ноҳияи Шаҳринав ганҷинаи алоҳида маҳфуз аст. Дар он нодиртарин ҳуҷҷатҳо гирд оварда шудаанд. Тибқи ин ҳуҷҷатҳо соли 2007 муаллифон З.Дӯстов, Р.Ҷӯрабоев, М.Асроров ва Ф.Азиз китоберо бо номи «Аз Сабо то Шаҳринав»[132] чоп намуданд, ки дар бораи таърихи ноҳияи Шаҳринав нақл мекунад.

Соли 2009 китоби Ш.Собирӣ «Сарнавишт 80 сол»[133] аз чоп баромад, ки ба ҳаёт ва фаъолияти марди шоистаи ноҳия ва ҷумҳурӣ, ходими ҳизбиву давлатӣ, ҷамъиятиву сиёсӣ, рӯзноманигор, котиби якуми Кумитаи комсомолии ноҳияи Янгибозор (ҳозира шаҳри Ваҳдат), Котиби дуюм ва котиби якуми Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ҳисор (он вақт Ҳисору Шаҳринав як ноҳия буданд), муовини Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои колхозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ду даъват вакили халқии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Точикистон Ӯроқ Азимович Аловиддинов бахшида шудааст. Бо мутолиаи рисола хонанда аз бисёр воқеъаҳои марбут ба замон, сиёсат, равандҳои бунёдкорӣ, бунёди роҳу купрукҳо, хонаҳои истиқоматии бисёрошёна, заводу фабрикаю сехҳо, муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ, корхонаҳои бузурги агросаноатӣ, фермаҳо ва комплексҳои чорводорӣ, таҳаввулоти тафаккурӣ, таҷриба, нуқтаи назар ошноӣ пайдо менамояд. Муаллиф дар таҳияи ин асар аз ҳуҷҷатҳои бойгонии ноҳия васеъ истифода намудааст. Китоби аз лиҳози сарчашмашиносӣ хеле

---

[130] Қодиров Ю. Муҳофизони Ватан (Оид ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ноҳияи Ҳисор.-Ҳисор, 2005.
[131] Расулӣ С.Олами ҳунар.Роҷеъ ба таърихи фарҳанг дар Ҳисор.-Ҳисор,2007
[132] Дӯстов З., Ҷӯрабоев Р,,Асроров М, Азиз Ф. Аз Сабо то Шаҳринав.Дар бораи таърихи ноҳияи Шаҳринав.-Душанбе,2007.
[133] Собирӣ Ш.Сарнавишт 80 сол.-Душанбе:Ирфон,2009.-432 с.

муҳим ва пурарзиш ин китоби «Маҳфузгарони таърих»[134] мебошад, ки соли 2010 интишор ёфтааст. Китоб маҳсули меҳнати чандинсолаи муаллифон буда, дар асоси маводҳое иншо шудааст, ки бештарашон бори аввал рӯйи чопро дидаанд. Ҳуҷҷатҳо давраҳои солҳои 1920-2010 – ро дар бар гирифта, дар он оиди пайдоиши бойгониҳо ва такомулоти минбаъдаашон, таърихи вилояти Ҳисор, нохияҳо, ҷамоатҳо, хочагиҳо, шумораи аҳолӣ, ҳайти ҷинсӣ, шуғли аҳолӣ, саршумори чорво, воситаҳои техникӣ, рафти истеҳсолот, фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон дар ин минтақа маълумотҳои саҳеҳ дода шудааст. Муаллифон аслан ба маводҳои таърихӣ-ҳуҷҷатҳои дар хазинаи бойгонӣ мавҷудбуда такя намуда, аз раванди пешравии ҷомеъа хулосабарорӣ намудаанд.[135]

Соли 2013 ба ифтихори 3000-солагии Ҳисор китоби муаллифон С.Одинаев ва Ф.Азизов таҳти унвони «Ҳисори Шодмон: аз бостон то ин замон»[136] чоп шуд. Ин китоб таърихи Ҳисорро аз замонҳои қадим то имрӯз фаро гирифта, дар таҳияи он бисёре аз маводҳои бойгонии мазкур мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Соли 2014 бахшида ба 3000-солагии Ҳисор яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи бойгоншиносӣ аз ноҳияи Ҳисор М.Асроров асари пурмуҳтавои худро таҳти унвони «Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ»[137] аз чоп баровард. Китоби мазкур дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии садо ва симо ва Филиали Бойгонии марказии давлатӣ дар шаҳри Ҳисор омода гашта, оид ба вилояти Ҳисор, туманҳо, кентҳо ва чамоатҳои деҳот, ташкилоту корхонаҳо ва хоҷагиҳои ҳудуди он дар солҳои бистуми асри бист маълумотхои дақиқу аниқ медиҳад. Он ба таври роҳнамо иншо шуда, оид ба таърихи мавҷудияти ташкилоту муассисаҳо ва шахсиятҳои фаъолияткунандаи вилоят, сипас баъди барҳамхӯрии вилоят, округи Ҳисор, ки ноҳияҳои Регар (ҳоло Турсунзода),

---

[134] Неъматова Ш.,Асроров М. маҳфузгарони таърих.-Душанбе:Ирфон,2010.-272 с.
[135] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.2 саҳ 5
[136] Одинаев С., Ф.Азизов Ф. Ҳисори Шодмон: аз бостон то ин замон. Оид ба таърихи Ҳисор ба ифтихори ҷашни 3000 – солагии Ҳисор.Душанбе, 2013.
[137] Асроров М.Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ.-Душанбе:Ирфон,2014-200 саҳ.

Қаратоғ, (баъдан Шаҳринав), Ҳисор, Лақай-Тоҷик (ҳоло Рӯдакӣ), Варзоб, Ёвон, Янгибозор (ҳоло Ваҳдат), Файзобод, Обигарм ва Фахрободу Норак дар ҳудудаш буданд, дар давараи баркароркунии Ҳокимияти Шӯравӣ, яъне солҳои бистуми асри бист маълумот медиҳад. Китоб се самти муҳимро дар бар мегирад. Аввал, муаллиф аз нуктаи назари бойгондорӣ дар хусуси фаъолияти ташкилотҳои амалкунанда ва шакли иттилоотии он, теъдоди ҳуҷчатҳо ва санаҳои канории ҳуҷчатҳо ахбороти зарурӣ пешниҳод менамояд. Дуюм, дар асоси хуҷчатҳои муътамади таърихӣ ташкилёбии сохтор, самти фаъолият ва барҳамхӯрии онҳоро дар маълумотномаи таърихӣ инъикос намуда, хонандагонро ба ҳодисоту рӯйдодҳо шинос месозад. Сеюм, бо мақсади исботи далелҳои раднашаванда нусхаи баъзе ҳуҷҷатҳо дар шакли асл ва тарҷумаи он ба забони давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Маводҳои бойгонӣ роҷеъ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, роҳсозӣ, обёрӣ ва фаъолияти кормандони он, ки аз ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии дигар ташкилотхо, хусусан Комитети Иҷроияи вилоят, баъдан округи Ҳисор гирифта шудаанд, дар бахши ҷудогона манзури хонандагон гардонида шудааст.Тафсилоти ҳуҷҷатҳо дар китоби мазкур ба таври соҳавӣ гурӯхбанадӣ шудаанд. Ин тарзи корбаст барои ҳарчӣ бештару хубтар омӯхтани ҳуҷҷатҳо мувофиқ буда, истифодабарии ҳуҷчатҳои хазинаи бойгониро осон мегардонад. Китоби мазкур ба муҳаққиқон, омӯзгорону донишҷӯён, рӯзноманигорон, бойгоншиносону муаррихон, кормандони ҳифзи ҳуқуқу иҷтимоиёт, маориф, дӯстдорони таърих ва умуман доираи васеъи хонандагон тавсия шудааст.

Бахшида ба сафарҳои расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Ҳисор, китобчаи Ф.Одинаев таҳти унвони «Қудуми файзбор»[138] чоп гардид. Сипас китоби М.Мирсаидова ва М.Асроров «Ҳисор дар масири таърих»[139] нашр шуд, ки маълумотҳои зиёдеро дар бораи Ҳисори куҳан ва ҷадид пешкаш намудааст.

---

[138] Одинаев Ф.Қудуми файзбор. Бахшида ба сафарҳои расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Ҳисор.-Душанбе,2015.
[139] Мирсаидова М.,Асроров М.Ҳисор дар масири таърих..- Душанбе,2015.

Ҳамон сол муаллифон С.Одинаев, Ҳ.Назаралӣ, Ф.Азиз ва А.Ҳамдамӣ энсиклопедияи Ҳисорро тахти унвони «Донишномаи Ҳисор»[140] интишор намуданд. Дар таҳияи он муаллифон аз ҳуҷҷатҳои Филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор фаровон истифода намуданд. Ҳамин сол албоми «Ҳисор 3000»[141] дар таҳияи Ф.Азизов, Ҳ.Холов ва Ҳ.Ашӯров чоп ва дастраси ниёзмандон гардид.

Соли 2016 бошад ду китоб - «Махзани ҳофизаи кишвар»[142] - муаллифон Д. Мирсаидова, Ф. Одина ва «Иҷлосияи тақдирсоз»[143]- муаллифон Лангарӣ Ҷ.С ва Обидов Р. бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расиданд.

Соли 2018 китоби Ҷ.С.Лангарӣ ва Р.Ҳ.Обидов тахти унвони «Бойгонӣ-ганҷинаи таърих», ки ба 55- солагии Филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор бахшида шуда буд, аз чоп баромад. Муаллифон кӯшидаанд, дар китоби мазкур доир ба пайдоиши аввалин бойгониҳо дар Тоҷикистон, аз таъсиси нахустин бойгонии давлатӣ дар Тоҷикистон ва рушди бойгониҳо дар замони истиқлолияти давлатӣ истода гузаранд. Дар китоб ҳамчунин оиди фаъолияти сардорони Саридораи бойгонӣ дар давраи истиқлолият ва директорони филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ва кормандоне, ки дар филиал кору фаъолият намуда, саҳми босазои худро дар соҳаи бойгонидорӣ гузоштаанд, то қадри имкон маълумот диҳанд. Бояд гуфт, ки дар замони истиқлолият, бинои филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор дар арафаи 3000-солагии Ҳисори Шодмон аз нав таъмир гардид. Китоб инчунин хонандагону таҳқиқотчиёнро бо корҳои анҷомдодаи филиали Бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор дар зарфи 55 сол ошно менамояд. Муаллифони китоби мазкур хамзамон роҷеъ ба фаъолияти Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии маркази

[140] Одинаев С.,Назаралӣ Ҳ.,Азиз Ф.,Ҳамдами А.Донишномаи Ҳисор.Энсиклопедияи Ҳисор.-Душанбе,2015.
[141] Ҳисор – 3000.Албоми ҷашнӣ.-Душанбе,2015.
[142] Мирсаидова Д.,Одина Ф.Махзани ҳофизаи кишвар.-Душанбе,2016.
[143] Иҷлосияи такдирсоз.-Душанбе,2016.

давлатии Тоҷикистон ва филиали он дар шаҳри Ҳисор, саҳми роҳбарону кормандонашон дар ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи бойгониҳо маълумот медиҳанд. Китоб ба донишҷӯён, мутахассисони соҳа ва бойгоншиносон дар мукаммалсозии донишу малака кӯмак хоҳад расонд. Охирин китоб дар ин мавзӯъ, соли 2019 таҳти унвони «Саҳифаҳои таърихи бойгонӣ»[144] ба чоп расид. Китоби мазкур таърих, ташаккул, сохтор ва фаъолияти Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгониҳои марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиалҳои онҳоро фарогир буда, дар асоси санадҳои наву муътамаднок омодаи чоп гардидааст ва маълумотҳои арзишмандро доир ба сохторҳои бойгонӣ, ислоҳот ва вазифаҳои марбути соҳа, ҳамчунин аксҳои таърихиро дар бар гирифта, хонандагон ва таҳқиқотчиёнро бо таърихи пайдоиш, ташаккул ва фаъолияти роҳбарон, баъзе ашхоси дигари хизмати назаррас карда шинос менамояд ва ба онҳо барои таҳқиқи таърихи навтарини халқи тоҷик кӯмак менамояд. Китоби мазкур дар асоси маводҳои эътимоднок бо фарогирии маълумотҳои зиёд роҷеъ ба бойгонию бойгоншиносӣ омода гардида, аз он кормандони бойгонӣ, пажӯҳандагони соҳаҳои мухталиф, олимон, таърихнигорон, кишваршиносон, омӯзгорону донишҷӯёни мактабҳои олию коллеҷҳо, омӯзгорони мактабҳои миёна, ҳамзамон оммаи васеи хонандагон ҳамчун дастури муфид истифода бурда метавонанд.

Ҳамин тавр, истиқлолияти давлатӣ ҳамчун як дастоварди беназир имконият фароҳам овард, ки дар хусуси фаъолияти бойгониҳои давлатии Тоҷикистон дар даврони шӯравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ як силсила асару мақолаҳои арзишманд аз ҷониби муҳаққиқон ба табъ расад. Чи тавре, ки ҳангоми таҳқиқ маълум гардид, дар ин асару мақолаҳо таърихи пайдоиш, рушди босуръат ва таркиби хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Бойгонии марказии давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор беғаразона ва холисона таҳлил накарда, наомӯхтаю аз вай сабақ

[144]Лангарӣ Ҷ С., Обидов Р. Саҳифаҳои таърихи бойгонидорӣ (дирӯзу имрӯз). Душанбе, «Промэкспо», 2019, 176 саҳ.

набардошта чамъиятро пеш бурдан аз имкон берун аст. Дар китобҳо, баромаду маърӯза ва паёмҳои Пешвои миллат, Президенти мамлакат, мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон ин нукта борҳо таъкид карда шудааст. Таҳлил ва хулосабарориҳо нишон дод, ки дар асарҳои зикршуда, муаллифон, олимону бойгоншиносони шинохтаи ҷумҳурӣ бевосита аз хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ба таври васеъ истифода бурда, мазмуну муҳтавои илмии онҳоро сайқал додаанд ва шумораи зиёди ҳуҷҷатҳоро бори нахуст ба доираҳои илм ворид намудаанд.

Муаллифон оид ба пайдоиши аввалин бойгониҳо дар Тоҷикистон, фаъолияти Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон ва филиали он дар шаҳри Ҳисор, саҳми роҳбарону кормандонашон дар хубтар ба роҳ мондани кори соҳа мухтасаран маълумот додаанд. Китоб бобати васеъкунии дониши хонанда роҷеъ ба бойгоншиносӣ кӯмак менамояд.

Бе ягон шубҳа бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки бойгонӣ ганҷинаи бебаҳои хотираи таърихии халқу миллат ба шумор меравад. Бо гузашти айём бо пешравию комёбиҳо, тараққиёту инкишоф, камбудию норасоиҳои вуҷуддошта, ҳар давру замон ба саҳифаҳои таърих ворид мегарданд. Агар ба гузашта мо аз рӯи маводҳои таърихӣ бахо диҳему онро таҳлил намоем, ояндагони баъди мо ҳаёти ҷамъиятиро аз ҳуҷҷатҳои махфузмондаи имрӯза меомӯзанд. Ҳар лаҳзаи ҳаёт худ таърих аст, хоса агар он дар асоси ҳуҷҷатҳо баррасӣ гардида, маҳфуз нигоҳ дошта шавад.[145]

Дар бораи Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, дар асоси маводҳои он корманди ин бойгонӣ Т.С.Расулов ҳангоми фаъолият дар ин соҳа дар маҷаллаи «Ҳисори зарнисор», рӯзномаҳои «Минбари халқ», «Ҳисори Шодмон» чандин мақолаҳо таълиф намудааст.

[145]Одина С. Хазинаи бебаҳо //Неъматова Ш. Аасроров М. Маҳфузгарони таърих.-Душанбе:Ирфон.2010.-С. 6-7.

Яке аз шаклҳои созмондиҳии истифодабарии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ин созмондихии намоишхо, омодасозии фотоалбомҳо, нашри лавҳаҳо мебошад. Дар ин кор низ Филиал корҳои зиёде анҷом додааст.

Дар бинои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор утоқи алоҳидаи намоиши доимӣ ташкил ва дар он ҷо ҳуҷҷатҳои таърихию намоишӣ бо аксҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба сафарҳои расмии ӯ дар минтақаи Ҳисор, акс ва маводҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз минтақаи Ҳисор Чӯтак Уразов, Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ, ҷевони намоишии алоҳида бо аксҳои хотиравии кормандони соҳаи бойгонӣ ва китобҳое, ки бо истифода аз маводҳои хазинаи бойгонӣ омода ва нашр шудаанд, ба намоиш гузошта шудааст.[146]

Ҳамин тариқ, вазифаҳои муҳимми бойгонӣ ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳо, таъмини бехатарӣ ва мавриди истифода қарор додани хазинаҳои бойгонӣ маҳсуб меёбад. Дар хазинаҳои Филиал хуҷҷатҳои дорои ҷанбаи сиёсӣ, илмӣ, таърихӣ, маданӣ, маишӣ ва ғайра, ки аз ҷониби корхонаю муассисаҳо, шахсони алоҳида ба хазинаҳои бойгонӣ интиқол меёбанд, мавриди ҳифз ва нигаҳдорӣ қарор гирифтаанд. Дар хазинаҳо системаи ҳавотозакунӣ, ҷевонҳо ва рафҳо мавҷуданд. Коғаз аз таъсири рушноӣ фарсуда мегардад. Барои ин дар хазинаҳои бойгонӣ тирезаҳоро бо матои зард рӯпӯш менамоянд. Чангу ғубор намуди зоҳирии ҳуҷҷатро вайрон намуда, аксаран истфодаи онҳо ғайриимкон мегардонад. Бинои Филиал бо ноқилҳои зудэҳсоси зидди сухторӣ, асбобхои сухторхомушкунӣ, салқинкунакҳо ва воситаҳои посбонӣ таъмин гардидаст. Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Филиал ин корҳои илмӣ - методӣ ва ахборотӣ мебошад. Ҷустуҷуи бойгонӣ - интихоби бойгониҳо ва хазинаҳо тавассути «Роҳнамои бойгониҳо» амалӣ мегардад. Дар Филиал феҳристҳо мақоми шоиста доранд. Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии филиал

[146] Мардон Р. Кохи ҳуҷҷатҳои муқаддас. Душанбе: Балоғат, 2013. С. 119.

созмондиҳии истифодаи маводи бойгонӣ мебошад. Аз оғози солҳои 90-ум то имрӯз аз ҷониби муаррихон, олимони соҳаҳои мухталиф, рӯзноманигорон, муаллифони алоҳида дар асоси ҳуҷҷатҳои боэътимоди таърихии Филиал зиёда аз 20 рисола, китобу ҷузваҳои пурмуҳтаво чоп шудаанд. Таҳқиқот нишон дод, ки дар ин асарҳо масъалаҳои муҳимми таърихи таъсисёбии ноҳия, ҳудудҳои марзию маъмурии ҷамоатҳо, таркиби миллии аҳолӣ, бунёди корхона, ташкилот, муассисаҳо, заводу фабрикахо, сехҳо, муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ, корхонаҳои бузурги агросаноатӣ, сохтмони Канали Калони Ҳисор мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

### 2.3. Санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси (экспертизаи) арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар бойгонии минтақавии Ҳисор

Зери мафҳуми ташхиси қимати илмии ҳуҷҷатҳо омӯзиши ҳуҷҷатҳо дар асоси маҳаки (критерияи) қимати онҳо бо мақсади муайянсозии муҳлатҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо ва хостагирии онҳо фаҳмида мешавад.Дар фаъолияти бойгонӣ ин яке аз муҳимтарин ва масъултарин равандҳои кор бо ҳуҷҷатҳо маҳсуб шудаба баҳодиҳии сарчашмашиносии онҳо ҷамъбаст мегардад.Аҳамияти ташхис аз он иборат аст,ки муайян созад,то кадом ҳуҷҷатҳо нисбатан пурра мақсадҳои таъмини давлат,илм ва ҷомеъа, инчунин ашхоси алоҳидаро ба ахбори зарурӣ таъмин карда метавонанд.[147]

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар бойгони минтақавии Ҳисор санҷиши микдорӣ ва сифатӣ аз рӯи қимматнокии ҳуҷҷатҳои хазинаҳо ба се дараҷа тақсим мешаванд.

Хазинаҳои дараҷаи якум, ки маводҳои нисбатан қиммат ва дар баробари ин мунтазам истифодашавандаро дар бар мегиранд, ба монанди тавозунҳои давлатӣ, ҳисоботҳои мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлати, қарорҳои раисони ҷамоатҳои деҳоти шаҳрҳои

[147] Муҳиддинов С.,Каримов М.Бойгонишиносӣ.-Душанбе,2009.-С.27

Ҳисору Турсунзода ва Шаҳринаву Варзоб мебошанд. Санҷиши мавҷудияти ҳуҷҷатҳо дар 10 сол як маротиба гузаронида мешавад. Санҷиши мавҷудияти ҳуҷҷатҳои хазинаҳои дараҷаи дуюм ва сеюм, ки ҳуҷҷатҳои ҳайати шахси ва ҳуҷҷатҳои нигоҳдориашон муваққати ва дарозмудат аст, ба монанди фармоишҳои ҳайати кадри, фармоишҳои рухсатии меҳнати дар 15 сол як маротиба ва ҳуҷҷатҳои ниҳоят арзишнокро ки китобҳои иҷлосияи вакилон ва қарорҳои шаҳру ноҳияҳои дар боло зикр гардида ташкил медиҳанд дар 5 сол якбор гузаронида мешавад.

Санҷиши миқдори ҳуҷҷатҳо аз тарафи кормандони филиал ва комиссияҳои аз тарафи сарвари муассиса таин карда шуда гузаронида мешавад.[148]

Пас аз натиҷаи санҷиш санад тартиб дода мешавад(оид ҳар як хазина дар алоҳидагӣ). Баъди тасдиқ шудани санад санҷиши мавҷудияти ҳуҷҷатҳо аз рӯи ҳамин санад (ғайр аз нуқтаҳои маводҳои ҳуҷҷатии таъмир талаб ва пайдонашудаи ҳуҷҷатҳои мӯҳлати нигаҳдориашон доимӣ) дар ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ дар асоси қонун тағйиротҳо дохил мекунанд. Санҷиш бо мақсади муайян кардани натиҷаи санҷиши қаблии миқдорӣ (санад ва варақаҳои санҷиши боқимонда) ва ҷустуҷӯи маводҳои ҳуҷҷатӣ (дурустии рақами ҳуҷҷатҳо ва қайдҳои иловагӣ дар феҳрист, мувофиқатии қайди ҷамъбастӣ бо феҳристи миқдори ҳуҷҷатҳо дар варақаи фонд) гузаронида мешавад. Санҷиш бо роҳи дида баромадани маводҳои нашргардидаи феҳрист бо қайдҳои зайл дар муқоваи ҳуҷҷатҳо рамзи ҳуҷҷат, номи таъсискунандаи хазина ва таркиби қатории он, рақамҳои тартибии коргузорӣ, сарлавҳаи ҳуҷҷат, миқдори варақҳо гузаронида мешавад.

Ҳуҷҷатҳое, ки муваққатӣ барои истифодабарӣ дода шудаанд, дар филиал аз рӯи китоб ва санади додани ҳуҷҷатҳо санҷида шуда, ҳуҷҷатҳои мавҷуда ҳисоб карда мешаванд. Ҳолати физикии онҳо (ҳолати қоғазҳо,

---
[148]ФБМДҶТ дар ш.Ҳисор ХБ№ 56, р.1.п142.

таъсири ҳашаротҳои зараровар, рутубат, гармӣ, хунукӣ, рушноӣ) бо усули санҷиши онҳо муайян мегардад.

Тамоми камбудиҳои муайяншуда дар варақаи санҷиш қайд карда мешаванд, ки он чун ҳуҷҷати корӣ ва санае, ки баъди муҳокимаронӣҳо ва ислоҳ кардани баъзе масъалаҳои ҳангоми санҷиш ба қайд гирифташуда ба ҳисоб меравад. Дар асоси қайди ҷамъбаст дар ҳар сутуни вараҳи санҷиш санад тартиб дода мешавад. Қайди иловагӣ ва навиштаҷоти зиёдатӣ дар феҳрист ва дигар маводҳои ҳисоботӣ роҳ дода намешавад. Ҳангоми санҷиши миқдорӣ ва сифатии маводҳои ҳуҷҷатии хазина унсурҳои зайл муайян мегарданд: миқдори маводҳои ҳуҷҷатҳо мувофиқи қоидаи феҳристи ба миқдори ҳуҷҷатҳо воридшуда, инчунин ҳуҷҷатҳои қайднашуда; сифати қайди ҷамбасти озод, такрорӣ ва рақамҳои қайднагардидаи ҳуҷҷатҳо; миқдори ҳуҷҷатҳое, ки ба дигар хазина мутаалиқанд, миқдори ҳуҷҷатҳое, ки ба таъмир ниёз доранд, дезинфексия, барқароркунии матнҳои хирашуда аз байнрафта, муқовабандӣ ё дӯхтан, инчунин миқдори маводҳои ҳуҷҷате, ки таъмирашон ғайриимкон аст. Санҷиши мавҷудият имконияти ҳуҷҷатҳои ба дигар феҳрист нодуруст ҳамроҳшударо муайян мекунад (нодуруст муайян кардани хазина, ё ҳуҷҷате, ки ба соли муаяншуда рост наомадааст). Пеш аз он ки ба санҷиши ҳаматарафаи ҳуҷҷат оғоз карда шавад, бо ҳолати физикии маводҳои ҳуҷҷатӣ пурра шинос шудан зарур аст. (санадҳо оиди супурдани ҳуҷҷат, санадҳо оиди ҷудокунии маводҳо барои нобудкунӣ ва ғайра).

Дар дохили филиал шӯрои озмоиши таркиби идора, ташкил дода шудааст, ки азнавташкилдиҳӣ, вазифа ва фаъолияти ҳар як қисмати таркибӣ, робитаи байниҳамдигарии онҳо, ташаккули фаъолият дар ташкилот ва ғайраро меомӯзад.Чунин шакли қайд имконият медиҳад, ки қайдҳои аз ҳама муҳиме, ки фаъолияти муассисаро пурратар нишон медиҳанд, аз байни доираи зиёди масъалаҳои ба идора вобасташуда ҷудо карда шаванд.

Ҳамин тариқ, Шӯрои мазкур имкон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳоро ба гурӯҳи арзишнокии илмӣ ва гурӯҳи аҳамияти маълумотдиҳӣ тақсим намуда, мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои гурӯҳи дуюмро муайян гардонанд. Инчунин он барои дар кадом қисмати таркибӣ пайдо шудани ҳуҷҷатҳое, ки масъалаҳои асосии фаъолияти идораро инъикос мекунанд ва кадом ҳуҷҷатҳо аҳамияти дуюмдараҷаро муайян мекунанд, мусоидат мекунад. Таҳриргар бояд миқдори ҳуҷҷатҳои зиёди дар фаъолияти идоракунӣ дар идораи мушаххас ва дар маҷмӯъ дар система пайдошударо хуб дарк карда тавонад. Ин қайдҳо ба озмоишгар имкон медиҳанд, ки шакл ва навъҳои ҳуҷҷатҳоро бо иттилооти такрорӣ муайян созад ва аҳамияти онҳоро барои он қисматҳои таркибӣ ё идора, ки дар он пайдо шудаанд низ муқаррар намояд[149].

Таҷрибаи фаъолияти амалӣ ба бойгоншинос имкон медиҳад, ки аҳамияти фаврии ҳуҷҷатҳоро муайян намуда, мӯҳлати нигоҳдории онҳоро низ нишон диҳад. Вале барои бойгоншинос он чиз низ муҳим аст, ки ба ҳуҷҷатҳо аз нуқтаи назари таърихшинос назар андозад, аз нуқтаи назари он ки ҳуҷҷат барои тадқиқотчӣ ҳамчун санҷиши арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар якчанд давра амалӣ мегардад. Давраи якум, баҳо додани ҳуҷҷат ҳангоми пайдоиши он. Дар ин давра имконияти муайянкунии мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои гуногун нишон дода мешавад. Баҳодиҳии қаблии ҳуҷҷатҳо дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти идоракунӣ ва ҳуҷҷатнигории онҳо ба амал баровардa мешавад. Натиҷаи онҳо дар мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳо инъикос мегарданд, ки дар номгӯи ҳуҷҷатҳо омадаанд.

Дар қисмати таркибӣ ҳангоми пайдошавии парванда мӯҳлати нигоҳдории онҳо муайян карда мешавад. Дар охири ҳар як сол, ҳангоми супоридани ҳуҷҷат ба бойгони муассиса зарурати ҷудокунии онҳо ба гурӯҳҳо ва мутобиқгардонии онҳо барои нигоҳдории дарозмуддат ба миён меояд. Барои нигоҳдории доимӣ ва дарозмуддат ҳуҷҷатҳо ба

[149] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 364,Р.1,П.15 саҳ 22

бойгонҳои идора аз рӯи феҳрист супорида мешаванд (барои ҳуҷҷатҳои мӯҳлати нигоҳдориашон то даҳ сол мумкин аст рӯйхат тартиб дода шавад).

Маводҳои аҳамияти маҳдуди маълумотдиҳанда (то панҷ сол) аз рӯи номгӯи ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта мешаванд ва бо анҷомёбии мӯҳлати нигоҳдориашон дар қисмати таркибӣ нест карда мешаванд. Дар давраи дуюм дар бойгони муассиса барои несткунӣ тамоми парвандаҳои мӯҳлати нигоҳдориашон муваққатӣ бо анҷомёбии мӯҳлати истифодабарии амалиашон пешниҳод мегарданд ва масъалаи ҷудокунии ҳуҷҷатҳо барои супурдан ба бойгони давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Санҷиш дар бойгони муассиса метавонад чун қисмати таркибии раванди дигари кор бо ҳуҷҷатҳо ҳамчун шакли мустақили кори бойгонӣ ба ҳисоб равад. Дар навбати аввали санҷиш мураттабан аз рӯи воридшавии маводҳо ба қисмати таркибӣ гузаронида мешавад, дар навбати дуюм вобаста ба ҳолати маводҳо ва зарурати банизомдарории онҳо гузаронида мешавад.

Маводҳои аҳамияти маҳдуди маълумотдиҳанда (то панҷ сол) аз рӯи номгӯи ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта мешаванд ва бо анҷомёбии мӯҳлати нигоҳдориашон дар қисмати таркибӣ нест карда мешаванд. Дар давраи дуюм дар бойгони муассиса барои несткунӣ тамоми парвандаҳои мӯҳлати нигоҳдориашон муваққатӣ бо анҷомёбии мӯҳлати истифодабарии амалиашон пешниҳод мегарданд ва масъалаи ҷудокунии ҳуҷҷатҳо барои супурдан ба бойгони давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Санҷиш дар бойгони муассиса метавонад чун қисмати таркибии раванди дигари кор бо ҳуҷҷатҳо ҳамчун шакли мустақили кори бойгонӣ ба ҳисоб равад. Дар навбати аввали санҷиш мураттабан аз рӯи воридшавии маводҳо ба қисмати таркибӣ гузаронида мешавад, дар навбати дуюм вобаста ба ҳолати маводҳо ва зарурати банизомдарории онҳо гузаронида мешавад.

Усули санҷиш талаб мекунад, ки омӯзиши ҳуҷҷат аз қисмати таркибӣ

ва асосии идора ва дар ҳудуди ҳар як қисмати таркибӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои характери умумии идоракунӣ дошта оғоз гардад. Бинобар ин диққати асосӣ ба ҳуҷҷатҳое дода мешавад, ки ҳангоми ташкилшавии идора, азнавташкилдиҳии он, инчунин аз вазифаи асосии дар идора иҷрошуда пайдо шудаанд. Дар қисматҳои таркибии идора, зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои дорои иттилооти такрорӣ бударо пешниҳод намоянд, ки он барои ҷудокунии онҳо дар несткунӣ ё нигоҳдории онҳо дар таркиби хазинаи бойгонӣ лозим аст.

Дар бойгони идоравӣ, ки ба нигоҳдории тамоми ҳуҷҷатҳои ҷузъҳои сохтори идораҳо машғул мебошад, санҷиши тамоми хазинаҳо дар маҷмӯъ гузаронида мешавад, вале омӯзиши онҳо аз хазинаи марказӣ ва системаи муассисаҳои асосӣ оғоз мегардад. Баҳодиҳии ҳамаҷонибаи ҳуҷҷатҳо корро оид ба пешбарӣ ва барҳамдиҳии нусхаи дигари дохилимуассисавӣ осон мегардонад.

Давраи сеюми ташхис - ҷудокунии охирини ҳуҷҷатҳо барои нигоҳдории доимӣ ба ҳисоб меравад. Он ҳангоми пуркунии фаъолияти бойгонҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Вазифаи ташхисгар дар ин давра пеш аз ҳама раҳо ёфтан аз нусхаи дигари байнимуассисавӣ буда, баъдан муайянсозии хазинаҳои бойгонӣ, ки таркиби он бояд барои нигоҳдорӣ дар бойгонҳои давлатӣ ҳуҷҷатҳои дорои иттилооти такроридошта дохил мешуданд, ба ҳисоб рафта, инчунин муайянкунии дараҷаи ҳуҷҷатҳои дорои нусхаи иловагӣ буда ба мисли ҳуҷҷатҳои нақшавӣ, ҳисобот, тақсимкунанда, барқароркунии пуррагии нигоҳдории хазинаҳои бойгонӣ ва дар лаҳзаи мавҷуд набудани як қисмати ҳуҷҷатҳо қайд кардани роҳҳои пурракунии онҳо ба ҳисоб меравад.[150]

Иҷрои ин масъалаҳо ҳангоми пешниҳоди якбора барои санҷиши ҳуҷҷатҳои якчанд ташкилоти аз ҷиҳати фаъолият якхела ё ба ҳам тобеъбуда ва робитаҳои дигари таърихӣ бо роҳи арзиши маҷмуавии ҳуҷҷатҳои хазинаҳои бойгонӣ ба роҳ монда мешавад.

---
[150] Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. С. 123.

Санҷиши якҷоя яке аз роҳҳои ба вуҷуд овардани муносибати доимӣ ба санҷиш ба ҳисоб меравад. Муносибати системавӣ гузаронидани санҷиши системаи муассисавй ва соҳавии ҳуҷҷатҳо, инчунин ҷудокунӣ дар ҳамаи дараҷаи зерсистемаҳои идоракунии тақсимотӣ-ташкилӣ, нақшавӣ, баҳисобгирӣ-ҳисоботӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро талаб мекунад.

Ҳангоми баҳогузории умумии санҷишӣ хазинаҳои муассисаҳои якхела, идораҳои системаҳои ҷудогона ва идораҳои аз ҷиҳати фаъолияти нуқтаи назар ба ҳам алоқаманд, бо таъиноти мақсаднок ва тобеият дучор мегарданд. Наздик будан, фаъолияти монанди муассисаҳо характери ҳуҷҷатҳои онҳо, мазмуни онҳо, шакл ва навъҳо, таъсисёбӣ дар хазина, тартиби пайдошавӣ ва ҷойгиршавӣ дар хазинаҳои идораҳои болоӣ ва зермуассисавиро муайян мекунад. Ҳуҷҷатҳоро аз рӯи система омӯхта, ҳуҷҷатҳои дорои иттилооти такрориро хеле осон ҷудо кардан мумкин аст ва инчунин муайянкунии дараҷаи ҳуҷҷатҳои пайдонагардидаро низ осон мегардонад.

Баҳогузории умумии ҳуҷҷатҳои ҳамаи системаи идораҳо, ки барои пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои дорои иттилооти такрорӣ ва муқоисакунии онҳо байни ҳамдигар имконият дода, танҳо баъдан масъалаи нигоҳ доштан ё нест кардани онҳоро бояд ҳаллу фасл намуд. Дар охир ҳангоми санҷиши умумӣ барои пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои пайдонагардида ва пурра сохтани онҳо аз ҳисоби маводҳои якхелаи хазинаҳои монанд ва ё дигар хазинаҳои системаи идораҳо мушкилие вуҷуд нахоҳад дошт.

Баҳогузории умумиро чун хазинаи идораҳои болоӣ ва поёнии як система, инчунин хазинаҳои ташкилоту идораҳои якхела ҳисобидан мумкин аст. Дар бойгонҳои марказии давлатӣ, ки маводҳои давраи шӯравиро нигоҳ медоранд, мумкин аст, ки санҷиши маҷмӯавии хазинаҳои вазоратҳо ва идораҳои ба онҳо тобеъ гузаронида шаванд.[1]

Кормандони филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор дар маҷмӯъ пеш аз ҳама бояд ҳуҷҷатҳои

---

[1] Основы правила работы государственных архивов. М., 1962. - с. 49

идораҳоеро баҳогузорӣ менамоянд, ки ба ҳамдигар вобастагие доранд ва ба системаи ҷудогонаи муассисавӣ мансуб мебошанд. Чунин тарзи гузаронидани санҷиш хазинаҳои идораҳои болоиро аз нусхаҳои ҳуҷҷатҳои асоси (ба монанди суратмаҷлисҳо, нақшаҳо, ҳисоботҳо ва ғ.) идораҳои тобеъ озод мекунанд ва дар сурати пайдо нашудани ҳуҷҷати асосӣ дар хазинаи идораи тобеъ, зарур аст, ки онҳоро аз ҳисоби нусхаи ҳуҷҷатҳо пурра намоянд. Санҷиши чунин маҷмӯи соҳавӣ пешниҳодкунии ҳуҷҷатҳои асосиро осон мегардонад. Барои дигар бойгониҳои давлати ва бойгониҳои вилояти чунин тавсияҳо дода мешавад, ки аз чунин таҷриба истифода намоянд.

Ба маҷмӯи аҳаммияти соҳавӣ шӯъбаи нигаҳдории тандурустии вилоят ва тобеъ будани идораҳои вилоятӣ ба он ба монанди беморхона, стансияи эпидемиологӣ-санитарӣ мисол шуда метавонанд. Ба санҷиши маҷмӯӣ хазинаҳои шӯъбаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ низ ниёз доранд, чун ки дар бойгонии минтақавии Ҳисор хазинаи бойгонии Вилояти Сталинобод, ки баъдтар номи вилояти Ҳисорро гирифт бо чунин тарз мавриди санҷиш ва баҳогузори қарор гирифтааст[151]

Ҳуҷҷатҳои шӯъбаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамеша дар хазинаи шӯъбаи идораҳои соҳавӣ дар системаи марказонидашудаи идоракунии дастгоҳи давлатӣ ҷой дода мешаванд. Ба ғайр аз ин, бояд мунтазам санҷиши умумӣ дар хазинаҳои мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамаи шӯъбаҳои соҳавӣ гузаронида шавад.[152]

Баҳогузории маҷмӯавӣ инчунин дар хазинаҳои идораҳои аз ҷиҳати фаъолият якхела, ки пайдоиш ва фаъолияташон дар ҳудуди муайян ба роҳ монда шудааст, аз қабили маводҳои макотиби таҳсилоти умумӣ, беморхона, муассисаҳои бачагона ва фарҳангӣ, ки онҳо ба тариқи интихобӣ ба бойгонии минтақави Ҳисор ворид мегарданд. Интихоби хазина ё дараҷаи ҳуҷҷатҳои ба нигоҳдорӣ дар бойгони давлатӣ

[151] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.2 саҳ 54-55 (асл)
[152] Асроров М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ. – Душанбе: Инфон, 2014. С. 123.

ниёздошта, танҳо дар шароити арзёбии ҳуҷҷатҳои ҳамаи гурӯҳҳои идораҳои якхела ба роҳ монда мешаванд. Санҷиши чунин маҷмӯи соҳавии ҳуҷҷатҳо метавонад таркиби пурраи ҳамаи идораҳои тобеъ (мактаб) ба хазинаи идораҳои болоиро (шӯъбаи маорифи ноҳия) таъмин намояд.

Дастурҳои услубӣ, дар асоси дониши чуқури таърихи муассиса (хазинаофаранда), доираи таркиб ва мундариҷаи маводҳои онҳо, таърихи хазинаҳои бойгонӣ тартиб дода мешаванд. Ба ғайр аз ин ба ҳисоб гирифтани вазифа ва хусусиятҳои истифодаи ин ё он ҳуҷҷатҳо зарур аст. Яке аз нусхаҳои маълумоти таърихӣ дар парвандаи хазина нигаҳдорӣ карда мешавад.[153]

Дар кори бойгонӣ яке аз амалҳои асосӣ ва нисбатан масъулиятноки кор бо ҳуҷҷатҳо ба шумор меравад. Мақсади он баҳогузории манбавии ҳуҷҷатҳо ба шумор рафта, дар натиҷаи он пуркунии бойгониҳои давлатӣ бо ҳуҷҷатҳои пурарзиш ва ташаккули Хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровардa мешавад ва ин Хазина ҳамчун таҳкурсии ҳуҷҷатии илми таърихи халқи тоҷик ва дигар соҳаҳои донишҳои илмӣ ҳисоб мешавад.

Зарурияти гузаронидани экспертиза дар нобаробарии арзишнокии ҳуҷҷатҳо ҳамчун иттилооти сарчашмавӣ зоҳир мегардад. Як қисми ҳуҷҷатҳо дар худ иттилоотро оиди ҳаёти сиёсӣ, илмӣ ва мадании ҷомеа, тараққии хоҷагии халқ, кори дастгоҳи давлатӣ ва ғайраро доро мебошанд. Онҳо метавонанд, ки ҳамчун манбаъи омӯзиши соҳаҳои гуногуни дониш, соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷомеа хизмат намоянд. Аҳамияти иттилоотии дигар ҳуҷҷатҳо бошад, аз доираи мақсадҳои амалии хурди худ баромада наметавонанд. Ин ҳуҷҷатҳо масъалаҳои ташкилӣ, маъмурӣ ва хоҷагидориро инъикос намуда, фақат ба сифати таъмини фаъолияти таъҷилии муассиса хизмат мекунанд. Мақоми онҳо ба сифати сарчашмаи тадқиқоти илмӣ он қадар калон нест. Ҳуҷҷатҳое низ вомехӯранд, ки иттилоти онҳо дарҳол баъди ба вуҷуд омаданашон аз байн меравад.

---

[153] Митлеев К.Г. История и организации делопроизводства в СССР. –М., -1959. С. 59.

Ҳамин тариқ, дар ҳолати аз байн рафтани зарурият дар иттилоот, ҳуҷҷатҳо аҳамияти худро гум мекунанд, аз ин рӯ ҳуҷҷатҳо – сарчашмаи ибтидоии иттилоотро метавон нест кард. Ва баръакс, аҳамияти иттилоотӣ имконият медиҳад, то истифодаи дарозмуддати ҳуҷҷатҳо ба амал баровarда шавад ва ин боиси дароз шудани ҳаёти онҳо мегардад.

Мақсади экспертиза аз муайян кардани дараҷаи ҳуҷҷатҳои бештар ба таври пурра мақсади давлат, илм, ҷомеа, инчунин шаҳрвандони алоҳидаро бо иттилооти зарурӣ таъминкунанда, иборат аст.

Мӯҳлатҳои зарурии нигаҳдории ҳуҷҷатҳо дар ҷараёни экспертиза муайян шуда, ҳуҷҷатҳои дорои иттилоотҳои арзишнок бо ба охир расидани мӯҳлати истифодаашон дар фаъолияти таъҷилии муассиса, барои нигаҳдории доимӣ ба бойгониҳои давлатӣ супорида мешаванд. Маводҳои дорои маълумотҳои иттилоотӣ дошта, танҳо дар бойгониҳои идоравӣ бо назардошти мӯҳлатҳои эҳтимолии истифода, нигаҳдорӣ шуда, баъди ба охир расидани ин мӯҳлат барои несткунӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар муассисаҳо ҳуҷҷатҳо бо иттилотҳои қимматнок, аслан таносуби на он қадар калонро ташкил медиҳанд. Дар муассисаҳои марказии бо ҳаҷми калони гардиши ҳуҷҷатӣ, ҳуҷҷатҳои дорои аҳамияти таъҷилидор бештар мешавад, аз ин рӯ фоизи ҳуҷҷатҳои нигаҳдории доимӣ нисбатан кам мешавад ва баръакс дар муассисаҳои на он қадар калон, зиёд мегардад.

Ҳангоми гузаронидани экспертизаи арзишнокӣ пеш аз ҳама диққати асосӣ ба зоҳир кардан ва ҷудокунии ҳуҷҷатҳои аҳамияти илмӣ дошта дода мешавад. Муайян кардани ҳуҷҷатҳо бо иттилоотҳои арзишнок ва ҷудокунии онҳо барои супоридан ба бойгониҳои давлатӣ вазифаи асосӣ ва аввалиндараҷаи Экспертизаи арзишнокӣ ба шумор меравад. Барои ҳали ин мақсад, ба омӯзиш ҳам ҳуҷҷатҳои алоҳида ва ҳам маҷмӯи ҳуҷҷатҳои муассисаҳои алоҳида фарогир мешаванд (дар ҳолати алоқамандии сохторӣ, барои омӯзиш ҳуҷҷатҳои дигар муассисаҳо низ фаро гирифта мешаванд.

Омӯзиши хазинаи ҳуҷҷатӣ барои муайян кардани ду гурӯҳи асосии ҳуҷҷатҳо: ҳуҷҷатҳои дорои қиммати илмӣ ва ҳуҷҷҳои дорои аҳамияти

маълумотӣ дошта, мусоидат мекунад. Аммо бо ин чараёни муоина ба охир намерасад. Ҳуҷҷатҳои қиммати илмӣ дошта, дар ҳамаи муассисаҳои идора ба таҳлили муқоисавӣ зарурат доранд, чунки онҳо ба ҳамдигар монанд мешаванд ва баъди он ҷудокунии хотимавии ҳуҷҷатҳо ба бойгониҳои давлатӣ ба охир мерасад.

Вазифаи ҷудокунии ҳуҷҷатҳо ба бойгониҳои давлатӣ омӯзиши ҳаматарафаи вазифаи муассиса-хазинаофарандаро, талаб менамоянд. Вазифа, мақсад, доираи фаъолият, салоҳият ва дигар омилҳои ба муассиса хос барои муайян кардани мавқеи муассиса дар идора ё сохтории соҳа ва тақсимбандии муассисаҳо ба гурӯҳҳо аз рӯи дараҷаи аҳамиятнокӣ мусоидат мекунад. Бо назадошти нобаробарии арзишнокии ҳуҷҷатҳо чун сарчашмаи иттилоотӣ ҳангоми гузаронидани экспертиза, бояд ҳар як гурӯҳи хазинаҳо муайян карда шавад. Ин кор барои мақсаднокӣ ва бо танзимии он ҷараёнии экспертиза мусоидат менамояд.

Бо ҷудокунии ҳуҷҷатҳо ба бойгониҳои давлатӣ баъзе масъалаҳои пуркунии онҳо ҳал мешавад. Ҳангоми ҷудокунӣ, муайян кардани воридшавии таркибу дараҷаи хазинаҳо ва ҳуҷҷатҳо ба бойгониҳои давлатӣ муқаррар карда мешавад. Ба тавр дигар гӯем дар асоси экспертиза таркиби ҳуҷҷатҳои хазинаҳои бойгонӣ, вобаста ба соҳаҳои ҳар як бойгонӣ муайян мегардад.

Омӯзиши ҳуҷҷатҳо дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои арзишнокии онҳо бо мақсади муаян кардани мӯҳлати нигоҳдорӣ ва чудо карда гирифтани онҳо барои нигоҳдории давлати ташхиси арзиши ҳуҷҷатҳо номида мешавад.

Асоси меъёрию методии гузаронидани ташхиси арзишнокии ҳуҷҷатҳоро дар филиали бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор инҳо ташкил медиҳанд:

1. Ташхиси арзишнокии ҳуҷҷатҳо мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрию методии тасдиқ намудани Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

2. Мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои ба ҳайати Хазинаи бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шавандаро номгӯҳои ҳуҷҷатҳо, бо нишон додани мӯҳлати нигоҳдории онҳо, муайян менамояд.

Бо ин мақсад номгӯҳои намунавӣ ва соҳавӣ таҳия карда шудааст, ки ин номгӯй соли 2002 тасдиқ шудааст. Номгӯи намунавии ҳуҷҷатҳоро бо нишон додани мӯҳлати нигоҳдории онҳо Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ менамояд. Дар асоси номгуи намунавӣ вазорату идораҳо номгӯи дахлдори соҳавии ҳуҷҷатҳоро бо нишон додани мӯҳлатҳои нигоҳдорӣ таҳия намуда, бо мувофиқати Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд. Ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи хазинаофаранда ба вуҷуд меоянд, аз тарафи комисияи экперти баъд аз ба рӯихатгири ва таҳия дида баромада мешавад.

Ташкили ташхиси арзиши ҳуҷҷатҳо дар филиали бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Ҳисор дар ҳолатҳои зайл гузаронида мешавад:

-дар коргузорӣ ҳангоми ташкил кардани парвандаҳо тибқи феҳрасти тасдиқшудаи парвандаҳо;

-дар ҷараёни таёр кардани парвандаҳо барои супоридан ба нигоҳдории бойгонӣ.

Барои ташкил ва гузаронидани ташхиси арзиши ҳуҷҷатҳо дар ҷузъҳои сохторӣ ва ҷудо карда гирифтани онҳо барои супоридан ба нигоҳдории давлати филилали бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикстон дар шаҳри Ҳисор дар ташкилотҳо комиссияи ташхисии доимамалкунанда таъсис додааст.

Мувофиқи нақшаи дурнамои бойгонӣ ва нақшаҳои солона ҳар сол ҳуҷҷатҳои дар фаъолияти хазинаофаранда ба вуҷуд омада, аз КМТТМ Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, То инҷониб аз тарафи КМТТМ Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 59600 (панҷоҳу нӯҳ ҳазору шашсад ) парванда гузаронида шудааст.

Ҳамин тавр, санҷишҳои миқдорӣ ва сифатии қиматнокии ҳуҷҷатҳои Филиали бойгонии Давлатии ҶТ дар шаҳри Ҳисор мақоми шоиста дошта, имконият фароҳам овард,ки маводҳои нисбатан гаронбаҳо ва мунтазам истифодашавандаро пайдо намуда пешкаши таҳқиқотчиён намояд.

## 2.4. Шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқоти таърихи навини Тоҷикистон

Шарҳи хазинаҳои бойгонӣ ин маълумотномае мебошад, ки дар худ маълумотҳои мурратаб шудаи таркиб ва мундариҷаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои алоҳидаро бо таҳлили манбаъшиносиашон, бо мақсади иттилоърасонӣ ба муассиса, ташкилот, корхона ва ҷомеаи илмӣ оиди хусусият ва аҳамияти ин ҳуҷҷатҳо бо мақсади васеъ кардани доираи истифодаи онҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолияти ҷомеа, доро мебошад[154].

Маҷмӯи ҳуҷҷатҳо, ки маълумот оиди онҳо дар шарҳ ворид карда мешаванд, метавонанд байни ҳамдигар ё аз рӯи ягонагии баромад (мансубияти хазинавӣ), ё аз рӯи ягонагии мазмун (мавзӯъӣ) алоқаманд бошанд. Вобаста ба ин ду намуди шарҳ: шарҳи хазинаҳои бойгонӣ (хазинаҳои муттаҳида, коллексия) ва шарҳи мавзӯӣ ҷудо мешавад.

Шарҳи хазинаҳо – ин маълумотномаи бойгонӣ мебошад, ки дар онҳо иттилооти пай дар пай ва ҳаматарафа оиди таркиб ва мазмуни ҳуҷҷатҳои фақат як хазина нисбати ҳамаи мавзӯъҳо ва масъалаҳои инъикоси худро дарёфта бо таҳлили ин ҳуҷҷатҳо ҳамчун манбаъҳои таърихӣ, ворид карда мешавад[155].

Шарҳи мавзӯи ин маълумотномаи бойгонӣ мебошад, ки дар он иттилооти нишон дода шуда нисбати таркиб ва мазмуни ҳуҷҷатҳо оиди як мавзӯи муайян, новобаста аз он ки ин иттилоотҳо инъикоси худро дар

[154] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.2, саҳ 66(асл)
[155] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 364,Р.1,П.3 саҳ 6

маводҳои як ё якчанд хазинаи бойгонӣ ё ҳатто якчанд бойгонӣ дарёфтаанд, баррасӣ мегардад.

Шарҳи бойгонӣ ҳамчун намуди мустақили маълумотномаи бойгонӣ яку якбора ба вуҷуд наомадааст. Яке аз намунаҳои асосии он ин «тафсирот» ба шумор меравад, ки он дар баъзе бойгониҳои то инқилобии Россия мавриди истифода қарор дошт. Мақсаднокии тафсирот ин на танҳо кушодани мазмуну мундариҷаи ҳуҷҷатҳо, инчунин тадқиқи таърихии ин ё он муассиса ё ҳали масъалаи илмӣ дар заминаи манбаъҳои ҳуҷҷатӣ ба шумор мерафт. Аслан шакли асосии тасвир дар гузориши бевоситаи мазмун ва иқтибосоварӣ аз матни ҳуҷҷатҳо ошкор мегардид. Тафсирот асосан ба ҳуҷҷатҳои рӯйхат нагардида тартиб дода мешуданд. Мавҷуд набудани иттилоотҳои ҷустуҷӯӣ боиси душвориҳо дар ҷустуҷӯи маводҳои дар бойгониҳо маҳфӯз буда мегардид. Баъзе бойгонишоносон ин камбудии тафсирро дида, ба муқобили тартиб додани он баромад менамуданд ва онро ҳамчун як кори зиёдатӣ ва нолозим мешумориданд[156].

Бойгонишиносони шуравӣ бошанд тавонистанд, ки ҷои шарҳро дар дастгоҳи илмӣ-маълумотӣ муайян намуда, намуд ва услуби тартиб додани онро коркард намоянд.

Дар таҷрибаи бойгонидорони шуравӣ теъдоди нисбатан зиёди шарҳҳои мавзӯӣ ва хазинавии нашр шуда мавҷуд мебошад. Аммо бисёре аз онҳо ба талаботи имрӯзаи методӣ мувофиқ нест, ки ин боиси кам гардидани сатҳи илмии онҳо мегардад. Яке аз камбудиҳои паҳн гардида дар услуби тартиб додани шарҳҳо ин айният, такрорёбии пурра ё қисмани иттилооти дар дигар маълумотномаҳо мавҷуд буда, ба шумор меравад. Мураккабии услубӣ ва меҳнатталабии тартиб додани шарҳ ба ҳолати бойгониҳои давлатӣ номувофиқ аст, аз ин рӯ аксарияти бойгониҳо аз тартиб додани онҳо худдорӣ менамоянд[157].

Дар баробари ин вазифаи таъминоти иттилоотии илм аз тарафи бойгониҳо, талаб менамояд, ки нисбати ин намуди маълумотнома бештар

---

[156] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 365,Р.1,П.18 саҳ 2-3
[157] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 364,Р.1,П.16 саҳ 17

таваҷҷуҳ карда шавад. Бартарии шарҳҳо дар он аст, ки дар шарҳ нишон додани иттилоот дар шакли ҷамъбастӣ ё дақиқ имконпазир аст. Ғайр аз ин шарҳҳо, пеш аз ҳама мавзӯи метавонад, ки иттилотро оиди ҳуҷҷатҳои якчанд бойгониҳо диҳад. Ин бартарии шарҳҳо таваҷҷуҳи диққат мебошад, агарчи ҳоло ҳам он мавриди истифодаи пурраи амалӣ нагардидааст[158].

Интихоби хазина ё мавзӯъ барои шарҳ ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аҳаммияти нисбатан мубрам дорад.

Ҳали масъала оиди зарурияти тартиб додани шарҳ нисбати ин ё он хазина аз мақсад ва ҷои хазинаофаранда дар сохтори муасиссаҳои давлатии кишвар, инчунин мубрамияти ҳуҷҷатҳои он вобастагӣ дорад. Агар хазинаофаранда шахс бошад, пас мавқеъ ва аҳамияти онро дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангии давлат ба ҳисоб гирифт. Аз ин сабаб ҳангоми муайян намудани он ки ба кадом хазина бояд шарҳ тартиб дода шавад, пеш аз ҳама ахамиятнокии ҳуҷҷатҳо ва ҳуҷҷатгузориҳои онро ба назар гирифтан лозим аст. Дар ҳолати зарурӣ инчунин ҳаҷми маводҳои хазина ва дараҷаи истифодаи онҳоро дар тадқиқотҳои илмӣ низ ҳисоб кардан лозим аст. Тартиб додани шарҳ ба хазинаҳои нисбатан калон, вале кам омӯхташуда, тавсия карда мешавад. Дар мавриди кам будани ҳаҷми маводҳои маҳфӯз буда, истифодаи нисбатани онҳо ва ба таври васеъ ба гардиши илмӣ ворид намудан, зарурат ба тартиб додани шарҳ меафтад. Яке аз меъёрҳои нисбатан лозимӣ ҳангоми интихоби хазина барои тартиб додани шарҳ ин шумораи мавҷудияти парвандаҳои якнавъа ва мураккаб дар хазина ба шумор меравад. Тартиб додани шарҳ дар ҳолате махсусан муфид аст, ки агар дар хазина миқдори нисбатан зиёди парвандаҳо бо сарлавҳаҳои якнавъа мавҷуд бошад ва вақте ки мазмуни шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо мурракаб ва бисёрҷабҳа асту барои кушодашавӣ дар сарлавҳаҳои рӯйхат ворид намешавад (суратҷаласаҳо, стенограмма маърӯзаҳо, ҳисобот, мактубҳо)[159].

---

[158] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.2 саҳ 3 (асл)
[159] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ,П.16 саҳ 90

Дар чунин шароит аҳамиятнокии шарҳ ҳамчун маълумотномаи иттилоотӣ баланд мегардад, чунки вай аз рӯи ҳаҷм мувофиқтар буда, дар худ иттилоотнокии нисбатан зиёдро доро мебошад. Калонию вазнинӣ, ки дар чунин ҳолат барои рӯйхат хос мегардад, дар шарҳ ба таври осонӣ ба воситаи муттаҳид кардани иттилооти такрорёбандаи сарлавҳаҳо дар шакли тавсифҳои ҷамъбастӣ ба гурӯҳҳои парвандаҳои якнавъа, бартараф карда мешавад. Мазмуни ҳуҷҷатҳои мурракаб ки онҳо дар рӯйхатҳо кушода намешаванд, дар шарҳҳо бо тамоми пуррагии заруриаш нишон дода мешавад.

Ҳалли масъала оиди тартибдиҳии мақсадноки шарҳи пеш аз ҳама вобаста ба мубрамияти мавзӯъ ва теъдоди маводҳои дар бойгонӣ барои инъикоси вай мавҷуд буда, асоснок карда мешавад. Ҳангоми муайян намудани мавзӯи шарҳ вазифаҳои илм, техника, маданият, санъат ва дар навбати аввал илми таърихи муосирро ба назар гирифтан лозим аст. Вобаста ба ин нақшаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии он муассисаҳоеро, ки дар фаъолияти худ ба ҳуҷҷатҳои бойгониҳои давлатӣ такя менамоянд, ба ҳисоб гирифтан зарур аст.[160]

Бо ин мақсад шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисорро дар рисола яке аз корҳои муҳим ҳисобида ба гурӯҳо ҷудо намудем, ва ҳар хазинаи онро мувофиқи гурӯҳо тақсимбанди намудем.

Шарҳи хазинаҳои мазкур дастурамалест, ки ба таҳқиқгарон, умуман ҳамаи шахсони аз маводҳои бойгонии давлатӣ истифодабаранда дар бобати дарёфти саривақтии иттиолооти зарурӣ кумак менамояд. Он бо сохтор ва мундариҷаи хазинаҳои дар филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Ҳисор мавҷуд буда ошно сохта, муроҷиати шаҳрвандонро осон ва самарабахш мегардонад.

Чӣ таврк, ки дар боло ёдрас шудем, дар Филиали бойгонии давлатии ҶТ дар шаҳри Ҳисор ҳуҷчатҳо дар 425 хазина гирд оварда шудаанд.

---

[160] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 299,Р.1,П.16 саҳ 6 (асл)

**Хазинаи бойгонии №1** ҳуҷҷатҳои Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони халқии ноҳияи Ҳисор, ки солҳои 1932-1991-ро дар бар мегирад, ки хусусияти таркибии онҳо хеле васеъ буда, ҳуҷҷатҳои ин хазинаи бойгонӣ аҳмияти аввалиндараҷа дошта ҳуҷҷатҳои он махсусан қиматнок аст. Қарорҳои кумитаи марказии ҳизби комунисти Тоҷикистон, Қарорҳои таъсисёбии ноҳия, ҳуҷҷатҳои хеле қиматнок доир ба вилояти Сталинободро дар бар мегирад. Инчунин ҳуҷҷатҳои хеле нодир ба монанди мактубҳои Президуи Совети Оли Тоҷикистон дар бораи ба забони тоҷикӣ кардани коргузори дар ҷамоатҳои деҳот, рӯихати сафарбарнамои ҷавонони ноҳияи Ҳисор ба Ҷангӣ Бузургӣ Ватанӣ, ҳуҷҷатхо доир сохтмони заводи Гидраизол, ҳуҷҷатҳо доир ба сохтмони аввалин биноҳои баланд ошёна дар ноҳияи Ҳисор ба ғайр аз ин ҳуҷҷатҳои хеле арзишнок зиёданд, ки то соли 1991 давраи Шӯрави аз давраи Истиқлолият ҷудо карда шудааст. Ҳоло дар маҳфузгоҳои бойгонии минтақавии Ҳисор доир ба ХБ№1 2168 парванда мавҷуд аст.[161]

Хазинаи бойгонии **№ 196** Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Регар аз соли 1935 то соли 1959-ро дар бар мегирад. Ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонӣ мавҷуда 527 парвандаро фарогир аст. Таркиби ҳуҷҷатҳои он хусусияти аввалин дараҷа дошта, ҳуҷҷатҳои он махсусан қиматнок ва хусусияти аввалиндараҷа дошта ба монанди қарорҳои котиби якуми ноҳияи Регар, ташкилшавии аввалин артелҳои хоҷагии қишлоқ, колхозу совхозҳо муттаҳиднамоии колхозҳо ташкилёбии ҷамоатҳои деҳот ва дигар ҳуҷҷатҳои арзишнок хеле зиёданд. Баъд аз ноҳияи Регар табдил гардидан ба Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони шаҳри Регар соли 1959 ба шаҳри Регар хазинаи бойгонии нав ХБ№ 210 дода шуд, яъне ҳуҷҷатҳои шаҳр аз ноҳия ҷудо карда шуд, ки таркаиби ҳуҷҷатҳои он асосан доир ба сохтмони биноҳои ба шаҳр мутобиққунонии Регар мебошад. Масалан қарорҳои Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони шаҳри Регар доир ба сохтмони биноҳои балад ошёна амсоли ин дигар қарорҳову протоколҳои дигар, инчунин ҳисоботҳои солона то соли 1962 дар ҳаҷми 258 парванда нигоҳдори карда мешавад.

[161] ФБМД ҶТ дар ш.Ҳисор ХБ №1 Р.1.2.3.4.5.6 п.1-2168

Соли 1978 баъд аз қабули Конститутсияи нав тағиротҳои зиёд ба вуҷуд омаданд. Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони шаҳри Регар ба Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Турсунзода иваз карда шуда хазинаи бойгонии он низ аз ХБ№ 210 ҷудо карда шуд. Ҳоло дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ№ 388 Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Турсунзода маҳфуздори шуда, ҳуҷҷатҳои он солҳои 1979 -1991-ро дар бар гирифта бо теъдоди 561-парванда нигоҳдорӣ карда мешавад[162].

Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияии Алмосии дар филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ХБ № 328, бо теъдоди 22-парванда солҳои 1944-1948 ро фарогир буда дар маҳфузгоҳи бойгонӣ нигоҳдори карда мешавад. Ноҳияи Алмосӣ 4-сол фаъолият намуда, теъдоди парвандаҳои он хеле кам буда, бисёре аз ҳуҷҷатҳои он дар ХБ№1 ҷойгир карда шудааст.[163]

Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Пахтаобод таҳти ХБ № 247 маҳфуздори шуда, дорои 177-парванда буда солҳои 1937-1953 фаъолият кардааст. Таркиби ҳуҷҷатҳои он аҳмияти илми таърихи дошта, асосан протоколҳои котибони якум ва сохтмони заводи равғани эферинос ҳуҷҷатҳои хеле арзишнок мебошанд.[164]

ХБ № 42 Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Шаҳринав буда, дар ин хазинаи бойгонӣ ҳуҷҷатҳои солҳои 1935-1959 нигоҳдори карда мешавад. Аз соли 1959 ноҳияи Шаҳринав ба ноҳияи Ҳисор ва шаҳри Турсунзода ҳудудҳояш тақсим карда шуд. Аз ин лиҳоз таҳқиқотчи метавонад ҳуҷҷатҳоро доир ба таърих, фарҳанг, иқтисодиёти ноҳияи Шаҳринав аз ХБ№ 1, ХБ№, 258, ХБ№ 388, дастрас намояд. Ҳуҷҷатҳо доир ба ноҳияи Шаҳринав то соли 1959 бо теъдоди 483 парванда дар маҳфузгоҳои

---

[162] ФБМД ҶТ дар ш.Ҳисор ХБ№210 Р.1. 258п, ФБМД ҶТ дар ш. Ҳисор ХБ№196 р.1-2. 527п, ХБ№ 56. Р.3 п.48
[163] ФБМД ҶТ дар ш.Ҳисор ХБ№328 Р.1 22п
[164] ФБМД ҶТ дар ш. Ҳисор ХБ№247 Р.1.2 177 п

филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор нигоҳдори карда мешавад.[165]

Ҳуҷҷатҳои гурӯҳи аввал баъд аз соли 1991 ҷудо карда шуда ба ҳар як хазинаофаранда хазинаи нав дода шуд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии н. Ҳисор аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-сентябри соли 1991) дар шакли Комитети ичроияи Шӯрои депутатҳои халқӣ арзи ҳастӣ дошт. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994, моддаи 76 ) номи Комитети иҷроияи Шурои депутатҳои халқиро ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ табдил дод. Ҳокимияти маҳаллии ноҳиявӣ аз мақомоти намояндагӣ ва ичроия иборат буда, салоҳияти худро дар доираи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба амал баровард.[166]

Ба Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор хазинаи бойгонии нав ХБ№ 404 дода шуд. Ба руйхати мазкур ҳуҷҷатҳои иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва Дастгоҳи раиси ноҳия ворид карда шудааст. Ҳуҷҷатҳои Дастгоҳи иҷроияи раиси ноҳияи Ҳисор бори аввал коркард карда шуда дар бойгонии давлатӣ аз соли 1992-2012 бо теъдоди 491 парванда қарор доранд. Ҳуҷҷатҳои қабул гардида дар 3 рӯихат ҷо карда шудааст. Рӯихати №1 ҳуҷҷатҳои дорои аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию таърихии давраи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Парвандаҳо вобаста ба сохтори давлатӣ номгузори карда шудаанд. Чунончи аз соли 1992 то соли 1995 протокол ва қарорҳои маҷлиси Комиҷроия давом карда, минбаъд ба ҷои он Қарорҳои раиси ноҳия ва ба ҷои қарорҳои сесияи шӯрои депутатҳои халқӣ-иҷлосияи Маҷлиси вакилон қабул гардид[167].

Ноҳияи Шаҳринав бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03,01,1992 таҳти №483 ҳамчун воҳиди ягонаи маъмурӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҳисор ҷудо карда шуд.

---

[165] ФБМД ЧТ дар ш. Ҳисор ХБ№ 42 Р.1.2 483 п
[166] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 304,Р.1,П.4 саҳ 5 (нусха, душворхон, дар қоғази нафис)
[167] ФБМД ЧТ дар ш.Ҳисор ХБ 404 Р.1.4 491 п

Бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти мақомот Қарори Президиуми (Раёсати) Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили комиссияи ноҳиявӣ» оид ба интихоботи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Шаҳринав аз 30,01,1992 ба имзо расид.

Интихоботи аввалини Шӯрои депутатҳои халқии ноҳия ба рӯзи 19,04,1992 таъин гардид. Интихобот дар ду давра (19,04,1992 ва 26,04,1992 ) шуда гузашт.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994 номи Комитети иҷроияи шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқиро ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иваз намуд. Инчунин ба ҷои Шӯрои депутатҳои халқӣ, ки мақомоти олии маҳаллӣ буд, Маҷлиси вакилон интихоб гардид.

Ҷамоати деҳоти Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Сабо, Ҷамоати деҳоти Селбур, Ҷамоати деҳоти Чузӣ (ҳоло Чуст), Ҷамоати деҳоти Боғистон, Ҷамоати деҳоти баноми Акрам Ҳасанов, Ҷамоати деҳоти ба номи Мирзо Турсунзода ба ноҳияи Шаҳринав гузаронида шуд.

Ҳуҷатҳои хазинаи бойгонии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии н. Шаҳринав бори аввал коркард карда шуда, дар бойгонӣ таҳти № 408 қарор доранд, ҳуҷҷатҳои дар хазинаи бойгони қабул намуда аҳмияти илмӣ таърихи ва фарҳангӣ дошта асосан қарорҳои раиси ноҳия, протоколҳои маҷлиси вакилон, ҳисоботҳои солона, баланси ноҳия, ҳуҷҷатҳо доир ба таъсиси ҷамоатҳо ивази ном ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки имрӯз таърихи ноҳияи Шаҳринавро муаян менамоянд аз соли 1992 то соли 1994 дар ҳаҷми 360 парванда нигоҳдори карда мешавад.[168]

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ш. Турсунзода аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-сентябри соли 1991) дар шакли Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқӣ амал мекард. Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон (соли 1994) дар баробари тағйир додани сохтори ҷаъмиятӣ номи мақомотҳои идоракуниро иваз намуд.

---

[168] ФБМД ҶТ дар ш.Ҳисор ХБ№ 408 Р.1.3 360 п

Номи Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ш. Турсунзода ба Мақомоти иҷроияи маҳалии Ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода иваз карда шуд.

Ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ш. Турсунзода бори дуюм коркард карда шуда, дар бойгонии давлатӣ таҳти № 412 қарор доранд. Ҳуҷҷатҳои Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода баъд аз истиқлолияти давлати аз ҳуҷҷатҳои то истиқлолият ҷудо карда шуда, ҳуҷҷатҳо дорои аҳмияти таърихи илмӣ буда асосан қарорҳои раиси шаҳр, протоколҳои маҷлиси вакилон, ҳисоботҳои солона, ва ҳуҷҷатҳои мақомот бо ҳама бахшҳояш аз соли 1992 то соли 2014 дар ҳаҷми 390 парванда нигоҳдори карда мешавад.[169]

Тибқи қоидаҳои асосии кори бойгонидори шарҳи хазинаҳои бойгони бо тартиби муқараршудаи он сохта мешавад. Ба гурӯҳи дуюми шарҳи хазинаҳои бойгонӣ Ҷамоатҳои деҳот (шӯрои қишлоқ) муқарар шудааст.

Дар таҳқиқот ҷамоатҳои деҳоти ноҳияҳоро ҷудо намудем, ва ҷамоатҳои деҳоти барҳамхурда ва амалкунанда, ки дар бойгонӣ ба онҳо хазинаҳои бойгонӣ дода шудааст бо теъдоди парванда ва хронология шарҳ медиҳем.

Шӯрои қишлоқи Алмосӣ, марказаш деҳаи Бобосурхон ба он ХБ № 349 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1939-1991 бо теъдоди 606 парванда нигоҳдори карда мешавад.

Шӯрои қишлоқи Деҳқонобод марказаш деҳаи Деҳқонобод ба он ХБ № 354 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои солҳои 1965-1991бо теъдоди 404 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Шӯрои қишлоқи Дурбат марказаш деҳаи Турдибобо ба он ХБ № 351 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои солҳои 1965-1991-ро бо теъдоди 440 парванда нигоҳдори менамояд.

Шӯрои қишлоқи Қарамқул марказаш деҳаи Қарамқул ба он ХБ № 289 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1934-1991-ро бо теъдоди 204 парванда нигоҳдори карда мешавад.

---
[169] ФБМД ҶТ дар ш.Ҳисор ХБ№ 412 Р.1.4 360 п

Шӯрои қишлоқи Қипчоқ марказаш деҳаи Латахорак ба он ХБ № 303 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1935-1953-ро бо теъдоди 35 парванда нигоҳдори менамояд.

Шӯрои қишлоки Мирзо Ризо марказаш деҳаи Тӯда бо он ХБ № 276 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1955-1991-ро бо теъдоди 189 парванда нигоҳдори менамояд.

Шӯрои қишлоқи Навобод марказаш деҳаи Ҳуҷум ба он ХБ № 283 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1952-1991 ба миқдори 910 парванда нигоҳдори карда мешавад. Шӯрои қишлоқи Хонақоҳ марказаш Шуробиафғон ба он ХБ № 269 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1931-991 ба миқдори 671 парванда нигоҳдори карда мешавад. Шӯрои қишлоқи Хонақоҳи Кӯҳӣ марказаш деҳаи Чангоб ба он ХБ № 212 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1944-1991 ба миқдори 407 парванда нигоҳдори карда мешавад.

Шӯрои қишлоқи ба номи Акрам Ҳасанов марказаш деҳаи Каттабуйникингир ба он ХБ № 284 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1955-1991 ба миқдори 564 парванда нигоҳдори карда мешавад.

Шӯрои қишлоқи Ҳисор марказаш деҳаи Ҳисор ба он ХБ № 3 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1940-1991 ба миқдори 407 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Шӯрои қишлоқи Чузӣ марказаш деҳаи Чузӣ ба он ХБ № 290 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1965-1991 ба миқдори 199 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Ҳисор, марказаш деҳаи Ҳуҷум ба он ХБ № 406 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1992-2010 ба миқдори 56 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ҷамоати деҳоти шаҳраки Шарораи ноҳияи Ҳисор ба он ХБ№ 418 дода шудааст, ки солҳои 1991-2014 ба миқдори 56 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ҷамоати деҳоти «Сомон»-и ноҳияи Ҳисор марказаш деҳаи Шӯроби афғон ба он ХБ№ 420 дода шудааст, ки солҳои 1989-2013 ба миқдори 191 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ба **ш**ӯрои қишлоқи Гарави шаҳри Турсунзода ХБ № 213 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1953-1985 ба миқдори 664 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ба шӯрои қишлоқи Кирови шаҳри Турсузода марказаш деҳаи Пахташиркат ХБ № 129 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1937- 1978 ба миқдори 538 парванда нигоҳдорӣ карда шудааст.

Ба шӯрои қишлоқи Қаратоғи шаҳри Турсунзода марказаш деҳаи Аскари Сурх ХБ № 387 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1936 -1977 ба миқдори 289 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ба шӯрои қишлоқи Пахтаободи шаҳри Турсунзода ХБ № 286 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1953-1967 ба миқдори 194 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ба шӯрои қишлоқи Сешанбеи шаҳри Турсунзода ХБ № 288 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1940-1977 ба миқдори 711 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ба шӯрои қишлоқи Навободи шаҳри Турсунзода ХБ № 36 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1967-1983 ба миқдори 246 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ба ҷамоати деҳоти «10-солагии истиқлолият»-и шаҳри Турсунзода ХБ № 405 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1992-2013 ба миқдори 320 парванда нигоҳдори карда мешавад, ҷамоати деҳот баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ таъсис дода шудааст.

Ба ҷамоати деҳоти ба номи Турсун Тӯйчиеви шаҳри Турсунзода ХБ № 414 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1998-2012 ба миқдори 255 парванда нигоҳдори карда мешавад. Ба хазинаи бойгонӣ илова карда мешавад чун, ки хазинаофаранда фаъолияташро қатъ накардааст.

Ба ҷамоати деҳоти ба номи Ҷӯра Раҳмони шаҳри Турсунзода ХБ № 415 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1951-2012ба миқдори 555 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад. Ба хазинаи бойгони илова карда мешавад.

Ба ҷамоати деҳоти Сешанбеи шаҳри Турсунзода ХБ № 413 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1992-2007 ба миқдори 211 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад. Ба хазинаи бойгонӣ илова карда мешавад.

Ба шӯрои қишлоқи Қадиҷӯйбори ноҳияи Шаҳринав ХБ № 52 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазина аз солҳои 1935- 1958 ба миқдори 1013 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ба шӯрои қишлоқи Пуштимиёнаи ноҳияи Шаҳринав ХБ № 60 дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои ин хазинаи бойгонӣ солҳои 1949-1954 ба миқдори 15 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Ба ҷамоати деҳоти Чузии ноҳияи Шаҳринав ХБ № 409 дода шудааст, ки солҳои 1983-2012 ба миқдори 308 парванда нигоҳдорӣ карда мешавад.

Хазинаҳои бойгониҳои дар боло нишондода шуда Хазинаҳои ҷамоатҳои деҳот буда ҳуҷҷатҳои ин хазинаҳо муаянкунандаи таърихи деҳаҳо ва ҷаоатҳо мебошанд. Таркиби ҳуҷҷатҳои нигоҳдоришаванда асосан қарорҳои ҷамоат, қарорҳои раиси ҷамоат, маҷлиси вакилони ҷамоат, ҳисоботҳои ҷамоат доир ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияткунандаи ҳаёти иҷтимоӣ, китоби хоҷагиҳоро ташкил медиҳанд.

Хазинаи Бойгонии идора муасисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо, колхозу савхоз ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ ба гурӯхи сеюми шарҳи хазинаҳои бойгонӣ маҳсуб шудаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур нозиротҳои идораи оморри ноҳияҳоро пай дар пай ба шакли кӯтоҳ оварданашро зарур ҳисобидем. Нозири идораи омори маркази ноҳияи Ҳисор, моҳи марти соли 1941 таъсис ёфтааст ва ба он ХБ №13 дода шуда, дорои 192 парванда , ҳудуди солҳои 1934-1959-ро дар бар мегирад

Нозири идораи омори маркази ноҳияи Пахтаобод, соли 1936 таъсис ёфта, соли 1953 барҳам хӯрдааст ба он ХБ № 294 дода, шуда дорои 35 парванда буда, солҳои 1936-1962-ро дар бар мегирад.

Нозири идораи омори маркази ноҳияи Регар, соли 1936 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 295 дода шуда, дорои 46 парванда буда , солҳои 1934-1962-ро дар бар мегирад.

Нозири идораи омори маркази ноҳияи Шаҳринав, соли 1940 таъсис ёфта, соли 1959 барҳам хӯрдааст ба он ХБ № 44 дода шуда, дорои 216 парванда буда, ҳудуди солҳои 1940-1959-ро дар бар мегирад.

Шуъбаҳои молияҳои минтақаи Ҳисор низ яке аз муаянкунандагонӣ таърихи иқтисодии минтақаро равашан менамоянд. Аз ин рӯ шӯъбаҳои молияҳоро дар шарҳи таҳқиқот зарур ҳисобидем. Баъд аз соли 1994 шӯъбаҳои молияҳо ба Раёсати молия табдили ном кард. Шуъбаи молияи кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Ҳисор, соли 1932 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 2, дода шудааст, дорои 491 парванда буда ҳудуди солҳои1932-2014-ро дар бар мегирад.

Шуъбаи молияи кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Пахтаобод, соли 1936 таъсис ёфта,соли 1953 барҳамхурдааст, ба он ХБ № 187, дода шудааст, дорои 43 парванда буда, ҳудуди солҳои 1936-1953-ро дар бар мегирад.

Шӯъбаи молияи кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Регар, соли 1936 таъсис ёфтааст, ба он ХБ № 211 дода шудааст, дорои 195 парванда буда, ҳудуди солҳои 1935-1970-ро дар бар мегирад.

Шӯъбаи молияи кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ноҳияи Шаҳринав, соли 1929 таъсис ёфта, соли 1959 аз сабаби ба ноҳияи Ҳисор ҳамроҳ кардани ноҳияи Шаҳринав барҳам хӯрдааст ба он ХБ № 37 дода шудааст, дорои 91 парванда буда, ҳудуди солҳои 1929-1960-ро дар бар мегирад. Аз соли 1992 баъд аз таъсиси ноҳияи Шаҳринав ба Раёсати молияи ноҳияи Шаҳринав хазинаи бойгонии нав даврони Истиқлолият дода шуд.

Яке аз муаянкунандагонӣ таърихи минтақаи Ҳисор корхонаҳои саноатии минтақа аст, шарҳи хазинаҳои корхонаҳои саноатиро дар ин боб зарур ҳисобидем, то ки таҳқиқотчиён аз таърихи корхонаҳои саноатии минтақаи Ҳисор ва саҳми онҳоро дар рушди иқтисодии кишвар муаян созанд. Яке аз корхонаҳои саноатии бузурги минтақа ва кишвар заводи «Алюмини тоҷик»-и ноҳияи Регар аст, ки ба он ХБ № 360 дода шудааст, ки дорои 27 парванда буда, ҳудуди солҳои 1965-1972-ро дар бар мегирад. Боқимонда ҳуҷҷатҳо дар бойгонии идоравии заводи Алюмини нигоҳдошта мешавад ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳои он зери назорати филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор қарор дорад[170].

Иттиҳодияи истеҳсолии «Гидростройматериал»-и ноҳияи Ҳисор ,аз 30-июли соли 1969 дар Ҳисор заводи «Гидрозол» ба фаъолият оғоз намуд, ин аз 1-январи соли 1972 номи иттиҳодияи истеҳсолии «Гидростройматериал”-ро ба худ гирифт ба он ХБ № 27 дода шудааст, ки дорои 264 парванда буда, ҳудуди солҳои солҳои 1969-1988-ро дар бар мегирад.

Заводи хишти сафолии ноҳияи Ҳисор, 2-марти соли 1939-таъсис ёфта, соли 1959- барҳам хӯрдааст ба он ХБ № 8 дода шудааст, ки дорои 33 парванда буда, ҳудуди солҳои 1939-1960- ро дар бар мегирад.

Заводи чарми хоми ноҳияи Ҳисор, 29 октябри соли 1971- таъсис ёфтааст ба он ХБ №16 дода шудааст, ки дорои 28 парванда буда, ҳудуди солҳои 1952-1978- ро дар бар мегирад.

Заводи равғанкашии шаҳри Регар , аз соли 1941-таъсис ёфта, соли 1963 барҳамхӯрдааст ба он ХБ №198 дода шудааст, ки дорои 448 парванда буда, ҳудуди солҳои 1941-1963-ро дар бар мегирад.

Заводи «Асбобҳои сохтмон»-и шаҳри Регар, 19-апрели соли 1964 таъсис ёфта, 1-августи соли 1965 номи заводи таҷҳизонидани насосҳоро гирифт ба он ХБ № 350 дода шудааст, ки дорои 268 парванда буда, ҳудуди солҳои 1964-1972- ро дар бар мегирад.

---

[170] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 304,Р.1,П.5 саҳ 85

Заводи пахтатозакунии ноҳияи Регар, сентябри соли 1937 таъсис дода шуд. Соли 1992 барҳам хӯрдааст ба он ХБ № 186 дода шудааст, ки дорои 1767 парванда буда, ҳудуди солҳои 1937-1986-ро дар бар мегирад, ки таркиби ҳуҷҷатҳои он асосан ҳисобоҳои солонаи омори ва китобҳои музди меҳнат мебошанд.

Заводи консервабарории Чиптураи ноҳияи Шаҳринав соли 1936 таъсис ёфта буд ба он ХБ № 45 дода шудааст, ки дорои 352 парванда буда, ҳудуди солҳои 1936-1979-ро дар бар мегирад. То ин ҷониб заводи мазкур бо номи ҶДММ «Чиптура ” фаъолият дорад.

Доир ба шарҳи ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгони ҳуҷҷатҳои **Хоҷагии қишлоқи** минтақаи Ҳисорро зарур ҳисобидем яке аз пуркунандагони манбаъҳои бойгонӣ ин хоҷагии қишлоқ мебошад. Ҳоло хоҷагиҳои қишлоқ дар назди мақомотҳои иҷроия фаъолият менамоянд.

Идораи истеҳсолии хоҷагии қишлоқи Кумитаи иҷроияи вилояти Ҳисор Шӯрои намояндагони заҳматкашони ҶШС Тоҷикистон, соли 1932 ҳамчун шуъбаи замин таъсис ёфта, соли 1946 ба шуъбаи хоҷагии қишлоқ табдили ном кард ба он ХБ № 26 дода шудааст, ки дорои 444 парванда буда, ҳудуди солҳои 1929-1978-ро дар бар мегирад.

Идораи истеҳсолии хоҷагии қишлоқи Кумитаи хоҷагии қишлоқи Шӯрои ноҳиявии намояндагони меҳнаткашони Регар, соли 1936 шуъбаи замини Кумитаи иҷроияи ноҳияи Регар, таъсис дода шудааст, ва соли 1946 он ба шуъбаи хоҷагии қишлоқ табдили ном кард ба он ХБ№ 386 дода шудааст, ки дорои 625 парванда буда, ҳудуди солҳои 1936-1970-ро дар бар мегирад.

Шуъбаи хоҷагии қишлоқи Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагии ноҳияи Шаҳринав, соли 1929 ҳамчун шӯъбаи замини Кумитаи иҷроияи шӯрои коргарон, деҳқонон ва намояндагони артиши сурх дар Шаҳринав таъсис ёфта буд, соли 1946 ба шӯъбаи хоҷагии қишлоқ табдил дода шуд ба он ХБ № 40 дода шудааст, ки дорои 47 парванда буда, ҳудуди солҳои 1929-1958-ро нигоҳдори менамояд.

Комиссия оиди заминҳои оби Кумитаи иҷроияи Шӯрои вилоятии намояндагони деҳқонон, коргарон ва артиши сурхи Ҳисор, соли 1924 таъсис дода шуда буд ба он ХБ № 364 дода шудааст, ки дорои 95 парванда буда, ҳудуди солҳои 1925-1927-ро нигоҳдори менамояд.

Совхозҳо, колхозҳо (артели хоҷагии кишлоқ) яке аз муаянкунандагони самтҳои таърихи бунёди кишоварзӣ, пахтакори боғу токпарвари дар кишвар мебошанд. Шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақаи Ҳисорро ки доир ба бунёди колхозу совхозҳо артелҳои хоҷаги мебошанд, дар рисолаи мазкур ноҳия ба ноҳия шарҳ медиҳем.

Совхози сабзавоткории «50-солагии «Октябр»-и ноҳияи Ҳисор ,соли 1968 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 5 дода шудааст, ки дорои 88 парванда буда, ҳудуди солҳои 1968-1979-ро фарогир мебошад.

Иттиҳодияи ордени байрақи сурхи меҳнатдори агросаноатии Шаҳринав, моҳи августи соли 1931 дар ҷамоати Шаҳринав ҳамчун совхози винобарории № 2 «Шаҳринав"Трести"Тоҷиквино»-и Комиссариати халқии саноати хӯроквории ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфта буд ба он ХБ № 47 дода шудааст, ки дорои 460 парванда буда, ҳудуди солҳои 1938-1965-ро дар бар мегирад.

Совхози ба номи Дзержинский, ҳамчун хоҷагии озмоишии Донишкадаи илмӣ-тадқиқотӣ заминшиносии Тоҷикистон Вазорати хоҷагии қишлоқ ҶШС Тоҷикистон, дар деҳаи Турдибобо, соли 1972 таъсис ёфта буд ба он ХБ 208 дода шудааст, ки дорои 125 парванда буда, ҳудуди солҳои 1925-1963-ро дар бар мегирад.

Совхози «РоҳиЛенин»-и Трести «Таджиковцепром» –и Вазорати Хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон дар деҳаи Бобосурхони ноҳияи Ҳисор 4-январисоли 1971 таъсис ёфта аст ба он ХБ№ 282 дода шудааст, ки дорои 82 парванда буда, ҳудуди солҳои 1971-1980-ро дар бар мегирад.

Совхоз парваришгоҳи Чиптураи Идораи марказии хоҷагии ҷангал ва нигоҳдории бешазоркунонии назди ШӯроиВазирони ҶШС Тоҷикистон дар нохияи Шаҳринав соли 1951 таъсис ёфтааст ба он ХБ №183 дода шудааст, ки дорои 37 парванда буда, ҳудуди солҳои 1951-1963 нигоҳдори карда мешавад.

Совхози №5-и ангурпарварию, парваришгоҳии Шаҳринави Идораи сабзавоткории назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон ба он ХБ№ 55 дода шудааст, ки дорои 220 парванда буда, ҳудуди солҳои 1939-1961-ро дар мегирад.

Совхози равғани эфири Регар“Эфироноc»-и «Таджиксадвинсовхозтрест» Вазорати саноати хӯроквории ҶШС Тоҷикистон, соли 1931 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 221 дода шудааст, ки дорои 650 парванда буда, ҳудуди солҳои 1931-1971 нигоҳдори карда мешавад.

Дар солҳои 30-юм сохтмони Стансияҳои ноҳиявии мошинӣ- тракторӣ ба амал омад, ки асосан таъсиси стансияҳо соли 1936 оғоз гардида онҳо ба корҳои хоҷагии қишлоқ машғул буданд, Мақсади шарҳи хазинаҳои бойгонии Стансияҳои ноҳиявии мошинӣ-тракторӣ дар он аст, ки таҳқиқотчиён метавонанд бо омӯзиши ин хазинаҳо муаян намоянд, ки дар хоҷагии қишлоқи ноҳияҳои минтақаи Ҳисор чи қадар техника кор кардааст.

Стансияи мошинӣ- трактории «Аскари сурх»-и ноҳияи Ҳисор дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон, соли 1936 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 30 дода шудааст, ки дорои 335 парванда буда, ҳуҷҷатҳои солҳои 1951-1960 нигоҳдори карда мешавад.

Стансияи ноҳиявии мошинӣ-трактории Ҳисор, дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон соли 1935 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 29 дода шудааст, ки дорои 337 парванда буда, ҳуҷҷатҳои солҳои 1935-1959 нигоҳдори карда мешавад.

Стансияи мошинӣ-тракторий Қаратоғи Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон, соли 1937 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 39 дода шудааст, ки дорои 70 парванда буда, ҳуҷҷатҳои солҳои 1939-1960 нигоҳдори карда мешавад.

Стансияи ноҳиявии мошинӣ – тракторий Пахтаобод дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон, соли 1935 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 197 дода шудааст, ки дорои 125 парванда буда, ҳуҷҷатҳои солҳои 1935-1958 нигоҳдори карда мешавад.

Стансияи ноҳиявии мошинӣ-трактории Регар дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон, соли 1935 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 192 дода шудааст, ки дорои 139 парванда буда, ҳуҷҷатҳои солҳои 1946-1959-ро нигоҳдори менамояд.

Стансияи ноҳиявии мошинӣ-трактории Шаҳринав дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон, соли 1937 таъсис ёфтааст ба он ХБ № 41 дода шудааст, ки дорои 157 парванда буда, ҳуҷҷатҳои солҳои 1944-1950 нигоҳдошта мешавад.

Стансияи ноҳиявии мошинӣ-трактории Шулюм дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон, 20-июли соли 1951 таъсис ёфа, 24 феврали 1956 барҳам хӯрдааст ба он ХБ № 69 дода шудааст, ки дорои 20 парванда буда, ҳуҷҷатҳои солҳои 1952-1956 нигоҳдошта мешавад.

**Артелҳои хоҷагии қишлоқ (колхозҳо)** дар бунёди тартиботи шӯрави накши муҳим гузоштаанд. Дар солҳои сиюми асри 20 таъсиси артелҳо дар минтақаи Ҳисор оғоз шуданд. Бойгонии минтақавии Ҳисор баъд аз барҳамхурии артелҳо ҳамаи ҳуҷҷатҳои онҳоро ҷамъовари намуда ба онҳо хазинаи бойгони додааст. Мақсад аз шарҳи хазинаҳои бойгонии артелҳои хоҷагии қишлоқ дар он аст, ки таҳқиқотчиён метавонанд аз ин хазина доир ба таъсиси колхозҳо, маводи истеҳсолменамудаи он, саҳми он дар пешрафти Тоҷикистон, қаҳрамонҳои меҳнати сотсиалистӣ, ки дар ин артелҳо фаъолият намудаанд, ҳудуди заминҳои онҳо, хулас як давраи таърихиро доир ба хоҷагии қишлоқ муаян намоянд. Артелҳои хоҷагии қишлокро ноҳия ба ноҳия шарҳ медиҳем.

Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и «РоҳиЛенин», Шӯрои қишлоки Алмосӣ таҳти ХБ № 128, бо теъдоди 275 парванда, солҳои 1936-1962 дар бойгонии минтақавии Ҳисор нигоҳ дошта мешавад. Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и ба номи Дзержинский, Шӯрои қишлоқи Дурбат таҳти ХБ №149, бо теъдоди 126 парванда, солҳои 1936-1962 нигоҳдори карда мешавад. Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и «Мопр» , Шӯрои қишлоқи Навобод таҳти ХБ № 147, бо теъдоди 292 парванда, солҳои 1936-1963 нигоҳдори карда мешавад.

Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и ба номи Каканович, Шӯрои қишлоқи Хонақо тахти ХБ № 92, бо теъдоди 72 парванда , ҳудуди солҳои 1938-1957 нигоҳдори карда мешавад. Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и «Дӯстӣ», Шӯрои қишлоқи Хонақоҳи Кӯҳи тахти ХБ № 263, бо теъдоди 173, парванда солҳои 1940-1973 нигоҳдори карда мешавад. Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и ба номи Ленин, Шӯрои қишлоқи ба номи Ҳасанов тахти ХБ № 81, бо теъдоди 255 парванда, солҳои 1939-1973 нигоҳдори карда мешаванд. Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и ба номи Байналмилал, Шӯрои қишлоқи Ҳисор тахти ХБ № 91, бо теъдоди 159 парванда, солҳои 1942-1960 нигоҳдори карда мешавад[171].

Артели хоҷагии қишлоқ ( колхоз)-и «СъездиХХ11-и партия», Шӯрои қишлоқи Гарави шаҳри Турсунзода (ҳоло хоҷагии ба номи Буриев) тахти ХБ № 353, бо теъдоди 532 парванда, солҳои 1936-197 нигоҳдори крда мешавад. Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и ба номи Ждановӣ Шӯрои қишлоқи Қаратоғи шаҳри Турсузода (ҳоло Дӯстӣ) тахти ХБ № 246, бо теъдоди 109 парванда, солҳои 1939-1977 нигоҳдори карда мешавад. Артели хоҷагии қишлоқ (колхоз)-и «Правда»-и Шӯрои қишлоқи Сешанбеи шаҳри Турсунзода тахти ХБ № 257, бо теъдоди 193 парванда, солҳои 1937-1973 нигоҳдори карда мешавад.

Фабрикаи парандапарварии Чептура соли 1950 дар ноҳияи Шаҳринав таъсис дода шуд, ҳоло ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор тахти ХБ № 58, бо теъдоди 124 парванда, солҳои 1950-1979 нигоҳдори карда мешавад.

Дар соли 1930 Системаи ирригатсионии Қаратоғ дар назди Вазорати оби ҶШС Тоҷикистон ташкил дода шуд, ки ҳуҷҷатҳои он тахти ХБ № 54, бо теъдоди 82 парванда, солҳои 1930-1952 нигоҳдори крда мешавад.

Идороҳои **сохтмони** низ яке аз манбаҳои пуркунии бойгони ба ҳисоб мераванд. Чун, ки ҳуҷҷатҳои онҳо аҳмияти иқтисоди ва фарҳангӣ дорад. Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри

---
[171] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 364,Р.1,П.17 саҳ 2

Ҳисор ҳуҷҷатхои корхонаҳои саноатии минтақаро ҷамъовари намуда ба онҳоро дар хазинаи бойгонии миллӣ ҷо намудааст, ки шарҳи онҳоро дар рисолаи мазкур зарур ҳисобидем.

Идораи сохтмонии Регар «Алюменстрой» –и Трести сохтмонӣ-васлкунии «Тоҷикгидроэнергострой» –и Вазорати энергетика ва электрофикатсияи СССР, соли 1965 дар шаҳри Турсунзода таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он таҳти ХБ № 267, бо теъдоди 87 парванда, солҳои 1957-1973 нигоҳдори карда мешавад.

Комбинати иттиҳодияи маишӣ-коммуналии Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Ҳисор, соли 1932 ҳамчун шуъбаи хоҷагии манзилию коммунали таъсис дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои он таҳти ХБ № 11, бо теъдоди 2357 парванда, солҳои 1957-1983 нигоҳдори карда мешавад.

Комбинати иттиҳодияи манзилю коммуналии Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Регар, соли 1936 ҳамчун шуъбаи хоҷагии коммунали таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он таҳти ХБ № 237, бо теъдоди 3578 парванда, солҳои 1935-1958 нигоҳдори карда мешавад.

Комбинати иттиҳодияи манзилю коммуналии Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Шаҳринав, соли 1929 таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он таҳти ХБ № 65, бо теъдоди 40 парванда, солҳои 1940-1962 нигоҳдошта мешавад.

Яке аз муаянкунандагони таърих ва фарҳанги миллат ин маориф аст. Дар рисолаи мазкур хазинаҳои бойгонии шӯъбаҳои маорифҳои минтақаи Ҳисорро шарҳ медиҳем, ки таркиби ҳуҷҷатҳои он пурра ҳуҷҷатҳои таърихи мебошанд.

Шуъбаи маорифи халқи Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Ҳисор, соли 1932 таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 252, бо теъдоди 682 парванда, солҳои 1932-2010 нигоҳдори карда мешавад.

Шуъбаи маорифи халқи Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Пахтаобод, соли 1937 таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 205, бо теъдоди 97 парванда, солҳои 1937-1953 нигоҳдори карда мешавад.

Шуъбаи маорифи ноҳияи Шаҳринав ҳуҷҷатҳояш баъд аз ба даст даровардани Истиқлолияти давлати ва таъсиси ноҳия соли 1992 дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 417, бо теъдоди 83 парванда, солҳои 1993-2012 нигоҳдори карда мешавад.

Яке аз муҳофизони таърих ин матбуот аст, бойгонии минтақавии Ҳисор аз рӯзи ба фаъолият шурӯъ намуданаш, яке аз корҳои муҳими анҷомдодааш ин (подшивка) нигоҳдории рӯзномаҳо мебошад. Ҳоло дар бойгонии минтақавии Ҳисор рӯзномаҳои ҳар давраинаи чопшудаи ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор ва Турсунзода (басту банд) подшивка карда мешавад. Инчунин рӯзномаҳои барҳамхӯрдаи минтақа низ нигоҳдори карда шудааст.

Рӯзномаи «Қизил Пахтакор», органи Кумитаи ҳизбӣ ва Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Пахтаобод дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 235, бо теъдоди 10 баста (подшивка), солҳои 1935-1953 нигоҳдори карда мешавад.

Рӯзномаи «Ленин Юли», органи Кумитаи ҳизбӣ ва Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Регар дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ №308, бо теъдоди 41 баста (подшивка), солҳои 1965-1969 нигоҳдори карда мешавад.

Рӯзномаи «Ҳақиқати Ҳисор» ,органи Кумитаи ҳизбӣ ва Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Ҳисор дар бойгонии минтақвии Ҳисор таҳти ХБ № 28, бо теъдоди 93 баста (подшивка), солҳои 1934-1986 нигоҳдори карда мешавад.

Дар рисолаи мазкур шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақа ки ба Интернатҳо, мактабҳо, омӯзишгоҳо дода шудаст нишон медиҳем, ки то таҳқиқотчиён доир ба мактаб интернатҳо ва омӯзишгоҳои минтақаи Ҳисор маълумот пайдо намоянд.

Интернати давлатии шуъбаи маорифи халқии Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Ҳисор дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 9 қарор дошта, бо теъдоди 33 парванда, солҳои 1946-1960 нигоҳдори карда мешавад.

Хонаи кӯдаконаи «Лесная школа» -и Ҳисор, дар назди Вазорати маорифи ҶШС Тоҷикистон, дар деҳаи Қипчоқ барои кӯдакони аз Лаҳистон омада соли 1946 сохта ба истифода дода шуд ҳуҷҷатҳои дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 6, бо теъдоди 33 парванда, солҳои 1949-1960 нигоҳдори карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои Мактаб - интернати ноҳияи Шаҳринав дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ№ 68, бо теъдоди 99 парванда, солҳои 1952-1956 нигоҳдори карда мешавад.

Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ҳисор, дар назди Вазорати маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон, соли 1964 таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ№ 279, бо теъдоди 601 парванда , солҳои 1964-1970 нигоҳдори карда мешавад.

Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №11 Чептураи ноҳияи Шаҳринав, дар назди Кумитаи давлатии Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба маълумоти касби- техникӣ соли 1936 таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 38, бо теъдоди 387 парванда, солҳои 1936-1965 нигоҳдори карда мешавад.

Дар бойгонии минтақавии ҳисор ҳуҷҷатҳои Идораҳои илмӣ- тадқиқотии минтақа низ нигоҳ дошта мешавад. Стансияи таҷрибавии минтақавии Осиёи Марказӣ дар ноҳияи Пахтаобод соли 1938 таъсис дода шуд, ки ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 222, бо теъдоди 43 парванда, солҳои 1938-1953 нигоҳдори карда мешавад.

Хоҷагии марказии Донишкадаи илмӣ- тадқиқоти заминдори дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон, соли 1929 ҳамчун Стансияи таҷрибавии растани парварии ҷумҳуриявииТоҷикистон дар вилояти Ҳисор

таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор тахти ХБ № 306, бо теъдоди 1553 парванда, солҳои 1929-1971 нигоҳдори карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои Шуъбаҳои тандурустӣ ва беморхонаҳо дар минтақаи Ҳисор доир ба таъсиси беморхонаҳо ва фаъолияти онҳо маълумот медиҳад, ки доир ба он шарҳи ХБ-и онҳоро дар инҷо нишон медиҳем. Шуъбаи тандурустии Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони меҳнаткашони ноҳияи Регар соли 1935 бо таъсисёбии ноҳия таъсис дода шудааст, ки ҳуҷҷатҳои дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ №15, бо теъдоди 54 парванда, солҳои 1935-1987 нигоҳдори ккарда мешавад.

Беморхонаи марказии ноҳияи Ҳисор, дар назди Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон, соли 1929 таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 4, бо теъдоди 101 парванда, солҳои 1932-1979 нигоҳдошта мешавад.

Беморхонаи марказии ноҳияи Регар дар назди Вазорати тандурустии ҶШС Тоҷикистон соли 1952 таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 260, бо теъдоди 171 парванда, солҳои 1952-1978 нигоҳдори карда мешавад.

Махавхона Беморхонаи (Лепрозория)-и ноҳияи Ҳисор, соли 1936 таъсис ёфтааст ҳуҷҷатҳои он дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ№ 21, бо теъдоди 114 парванда, ҳудуди солҳои 1946-1960 нигоҳдори карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои Иттифоқи касабаи Вилояти Ҳисор нигоҳдори карда мешаванд, ки ҳуҷҷатҳои хеле пурарзишбуда дар бойгонии минтақавии Ҳисор ҳуҷҷатҳои он таҳти ХБ № 365, бо теъдоди 44 парванда, солҳои 1925-1950-ро дар бар мегирад.

Яке аз корҳое, ки имрӯз филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри анҷом медиҳад, ин ташкили хазинаҳои бойгонии шахсони хизматнишондодаи Ҷумҳури аз минтақаи Ҳисор мебошад. Мақсад аз ташкили хазинаҳои бойгонии ҳайати шахси дар он аст, ки мо бояд ба наслҳои оянда ки будани онҳоро ва хизматҳои шоёни онҳоро нишон диҳем. То ҳоли ҳозир дар бойгонии минтақавии Ҳисор 23-хазинаи ҳайати шахси аз

ҳисоби омӯзгорони хизматчинодода, қаҳрамонҳои меҳнати сотсиалистӣ, устодони пахтаи тоҷик, шоирону нависандагони минтақа ва фонд колексияҳои дигар таъсис додааем, ки дар рисолаи мазкур шарҳи хазинаҳои бойгонии онҳоро меорем.

Хазинаи колективии собиқадорони меҳнат Валиева Нозия ва Раҷабов Зикрилло ҳуҷҷатҳои дар бойгони таҳти ХБ № 384, қарор дошта, бо тедоди 25 парванда, солҳои 1951-1987 нигоҳдори карда мешавад. Хазинаи шахсии собиқадори меҳнат Собиров Искандар таҳти ХБ № 389, бо теъдоди 24 парванда, солҳои 1939-1989 нигоҳдори карда мешавад. Хазинаи шахсии Каҳрамони меҳнати сотсиалисти Ҳамдамов Рисқалӣ таҳти ХБ№ 390, бо теъдоди 14 парванда, солҳои 1948-1989 нигоҳдори карда мешавад. Хазинаи шахсии собиқадори меҳнат Исматов Файзӣ таҳти ХБ№391, бо теъдоди 19 парванда, солҳои 1933-1991 нигоҳдори карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои Хазинаи коллективии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз минтақаи Ҳисор дар бойгонии минтақавии Ҳисор таҳти ХБ № 394, бо теъдоди 45 парванда, солҳои 1941-1945 нигоҳдори карда мешавад.

Хазинаи шахсии Муаллимаи хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муминова Амина таҳти ХБ № 395, бо теъдоди 11 парванда, солҳои 1943-1985 нигоҳдори карда мешавад. Хазинаи колективии Қаҳрамонҳои меҳнати сотсиалистӣ Қироатова Ҳ, Ибодов Ҷ, Василченков К, Л ноҳияи Ҳисор таҳти ХБ № 397, бо теъдоди 15 парванда , соли 1948-1991 нигоҳдори карда мешавад. Хазинаи коллексияи «Заминларзаи Ҳисор», соли 1989, деҳаи Шарора таҳти ХБ № 398, бо теъдоди 58 парванда, соли 1989 нигоҳдори карда мешавад. Хазинаи коллективии иштирокчиёни барқароркунии Ҳукумати конститутсиони аз ноҳияи Ҳисор таҳти ХБ № 399, бо теъдоди 121 парванда, соли 1992 нигоҳдори карда мешавад. Хазинаи шахсии иштирокчии фаъоли сохтмони хоҷагиҳои коллективӣ ва ҷамоатҳо Неъматулло Азизов таҳти ХБ № 402, бо теъдоди 10 парванда, солҳои 1946-1985 нигоҳдори карда мешавад[172].

[172] ФМБД дар шаҳри Ҳисор,ХБ 304,Р.1,П.1 саҳ 109

Хазинаи коллективии вакилони иҷлосияи XV1-и Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минтақаи Ҳисор тахти ХБ № 403, бо теъдоди 90 парванда, соли1992 нигоҳдори карда мешавад.

Хазинаи шахсии узви Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонмуроди Одина тахти ХБ № 407, бо теъдоди 127 парванда, солҳои 1972-2013 ва Хазинаи шахсии узви Иттифоқи нависандагон ва Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизов Фатҳулло тахти ХБ № 410, бо теъдоди 404 парванда , солҳои 1966-2013 нигоҳддори карда мешаванд.

Ҳамин тариқ,дар Филиали бойгонии марказии давлатии ҶТ дар шаҳри Ҳисор имрӯз зиёда аз 425 хазина мавҷуд аст,ки ҳуҷҷатҳои нодирро роҷеъ ба мақомоти маҳалли Ҳокимияти давлатии нохияҳои минтақа аз таъсис то ҳануз, ҳуҷҷатҳои Ҷамоатҳои деҳот,идораву муассисахо,корхонаву ташкилотҳо,стансияҳои ноҳиявии мошинӣ-тракторӣ(СМТ), ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ ва ғ. маълумотҳои нодир медиҳанд.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон дод, ки бойгонӣ воқеъан маҳфуздори сарчашмаҳои нодири дорои аҳамияти сиёсӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва хоҷагидорӣ буда, Бойгониҳои минтақаи Ҳисор низ дар ин маврид дар канор нест. Зимни таҳқиқот масъалаҳои муҳимме мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки хулосабарории онҳо ба тариқи зайл аст:

- Пас аз ғалабаи Инқилоби Бухоро (сентябри соли 1920) водии Ҳисор зери тасарруфи дастаҳои Амир Саид Олимхон қарор дошт. Барои озоднамоӣ, барқарор ва мустаҳакам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ ба ин самт Отряди Эъзомияи ҳарбии Ҳисор сафарбар мегардад. 14 феврали соли 1921 Отряди мазкур Бойсун, 15 феврал Деҳнав, 16 феврал Юрчӣ, Сари-Осиё ва Сари – Ҷӯй, 19 феврал Регарро озод мекунад. 20 феврал аскарони сурх дар набард бо сарбозони амир ғолиб омада, Ҳисору Қаротоғро ба даст даровroutанд. 21 феврал бригадаи якуми савора бо сарварии Я.А.Мелкумов ба Душанбе ворид гардиданд, ки ҳуҷҷатҳои Бойгонии минтақавии Ҳисор гувоҳи онанд [3-М; 4-М; 7-М; 8-М];

- Тибқи маълумоти ҳуҷҷатҳои Бойгонии минтақавии Ҳисор соли 1923 дар ҳудудии Бухорои Шарқӣ панҷ вилоят: Душанбе, Ғарм, Кӯлоб, Қурғон-Теппа ва Сариосиё таъсис ёфт. Минбаъд Шӯрои Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон бо қарори худ аз 14 октябри соли 1925 номи вилояти Душанберо ба вилояти Ҳисор табдил дод. Ба тобеъияти вилоят туманҳои Душанбе, Ҳисор, Қаратоғ, Файзобод, Ёвон ва Янгибозор ворид шуданд. 4 июни соли 1927 маркази маъмурии вилоят аз шаҳри Ҳисор ба шаҳри Душанбе кӯчонида шуд. 6 июни соли 1929 вилояти Ҳисор барҳам дода шуда, ба ҷояш округи Ҳисор таъсис ёфт, ки ба ҳудуди маъмуриаш 5 ноҳия - Сталинобод, Қаратоғ, Лақай Тоҷик, Обигарм ва Янги Бозор дохил мешуд. Округи Ҳисор 15 августи соли 1930 барҳам дода шуда, дар заминаи он ноҳияи Душанбе таъсис ёфт [3-М; 4-М; 7-М; 8-М];

- Танҳо дар асри XIX дар рушди бойгониҳо тағйиротҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меоянд. Маҳз дар ҳамин давра таҳкурсии назариявӣ ва амалии бойгоншиносӣ гузошта мешаванд ва онҳо ба таври расмӣ дар РСФСР бунёд меёбанд. Ин раванди таъсисёбӣ минбаъд ба сохтмони богониҳо дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон замина мегузорад. Бойгониҳо дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ботадриҷ ташкил меёбанд. Сохтмони нахустин бойгониҳо дар Тоҷикистон ба солҳои 20-уми асри XX рост меояд. Бори нахуст бойгониҳои Дюшанбе ва уезди Хуҷанд таъсис меёбанд. Аввалин мақомоти роҳбарикунандаи бойгонҳо дар Тоҷикистон соли 1927 ташкил ёфт. Таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШС Тоҷикистон) (16 октябри 1929) кори бойгонидории тоҷикро вусъат бахшид [3-М; 4-М; 7-М; 8-М];

- Аз ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии шаҳри Ҳисор маълум гардид, ки соли 1938 дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода бойгониҳои давлатии ноҳиявӣ таъсис дода шуданд, вале Бойгониҳои ноҳияҳои Шаҳринав ва Турсунзода имкониятҳои маҳдуд доштаанд. Тибқи ҳуҷҷатҳои саҳеҳи Бойгонии Маркахии давлатӣ дар бойгонии Ҳисор 87 фонд, зиёда аз 13817 парванда мавҷуд будааст. 5 апрели соли 1963 филиали Бойгонии марказӣ дар шаҳраки Ҳисор таъсис меёбад. Солҳои минбаъда фаъолияти бойгонӣ асосан ба ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои корхонаю муассисаҳо нигаронида мешавад. Охири солҳои 80-ум дар шаҳраки Ҳисор кооперативи «Археограф» таъсис меёбад, ки дар самти гирдоварии ҳуҷҷатҳои доимӣ ҳиссагузорӣ менамояд [3-М; 4-М; 7-М; 8-М; 10-М];

- Фаъолияти бойгониҳо маҳз дар солҳои 60-уми асри XX ҷоннок гардида, ба азнавсозиву марказонӣ мепардозанд. Ин даврае буд, ки бойгониҳо аз ҳайати Вазорати корҳои дохилӣ ба ихтиёри Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон гузаштанд. Бойгониҳои шаҳриву ноҳиявӣ ба филиалҳо табдил дода мешаванд;

- Дар солҳои 60-70-ум, қариб дар ҳамаи вилояту шаҳрҳо филиалҳои Бойгонии марказии давлатӣ таъсис дода шуданд. Соли 1989 Низомномаи

нави Сарраёсати бойгонии назди Совети Вазирони РСС Тоҷикисон аз нав тасдиқ гардида, минбаъд вазифаҳои муҳимми бойгониҳоро мушаххасу муайян сохт;

- Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сентябри соли 1991) Саридораи бойгонии назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ба Саридораи бойгонии назди Девони Вазирони Ҷумхурии Тоҷикистон табдил ёфта, минбаъд дар сохтору хайати бойгониҳо низ тағйирот ба вучуд меояд, ки муҳимтаринаш таъсисёбии Хазинаи бойгонии миллии (ХБМ) ҷумҳурӣ буд. Дастоварди дигари бойгондории тоҷик дар солҳои истиқлолият, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ» буд, ки 13 ноябри соли 1998 ба тасвиб расида буд [3-М; 4-М; 10-М];

- Мушаххас гардид, ки аз оғози солҳои 90-ум то имрӯз умдатарин масъалаҳои рушди минбаъдаи бойгониҳои минтақавии Ҳисор - сохтмони бинои нав, баҳисобгирии теъдоди ҳуҷҷатҳои ба хазинаҳои бойгонӣ воридшаванда, таъмини кадрҳои лаёқатманд ва бозомӯзии онҳо, таҳияи дастуру супоришҳои корӣ, омода намудани феҳристи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, сохтмони бинои нав, ҳифз ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ҳамчун ёдгориҳои хаттӣ, хизматрасонӣ ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла тадқиқотчиён маҳсуб меёбанд [3-М; 4-М; 8-М; 10-М];

- Тибқи ҳуҷҷатҳои хазинаи бойгонии №1, Протокол ва ҳисоботҳо, қарорҳои колхозҳо ва ХБ №196, ХБ №212, ХБ №245, ки маҳз ҳуҷҷатҳои ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав ва ноҳияи Регар дар филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор нигоҳ дошта мешаванд, маълум гардид, ки аҳолии ноҳияҳои зикршуда, баробари мардумони дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бухурги Ватанӣ (ҶБВ) (солҳои 1941-1945) дар набардҳо иштирок намуда, меҳнаткашони ақибгоҳ бошанд, шабу рӯз заҳмат кашиданд [8-М; 10-М];

- Аз ҳудуди ноҳияи Регар дар солҳои ҶБВ 4623 нафар ҷавонмардон сафарбар шуда, аз ин теъдод дар задухӯрдҳои шадиди солҳои ҷанг 2525

нафарашон ба Ватан барнагаштанду шаҳиду гумном шуданд. Аз набардҳои ҶБВ 2098 нафар ҷанговарон баъди ғалаба баргаштанд. Дар бойгонии Комиссариати ҳарбии ноҳияҳои Регару Пахтаобод, ки дар бойгонии Комиссариати ҳарбии шаҳраки Ҳисор маҳфузанд, танҳо 837 «Хабарномаи фавт» маҳфуз асту халос. Дар солҳои 1941 – 1945 мувофиқи маълумотҳои бойгонии Комиссариати ҳарбии ноҳияи Шаҳринав зиёда аз 2269 нафар ҷавонон ба набардҳои ҶБВ даъват шудаанд. Танҳо аз як деҳаи Қаротоғ бештар аз 523 нафар ба ҷанг даъват шуда буданду 223 нафари онҳо дар набардҳои ҶБВ қурбон гардиданд [8-М; 10-М];

- Солҳои ҶБВ колхозичиёни хоҷагиҳои ноҳияи Ҳисор, Шаҳринав, Регар уҳдадориҳои хешро оиди ба давлат супоридани пахта, шир, тухм, пашм, пусти ҳайвоноти калон ва хурд, чорвои шохдор ва ғ. иҷро намуда, маҳсулотро ба фонди мудофиа супориданд. Меҳнати босуботу шабонарӯзии меҳнаткашон натиҷаҳои дилхоҳ дод. Масалан, дар ноҳияи Ҳисор соли 1941 нақшаи истеҳсоли пахта 100 фоиз, маҳсулоти зироатӣ 100 фоиз, хӯроки чорво 100 фоиз, пашм 104 фоиз, шолӣ 94 фоиз иҷро шудааст. Соли 1943 дар ноҳия «Хонаи кӯдакон» барои кӯдакони аз Ҷумҳурии Лаҳистон (Полша) муҳоҷиркардашуда барои 75 нафар ташкил дода шуд [8-М; 10-М];

- Маводҳои хазинаҳои Бойгонии минтақаи Ҳисор шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ низ дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринаву Турсунзода аҳолӣ дар таҷдиди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва ғ. хизмати диловарна намуда, ба муваффақиятҳои беназир ноил гардидаанд [8-М; 10-М];

- Гарчанде дар ҳудуди Тоҷикистон дар солҳои ҶБВ амалиётҳои ҷангӣ ва харобиҳои ҷангӣ ба амал наомада буданд, аммо тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба талаботи замони ҷанг мутобиқ кунонида шуда буданд. Аз ин рӯ, зарурияти аз нав ба талаботи замони осоишта баргардонидани хоҷагии халқи ҷумҳурӣ пеш омада буд. Мардумони ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринаву Регар низ барои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ камари химмат бастанд [3-М; 4-М; 8-М; 10-М];

- Соли 1946 дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринав якчанд, колхозҳо барҳам дода шуд, ки сабаби асосии он муҳоҷиркунонии мардуми Шаҳринав ба ноҳияҳои пахтакори мамлакат буд. 27 ноябри соли 1959 ноҳияи Шаҳринав барҳам дода шуд [3-М; 4-М; 8-М; 10-М];

- Мардуи ноҳияи Ҳисор низ дар баробари дигар ноҳияҳо меҳнати софдилона намуданд. Натиҷаи ин заҳматҳо буд, ки дар соли 1946 – ум 210 нафар, соли 1947 – ум 299 нафар, соли 1948 – ум бошад, 258 нафар кормандони хоҷагии халқи ноҳия бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании 1941 – 1945» сарфароз гардонида шуданд [3-М; 4-М; 8-М; 10-М];

- Солҳои 50-ум муттаҳидкунии колхозҳо оғози муваффақиятҳои калони меҳнатӣ гардид. Дар натиҷа даромаднокии хоҷагиҳо афзуд, музди меҳнати колхозчиён ба дараҷаи назаррас зиёд шуд ва некӯаҳволиашон хеле боло рафт. Соли 1946 хоҷагиҳои ноҳияи Регар нақшаи чиниши пахтаро барзиёд иҷро намуданд. Меҳнаткашони саҳроҳои колхозӣ ба давлат 6342 тонна пахта супориданд [3-М; 4-М; 8-М; 10-М];

-Хазинаи (фонди) бойгонӣ – маҷмӯи маводҳои ҳуҷҷатҳое, мебошанд, ки дар раванди фаъолияти муассиса, ташкилот, корхона, инчунин дар раванди ҳаёт ва фаъолитяи ашхоси алоҳида, оила, авлод ба вуҷуд меоянд [9-М];

- Ба таркиби хазинаҳои Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти илмӣ, таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, саноатӣ, кишоварзӣ, маорифу фарҳанг ворид мегарданд [9-М];

- Манбаъи асосии пуркунии хазинаҳои бойгониҳо, аз ҷумла филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор муассисаву ташкилотҳо мебошанд. Барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои «фонзафзо» Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Рӯйхати мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо – манбаи пуркунии бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро таҳия намуд. «Рӯйхат» тибқи Фармони сардори Саридораи бойгонии назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 декабри соли 2010 таҳти №39 тасдиқ шудааст. Ба «Рӯйхат» 381 мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотхо ва корхонаҳо дохил шудаанд [9-М];

